ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 347.63 (575.3)
ТКБ: 67.91
А – 13

АБДУЛХАЙРЗОДА ҶАМИЛА

ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

РОҲБАРИ ИЛМӢ:

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

НАСРИДДИНЗОДА Э.С.

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....3

МУҚАДДИМА.....4–20

БОБИ 1. МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ КӮДАК ВА ҲИФЗИ ОНҲО ДАР ИЛМИ МУОСИРИ ҲУҚУҚШИНОСӢ.....21-104

1.1. Мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....21-45**

1.2. Ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....45-77**

1.3. Асосҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак**.....77-104**

БОБИ2. ИНКИШОФИ ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН.....105-202

2.1. Асосҳои конституцсионии ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....105-129**

2.2. Таносуби ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ**.....129-147**

2.3. Механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....147-174**

ХУЛОСА.....175-179

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....180-182

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО).....183-199

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ….....200-202

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

КО ҶТ – Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикстон

КГ ҶТ – Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

КМ ҶТ – Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҲМ ҶТ – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КМҶ – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

КМГ – Кодекси мурофиаи гражданӣ

СММ – Созмони Миллали Муттаҳид

ТБМ – Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат

СМБ – Созмони Байналмилалии Меҳнат

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

б. – банд

б.б. – бандҳо

қ. – қисм

қ.қ. – қисмҳо

м. – модда

м.м. – моддаҳо

ғ. – ғайра

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тағйироти куллӣ ба амал омад ва қонунгузории ҶТ мавриди ислоҳоти ҳуқуқӣ қарор гирифта, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде доир ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак қабул гардиданд. Дар воқеъ, таъмини ҳуқуқи кӯдак дар амал яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеа маҳсуб меёбад. Далели гуфтаҳо он аст, ки кӯдакон дар ҷомеаҳои мухталиф ба гурӯҳи категорияи алоҳидаи махсус ворид карда шудаанд.

Дар ҷаҳони муосир баробари ба дунё омадан, кӯдакону наврасон сарфи назар аз нигоҳубину ғамхориҳои атрофиён дар маърази таҳдиду хатароти зиёде қарор мегиранд. Набудани ҳимоя ва ғамхории зарурӣ нисбат ба кӯдакон, дар рушду нумуи шахсияти ояндаи онҳо, муносибати онҳо бо дигар аъзои оила ва атрофиён таъсири манфӣ мерасонад. Тавассути давлатҳои мухталифи дунё дар роҳи таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар сатҳи байналмилалӣ бо қабули санадҳои гуногуни универсалӣ ва минтақавӣ торафт иқдомоти бештару муассиртар гирифта мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ пайваста қайд менамоянд, ки таълим ва тарбияи кӯдакон яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, таҳкими масъалаҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак ва паҳлуҳои дигари он барои ҶТ беш аз пеш мубрам мебошад.

Кӯдакон имрӯз қариб дар тамоми давлатҳои ҷаҳон аз лиҳози таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ дорои мақоми афзалиятнок мебошанд. ҶТ низ дар ин миён истисно нест, зеро ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон ва шахсони ноболиғ яке аз самтҳои авлавиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Кӯдакон дар қатори маъюбон, пиронсолон, занони ҳомила ва афроди дорои мушкилоти равонӣ, бештар аз дигарон

мавриди бархӯрди хушунатомез дар ҷомеа қарор мегиранд ва ба ин далел ба ҳимоя ва ғамхории махсус эҳтиёҷ доранд. Бинобар доштани хусусиятҳои синнусолии махсус, кӯдакон наметавонанд мустақилона ба таври лозим ба монанди шахсони калонсол ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя намоянд. Ба ҳамин хотир дар ҶТ бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакон воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ таъсис ва роҳандозӣ шудаанд.

Ҳадафи таъмин ва дастрасӣ ба як зиндагии муносиб барои кӯдакон дар ҳоли ҳозир ва оянда ҳанӯз ҳосил нашудааст ва дар ин миён пешрафтҳои умумии бадастомада на ҳамеша ҷавобгӯи талаботи уҳдадориҳои миллӣ ва байналмилалии кишварҳо мебошад. Ин матлаб дар мавриди вазъи ҶТ низ новобаста аз он ки Ҳукумати кишвар пайваста барои таъмини дахлдори ҳуқуқи кӯдак чораҳои зарурӣ андешида истодааст, дахл дорад. Зеро масъалаи мавзуи ҳуқуқи кӯдак минбаъд низ аз мавзуъҳои мубрам ва рӯзмарра боқӣ мемонад ва ба ин далел лозим аст то фаъолиятҳои марбут дар ин замина идома ёбанд. Дар заминаи мазкур ҶТ иҷтимоисозии ҳуқуқии кӯдакро бояд аз рӯйи принсипҳои ҳуқуқи инсон амалӣ гардонад.

Ба назари мо, дар шароити муосир чанд роҳ ва самти боло бурдани самаранокӣ ва тақвиятбахшии раванди ҳифзи ҳуқуқи кӯдак вуҷуд дорад. Роҳу самтҳои мазкурро метавон ба сифати маҷмуи чорабиниҳо бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои зерин, аз ҷумла тақвияти асосҳои назариявии вазъи ҳуқуқи кӯдак, ҳалли баъзе аз мушкилоти вобаста ба таъмини ҳолати ҳуқуқии кӯдак, татбиқи ҳуқуқи вай дар таҷриба, инчунин, эҷоди механизмҳои нисбатан муассири таъмини манфиатҳои кӯдак муаррифӣ намуд. Бо назардошти ҷанбаҳои мусбати инкишофи минбаъдаи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва муҳим будани ин иқдом, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми январи соли 2015

пешниҳод намуданд, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад[1].

Ин иқдоми нек нишондиҳандаи таваҷҷуҳ ва ғамхории махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба таъмин ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ мебошад. Бинобар ин, мавзуи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак яке аз авлавиятҳои сиёсати ҳуқуқии ҶТ шинохта шудааст, зеро давлат бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, ятимон, кӯдакони маъюб ва кӯдакони бесаробонмонда бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пайваста таваҷҷуҳ ва ғамхории махсус зоҳир менамояд, ки аз мубрам будани мавзуи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад.

Тавре таҷрибаи судӣ ва омори баррасии парвандаҳои оилавӣ нишон медиҳад, миқдори зиёди баҳсҳои судиро вобаста ба парвандаҳои оилавӣ дар амал даъвоҳои шаҳрвандон оид ба бекор кардани ақди никоҳ ташкил медиҳанд. Барои мисол, тибқи омори мавҷуда, дар саросари Тоҷикистон ба таври расмӣ дар маҷмуъ, соли 2018-9727 нафар, соли 2019 – 9676 нафар, соли 2020 – 9175 нафар, соли 2021 – 12302 нафар ва соли 2022 – 11753 шаҳрвандон ақди никоҳашон бекор карда шудааст[2], ки аз ҷумла дар миёни ин оилаҳо кӯдакон ҳам тарбия мешуданд. Бо чунин вазъ мо такмили танзими ҳуқуқии масъалаҳои зиёде доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро ҳангоми ҳалли баҳсҳои судӣ, ки бевосита ба сарнавишти минбаъдаи кӯдакон дахл доранд, зарурӣ медонем. Ба назари мо, масъулияти пурраи таъмини ҳифзу ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандон ба уҳдаи давлат мебошад. Стратегияи миллӣ, нақшаҳо ва тасмимҳои дурусти сиёсӣ дар роҳи даст ёфтан ба ин мақсад аҳаммияти ҳалкунанда мебозанд, зеро ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи кӯдак бо мубрамияти худ дар стратегия, барнома ва қонунҳои ҶТ ба таври васеъ бояд инъикос ёбанд.

---

[1]Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj (санаи мурочиат: 03.01.2022).

[2]Ниг.: Раёсати омори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳисоботи парвандаҳои оилавии Суди Олии ҶТ // – Душанбе, 2020.

Ҳамин тариқ, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ – Инкишофи қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак, ба омӯзиши ҳамаҷонибаи проблемаҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқи кӯдак ва ҳифзи онҳо дар илми ҳуқуқшиносии муосир, таҳлили қонунгузории ватанӣ, муайян кардани нақши унсурҳои таркибии механизми ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ҳамчун воситаи мустаҳкам намудани вазъи ҳуқуқӣ ва тавсияҳои амалӣ барои баланд бардоштани шароити нави иҷтимоии ҶТ, самаранокии таъмини ҳуқуқи кӯдак ҳамчун асоси насли оянда мусоидат менамояд. Бинобар ин, омӯзиши инкишофи қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак бисёр муҳимму мубрам ба назар мерасад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе ҷанбаҳои мавзуи мазкур дар осори олимони ватанӣ баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, дар корҳои илмии олимони тоҷик аз қабили У.А. Азиззода[3], Н.И. Бобоева[4], И.Ғ. Ғаффорзода[5], А.М. Диноршоҳ[6], А.И. Имомов[7], Н.Ш. Қурбонализода[8], М.А. Маҳмудзода[9], Э.С. Насриддинзода[10], Д.С. Раҳмон[11], Н.Ш. Салиева[12], Б.А. Сафарзода[13], Ҷ. Саъдизода[14], Ф.Т. Тоҳиров[15],

---

[3] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис.… д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.

[4]Ниг.: Бобоева Н.И. Закон-отражение счастья в семье // Государствоведение и права человека. – 2018. – № 2(10). – С. 16-19.

[5]Ниг.: Гаффорзада И.Г. Правовой статус ребенка по законодательству Таджикистана. – Санкт-Петербург: Питер, 2016. – С. 61-62; Ғаффорзода И.Ғ. Баъзе паҳлуҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳуқуқи оилавӣ // Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи граждани дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ аз 8 – уми июни соли 2019 // Зери таҳрири Ғаюров Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – С. 123-124.

[6] Ниг.: Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2015. – 420 с.; Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: автореф: дис. … д-ра. юрид. наук. – М., 2015. – 46 с.

[7]Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – 496 с.

[8] Ниг.: Курбоналиев Н.Ш. Проблемы защиты гражданских информационных прав ребенка в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 195 с.

[9] Ниг.: Маҳмудов М.А., Худоёрзода Б.Т. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-Граф, 2011. – 348 с.

[10]Ниг.: Насурдинов Э.С. Правовая политика в сфере прав человека и ее роль в совершенствовании правовой культуры граждан // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2014. – № 3/3 (136). – С. 176-178.

[11] Ниг.: Раҳмон Д.С. Баъзе мушкилоти амалишавии ҳуқуқи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба 22-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2015. – С. 5.

А.Ғ. Холиқзода[16], Р.Ш. Шарофзода[17], Ш.Ш. Шосаидзода[18], ва дигарон паҳлуҳои гуногуни инкишофи қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Дар мавзуи инкишофи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак аз ҷониби олимони хориҷӣ В.И. Абрамов[19], А.Д. Абашина[20], С.С. Бойко[21], А.А. Баранов[22], О.В. Бутко[23], В.В. Василев[24], И.В. Васильева[25], Р.Х. Давдов[26], О.Н. Двуреченская[27], Б. Жавзандолгор[28], М.В. Железний[29], В.А. Кучинский[30], В.В. Кулапов[31], В.И. Куприянова[32], Е.А. Лактюнкина[33], Е.Н. Микитова[34], А.С.

---

[12] Ниг.: Салиева Н.Ш. Приоритеты правовой политики Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2017. – 233 с.

[13] Ниг.: Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: История и современность / отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2016. – 324 с.; Сафаров Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 370 с.

[14]Ниг.: Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – С. 159-160; Саъдизода Дж. Культура прав человека как составная часть правовой культуры // Закон и право. – М., Изд-во: ЮНИТИ-ДАНА, 2014. – С. – С. 63-67.

[15] Ниг.: Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917–1929). Т. 2. Ч. I. – Душанбе: Амри илм, 2001 – 492 с.

[16] Ниг.: Халиков А.Г. Хадис как источник мусульманского права. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 151 с.

[17] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 2. – Душанбе: «Империал-Групп», 2010. – С. 152; Сативолдыев Р.Ш. Теория государства и права (учебное пособие для высших учебных заведений). – Душанбе: Империал-Групп, 2014. – 720 с.

[18] Ниг.: Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. –Душанбе, 2020. – 235 с.

[19]Ниг.: Абрамов В.И. Права ребенка и их защита в России: общетеоретический анализ: дис ... д-ра юрид. наук. – Саратов, 2007. – 455 с.

[20]Ниг.: Абашина А.Д. Основные документы о правах ребенка и их реализация в системе российского общества // Ученые записки. – 2008. – С. 139–142.

[21]Ниг.: Бойко С.С. Административно-правовые средства защиты прав и законных интересов несовершеннолетних: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2011. – 250 с.

[22] Ниг.: Баранов А.А., Лапин, Ю.Е. Государственная политика в области охраны здоровья детей: правовое обеспечение, структура и содержание // Вопросы современной педиатрии. – 2007– №6. – С. 5-9.

[23]Ниг.: Бутько О.В. Правовой статус ребенка: теоретико-правовой анализ: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2004. – 246 с.

[24]Ниг.: Васильев В.В. Становления и развития социально-педагогического механизма защиты прав детей в России: дис. ... канд. пед. наук. – М., 2012. – 210 с.

[25] Ниг.: Васильева И.В. Защита прав несовершеннолетних при организации образовательного процесса // Законность. – 2014. – № 7. – С. 27.

[26] Ниг.: Давыдов Р.Х. Правовая защита прав и свобод несовершеннолетних детей в зарубежных странах и РФ // Современное состояние и перспективы развития российского и международного закнодательства: сб. ст.: междунар. научно-практ. Конф. – 2016. – С. 28-30.

[27]Ниг.: Двуреченская О.Н. Механизмы защиты прав несовершеннолетних в субъектах РФ// Теория и практика общественного развития. – 2011. – № 8. – С. 8-10.

[28]Ниг.: Жавзандолгор Б. Международно–правовая защита прав детей (международно-правовые аспекты): дис. …канд. юрид. наук.– М.,2004. – 203 с.

[29]Ниг.: Железный М.В. Актуальные проблемы защиты личных прав несовершеннолетних граждан в РФ //Бизнес в законе. – 2009. – № 2 – С. 225-228.

[30]Ниг.: Кучинский В.А. Личность, свобода, право– М., 1978. – 208 с.

[31] Ниг.: Кулапов В.В. Защита субъективных прав и законных интересов детей в РФ. – Саратов, 2004. – 238 с.

[32]Ниг.: Куприянова В.И. Эволюция государственной национальной политики Российской Федерации в контексте реализации прав и свобод человека и гражданин // Актуальные вопросы обеспечения прав и

Мордоветс[35], Р.В. Морозова[36], А.М. Нечаева[37], К. Никонов[38], М.В. Немитина[39], М.Н. Садовникова[40], А.А. Троитский[41], В.А. Туманов[42], В.С. Тадевосян[43], И.В. Ушанков[44], Т.В. Шершен[45] ва дигарон таҳқиқотҳои илмии арзишманд анҷом ёфтааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Рисолаи илмӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – “Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии ҶТ дар замони муосир барои солҳои 2016-2020” ва “Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии ҶТ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025” омода гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-амалии падидаи ҳуқуқи кӯдак, мутобиқ намудани меъёрҳо оид ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории ҶТ ва байналмилалӣ, самаранокии механизми ҳимояи онҳо, инчунин, таҳияи

свобод человека и гражданина: региональное измерение: материалы II Всероссийской научно-практической конференции. – Хабаровск: Дальневосточный институт управления. филиал РАНХиГС, 2017. – С. 227-233.

[33]Ниг.: Лактюнкина Е.А. Права ребенка в контексте концепции устойчивого развития: дис. ... канд. юрид. наук. – Уфа, 2005. – 198 с.

[34]Ниг.: Микитова Е.Н. Особенности правового статуса ребенка в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – 155 с.

[35]Ниг.: Мордовец, А.С. Социально – юридический механизм обеспечения прав человека и гражданина. – Саратов, 1996. – С. 85.

[36]Ниг.: Морозова Р.В. Правовые и организационные основы защиты прав несовершеннолетних в деятельности милиции общественной безопасности: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – 193 с.

[37]Ниг.: Нечаева А.М. Правонарушения в сфере личных семейных отношений. – М.: Наука, 1991. – С. 11–12.

[38]Ниг.: Никонов К. Современные теоретические аспекты международно-правовой защиты прав ребенка: дис. …канд. юрид. наук. – М., 2010. – 197 с.

[39] Ниг.: Немытина М.В. Защита прав несовершеннолетних в России: системный подход. // Правовая политика и правовая жизнь. – 2004. №2. – С. 59-61.

[40]Ниг.: Садовникова, М.Н. Механизм защиты прав несовершеннолетних // Правовое образование: организация внеурочной работы. Региональный опыт. – 2002. – С. 133-136.

[41]Ниг.: Троицкий А.А. Некоторые особенности процессуальной дееспособности несовершеннолетних детей // Семейное и жилищное право. – 2013. – № 3. – С. 9-11.

[42] Ниг.: Туманов В.А. Конституция Российской Федерации: Энциклопедический словарь – М., 1997. – 320 с.

[43] Ниг.: Тадевосян В.С. Защита семьи – конституционный принцип советского государства// Развитие законодательства о браке и семье. –1978. – С. 3-13.

[44]Ниг.: Ушанков И.В. Конституционного-правовые гарантии права на образования детей с ограниченными возможностями здоровья и детей – инвалидов в условиях социального правового государства: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – 184 с.

[45]Ниг.: Шершень Т.В. Проблемы реализации права ребёнка, оставшегося без попечения родителей, жить и воспитываться в семье// Вестник Омского университета. – 2010. – № 3 (24). – С. 146-149.

пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ баҳри амалисозии кафолатҳои иҷтимоии кӯдакон мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба мақсади зикршуда, иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

– ошкор намудани мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҶТ;

– баррасии ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон дар ҶТ;

– таҳлили асосҳои сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак;

– муайян намудани асосҳои конституцсионии ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ;

– баррасии таносуби ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ;

– пажӯҳиши механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот аз муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба масъалаҳои ҳифз ва таъминии ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ иборат мебошад.

Мавзуи таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз меъёрҳое иборат мебошад, ки мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҶТ, ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон дар ҶТ, асосҳои сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, асосҳои конституцсионии ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ, таносуби ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин, механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ-ро дарбар мегирад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири чор марҳилаи рушди ҳуқуқ кӯдак мебошад: 1) ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ кӯдак дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ; 2) рушди ҳуқуқ кӯдак дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон; 3) инкишофи ҳуқуқ кӯдак дар давраи шуравӣ; 4) марҳилаи муосири рушди ҳуқуқи кӯдак – давраи соҳибистиқлолӣ. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ кӯдак дар сарзамини

Тоҷикистони таърихӣ ва муосир баррасӣ гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2016-2023 мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи кӯдак ташкил медиҳад. Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии диссертатсия ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор дода шудааст, зеро дар он меъёрҳои ҳуқуқи конституцсионӣ, граждани, оилавӣ, меҳнатӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва мурофиавӣ инъикос ёфтааст. Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳлили ҷанбаҳои умумии назариявии мавзуъ муаллиф ба соҳаи ҳуқуқи граждани, оилавӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи граждани такя карда, таҷрибаи онҳоро дар амалияи истифодаи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи кӯдак, қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак истифода кардааст, зеро бисёре аз ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла кӯдак, хусусияти байнисоҳавӣ доранд, онҳо дар доираи тамоми соҳаҳои ҳуқуқ омӯхта ва татбиқ карда мешаванд. Ин аз хусусияти комплексии мавзуи мавриди омӯзиши мо шаҳодат медиҳад. Маводи диссертатсия метавонад барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар ин самт хизмат карда, ба ин васила барои пурзӯр намудани ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак мусоидат намояд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асосҳои методологии таҳқиқот аз маҷмуи методҳое иборат мебошад, ки хусусияти мавзуи мавриди омӯзиш қарордошта – ҳуқуқи кӯдак ва ҳимояи онҳоро фаро мегирад. Ҳамзамон усули универсалии диалектикист, ки дар доираи он усулҳои умумии мантиқӣ, ба монанди таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия, муқоиса, аналогия ва абстраксия истифода шудаанд. Илова бар ин, усулҳои низомномавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, оморӣ, мушаххасоти сотсиологӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ, шарҳи мантиқӣ-расмӣ, таърихӣ истифода бурда шудааст.

Заминаҳои эмпирикӣ. Аз таҷрибаи сохторҳои гуногуни байналмилалӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ: Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд СММ) ва бахшҳои он, аз ҷумла Кумитаи ҳуқуқи кӯдак, Шӯрои сарони ҳукуматҳои

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ) ва Комиссияи он оид ба ҳуқуқи инсон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ, Суди конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди шаҳри Душанбе, судҳои салоҳияташон умумӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат ба рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи инсон, инчунин, ташкилотҳои ғайриҳукуматии байналмилалӣ асос ёфтааст. Дар робита ба ин фаъолияти комиссияҳо оид ба ноболиғон ва ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак омӯхта шуда, дар бораи паҳлуҳои алоҳидаи ҳуқуқи кӯдак аз маърузаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоришҳои дигари давлатӣ ва алтернативӣ, инчунин, аз нашрияҳои хусусияти оморӣ ва сотсиологӣ дар ВАО маълумоти муҳим гирдоварӣ ва мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ дар мавзуи “Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак” ба ҳисоб меравад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд, ки онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

– Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ давраҳои ташаккули ҳуқуқи кӯдак дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик муайян карда шуд;

– Мафҳум ва вазъи ҳуқуқи кӯдак манзур гардида, истифодаи истилоҳи “ҳуқуқи кӯдак” ва “вазъи ҳуқуқи кӯдак” дар адабиёти ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ба мақсад мувофиқ дониста шуд;

– Нақш ва мавқеи ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид;

– Асосҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, вазъи кунунӣ ва дурнамои амалисозии ҳуқуқӣ ишорашуда муайян карда шуд;

– Асосҳои конституцсионии ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва мавриди пажуҳиши амиқ қарор дода шуда, мушкилоти қонунгузорӣ ва амалия дар самти татбиқи ҳуқуқи мазкур ошкор гардида, роҳи ҳалли онҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ нишон дода шуданд;

– Таносуби ҳуқуқҳои кӯдак дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муайян карда шуд;

– Роҳҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак таҳлил гардида, пешниҳодҳои судманд ҷиҳати тақвияти механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардиданд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки чунин **нуктаҳои илмии** назарӣ ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

1. Дар м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” мафҳумҳои асосӣ дода шудаанд. Дар миёни ин мафҳумҳо сархати сеюм мафҳуми “кӯдаки ятим”-ро кушода додааст. Ятимӣ ин ҳолате мебошад, ки вобаста ба омилҳои муайян кӯдак аз падару модараш маҳрум мемонад (яъне падару модари кӯдак фавтидаанд). Дар Қонуни мазкур ҳолати пайдоиши ятимиро бо вафоти падару модар ё падару модари танҳо алоқаманд намудааст. Аз ин маълум мегардад, ки дар сурати дар қайди ҳаёт будани яке аз волидайн кӯдак ятим не, балки нимятим номида мешавад. Ҳатто вазъи ҳуқуқии кӯдакони ятим ва нимятим дар амалия аз ҳамдигар фарқи калон доранд. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи мо хуб мешавад, ки дар Қонуни мазкур дар сархати алоҳида мафҳуми кӯдаки нимятим дар чунин шакл пешниҳод карда карда шавад: “Нимятим – кӯдаке эътироф карда мешавад, ки аз падар ё модар маҳрум гардидааст”.

2. Таҳлили сатҳии масъала нишон медиҳад, ки дар қонунгузории ҶТ мафҳумҳои гуногун, ҳатто мухолифи якдигар истифода мешаванд. Барои

дақиқ намудани вазъи кӯдак дар қонунгузории соҳавӣ баррасии маҷмуӣ ва тафриқавии масъала мувофиқи мақсад мебошад. Дар акси ҳол дар қонунгузории ҶТ як навъ “парокандагӣ” ошкор карда мешавад, ки он ягон натиҷаи амалӣ надорад. Аслан, истилоҳи қонунгузорӣ бояд як хел истифода бурда шавад, вагарна боиси нофаҳмиҳои матнҳои қонунгузорӣ мегардад ва рақобати нодурусти меъёрҳои ҳуқуқиро ба миён меорад. Мутобиқи қ. 3-и м. 40-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мафҳумҳо ва истилоҳоти дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд фаҳмо ва ҳаммаъно бошанд. Пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак мафҳуми фаҳмо ва дақиқи “кӯдак” истифода бурда шавад.

3. Мутобиқи боби дуюми Конституцияи ҶТ, ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ бо ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд яксон шуморида мешаванд, ҳарчанд аз лиҳози сиёсӣ, моддӣ ва мурофиавӣ кӯдак субъекти махсус ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷиҳат, таъин ва танзими ҳуқуқи кӯдак истифодаи механизми махсуси ҳуқуқиро тақозо менамояд. Дар қ. 1 ва 2, м. 34 Конституцияи ҶТ фақат ба таври умумӣ сухан меравад. Аз ин рӯ, зарурати он вуҷуд дорад, ки вазъи махсуси кӯдак дар сатҳи Конституцияи ҶТ ба таври мушаххас пешбинӣ гардад. Пешниҳод карда мешавад, ки асоси қонунгузории ҳифзи ҳуқуқи кӯдак такмилу мушаххас гардад. Усулан, қонунгузории мавҷуда, ки бар асоси воқеиятҳои муосир ва рӯзмарра ташаккул меёбад, ҷанбаи декларативӣ дорад. Ба ин хотир, аввалан базаи меъёрии мавҷуд бояд ба таври мӯшикофона ва дақиқ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Дар қадами дуюм, бояд самтҳо ва роҳҳои инкишофи минбаъдаи базаи меъёрӣ-ҳуқуқии мавҷуд муайян карда шавад. Нуктаи сеюм ба ин мавзуъ бармегардад, ки бояд қонунҳо ва муқаррароти меъёрӣ-ҳуқуқии мавҷуда бо Конституцияи ҶТ ва меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шаванд.

4. Меъёрҳои м. 4 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбия фарзанд”, амалан, аз лиҳози

мафҳуму маъно ва танзими ҳуқуқӣ бо ҳам мухолифанд. Пешниҳод карда мешавад, ки вожаи “фарзанд” (“кӯдак”) дар б. 1, м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” бо истилоҳи “фарзанди ноболиғ” иваз карда шавад. Зеро истифодаи истилоҳи “фарзанди ноболиғ” бо назардошти матни қонуни мазкур, нисбатан дақиқ, муназзам ва мантиқӣ ба назар мерасад.

5. Моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” ҳуқуқи кӯдак ба шахсият номгузорӣ карда шудааст. Тавре аз мазмуни модда бармеояд, дар қатори ҳуқуқҳои шахсӣ насаб, ном ва номи падар, инчунин, ҳуқуқи кӯдак ба шаҳрвандӣ низ ҷойгир карда шудааст. Таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар ин самт нишон дод, ки дар қонунҳои онҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқи кӯдак ба ном ва ҳуқуқ ба шаҳрвандии кӯдак дар моддаҳои алоҳида муқаррар карда шудаанд. Ба андешаи мо, хуб мешавад, ки ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ аз таркиби моддаи 12 бароварда шуда, дар моддаи алоҳида муқаррар карда шавад.

6. Муаллиф масъалаҳои марбут ба таносуби мафҳумҳоро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки мафҳумҳои “кӯдак” ва “ноболиғ” ҳаммаъно мебошанд, ба шарте сухан дар бораи вазъи умумии ҳуқуқи кӯдак равад. Агар зарурат ба мушаххасгардонӣ ва маънидоди мазмуни меъёрҳои алоҳида равад, чунин мавқеъгирӣ ғалат аст. Асоснок шудааст, ки мафҳуми “кӯдак” мафҳуми умумии ифодакунандаи аломатҳои универсалӣ мебошад ва нисбат ба ҳама шахсоне татбиқ мегардад, ки ба синни 18 нарасидаанд. Зимнан мафҳуми мазкур тобеияти соҳавӣ надошта, истифодаи он дар ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ҳатто соҳаҳои ҳуқуқи оммавӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайра ҷоиз аст. Пас, мафҳумҳои “ноболиғ”, “хурдсол”, “наврас” бо мафҳуми умумии “кӯдак” фаро гирифта шуда, муносибати дуруст арзёбии маҷмуии масъала мебошад, вагарна вазъи ҳуқуқии кӯдак нопурра ва номуайян боқӣ мемонад. Бо ҳамин сабаб барои

дақиқ намудани вазъи кӯдак дар қонунгузории соҳавӣ баррасии маҷмуӣ ва тафриқавии масъала тавсия шудааст.

7. Афзоиши шумораи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибат дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, мураккабкунии онҳо, тағйиротҳои зуд-зуд ҳангоми корбурди қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқи кӯдак ба душвориҳои маълум оварда мерасонанд. Таъмини дастрасии ҳуқуқ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати қонунгузории давлат мебошад. Дар чунин ҳолат қабул намудани Кодекси ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи кӯдак” роҳи дуруст аст, ки ҳам ба беҳтаршавии сифати танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва ҳам ба таъмини худи дастрасӣ ба ҳуқуқи кӯдак оварда мерасонад. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки Кодекси ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи кӯдак” қабул карда шавад. Дар давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Қирғизистон (10 июли соли 2012, №100 қабул шуда, аз 5 фасл, 12 боб ва 104 модда иборат аст) ва Гурҷистон (20 сентябри соли 2019, №5004-lс қабул шуда, аз 15 боб ва 101 модда иборат аст) Кодекси кӯдак қабул гардидааст. Мавҷуд будани чунин санади ягона ва такмилкунандаи қонунгузорӣ доир ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ имкони иҷрои фаврии ҳалли масоили ҷиддии дар ҳоли ҳозир пайдошудаи танзими қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро фароҳам оварда, ба бартарафсозии ихтилофоти мушаххасшуда оварда мерасонад.

Дар баробари таклифҳои назариявӣ пешниҳоди чунин **таклифҳои амалиявиро** зарур мешуморем:

1. Бо мақсади ҷобаҷогузории кӯдакони ятим ва бепарастор, инчунин, мустаҳкам намудани институти васоят ва парасторӣ пешниҳод менамоем, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии кӯдакони ятим ва бепарастор” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” дар таҳрири нав қабул карда шаванд.

2. Дар аксари кишварҳои хориҷӣ бо мақсади амалӣ намудани муқаррароти Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҷиҳати таъсис додани мақоми

ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак – Ваколатдор ё комиссияҳои махсус таъсис дода шудааст. Дар кишвари мо бошад, бо супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2015 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳамчун зерсохтори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст. Пешниҳод менамоем, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак чун ниҳоди мустақил дар алоҳидагӣ аз Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият намояд. Зеро таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба масъалаи мавриди назар нишон медиҳад, ки ба таври ҷудогона фаъолият намудани он натиҷаҳои боз ҳам мусбатро ба даст оварда метавонад.

3. Омӯзиши вазъи фаъолияти мақомоти васоят ва парастории дар сатҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилоятҳо ва мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ нишон дод, ки аз лаҳзаи қабули Низомномаи мақомоти васоят ва парастории аз соли 2000 ва қабули Низомномаи нави мақомоти васоят ва парастории аз соли 2017 воҳиди кории алоҳидаи мақомоти васоят ва парастории мавҷуд нест. Ҳарчанд дар банди 7-и ҳамин Низомнома масъалаи мазкур бар зиммаи Вазорати маориф ва илм, раёсат ва шуъбаҳои он дар шаҳру ноҳияҳо вогузор гардида бошад ҳам, бо номи масъули мақомоти васоят ва парастории воҳиди корӣ вуҷуд надорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ин вазифаро мушовири шуъбаи маориф оид ба корҳои тарбия пеш мебарад, дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд вазифаи мақомоти васоят ва парастории сармутахассис, котиби комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак иҷро менамояд. Пешниҳод карда мешавад, ки дар миқёси ҷумҳурӣ воҳиди кории алоҳидаи мақомоти васоят ва парастории дар назди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шавад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он метавонад дар ташаккули чораҳои минбаъдаи сиёсати ҳуқуқӣ ва давлатии ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи кӯдак ва

ҳимояи онҳо, бо назардошти қабули қонунгузорӣ, дар таҳия ва такмили қонунгузории ватанӣ истифода шавад. Инчунин, маводи диссертатсионӣ метавонад дар раванди корҳои илмию таҳқиқотӣ, таълими фанҳои ҳуқуқӣ (назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон) ва курсҳои махсус оид ба проблемаҳои ҳуқуқи инсон ва кӯдак истифода бурда шавад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар системаи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандӣ, дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи кӯдак дар байни аҳолӣ татбиқ карда шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқи кӯдак, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар самти ҳуқуқи кӯдак, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои таҷдиди ҳимояи ҳуқуқи кӯдак, асос меёбанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳои ироашуда дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро бозгӯ менамояд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳои ироашуда дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ

пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҶТ оид ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак баён гардидааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон борҳо мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифта, омода гардидааст. Нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли маъруза дар конференсияҳои зерин ифодаи худро ёфтаанд:

– конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи “Нақши санадҳои байналмилалӣ дар таҳкими ҳуқуқи инсон” – маърӯза дар мавзуи “Нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар таҳкими ҳуқуқи кӯдак” (Душанбе, 2017);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028 ”, “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, “140 – солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ” ва “70 – солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” – маърӯза дар мавзуи “Мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе, 2018);

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо” – маърӯза дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқи кӯдак дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ” (Душанбе, 2018);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)” ва “400 – солагии Миробид Сайидои Насафӣ” – маърӯза дар мавзуи “Механизмҳои байналмилаии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак” (Душанбе, 2019);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба “Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)” ва

“Бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ” – маърӯза дар мавзуи “Мавқеи ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон” (Душанбе, 2022).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 202 саҳифаро дарбар мегирад.

БОБИ 1. МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ КӮДАК ВА ҲИФЗИ ОНҲО ДАР ИЛМИ МУОСИРИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

1.1. Мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар замони муосир мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак яке аз мавзуъҳои муҳим дар таҳқиқоти илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ баҳсу мунозираҳои мухталифи илмӣ дар хусуси вазъи ҳуқуқии кӯдак ба мушоҳида мерасад. Низоми комил ва мустаҳками ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа (маориф, илм, фарҳанг, кумаки тиббӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғ.)-ро дар бар гирад, лозим аст. Эътироф ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак яке аз самтҳои муҳимму асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад.

Самти амалисозии муносибатҳои ба кӯдак алоқаманд, ки ҷараёни инкишоф ва тамоюлҳои вобаста ба рушд аз вижагиҳои махсуси он маҳсуб мешаванд, дар ҳоле ки дучори тағйиру дигаргуниҳои умдаву муҳим аст, имрӯз торафт сохтори комилан дигарро ба худ касб менамояд. Дар шакли сифатан нави худ мавзуи кӯдак ва ҳуқуқи он, яке аз мавзуъҳои махсуси соҳаи танзими ҳуқуқӣ шинохта мешавад.

Таъминоти ҳуқуқии он ба як қатор иқдомоте ниёз дорад, ки ҳадаф аз он, на танҳо таҳияву коркарди санаду меъёрҳои ҳуқуқии дарбаргирандаи такмилу навсозии меъёрҳои мавҷуда, балки таҳия ва қабули меъёрҳои нав ба ҳисоб меравад. Вале аз назари мо, дар марҳилаи муосир танзими ҳуқуқии мутаносиби соҳаи кӯдак ва ҳуқуқи он тавассути танҳо як институт имконнопазир аст.

Қабл аз баррасии санадҳои қабулшудаи меъёрии-ҳуқуқие, ки бевосита ба ҳуқуқҳои кӯдак дахл доранд, лозим аст, то мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак муайян карда шавад. Аз нигоҳи таҳлилгарон ва муҳаққиқон, маводи эмпирикии муайян, ки аз маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ бо номи соҳаи ҳуқуқҳои кӯдак гирифта мешавад, бояд асоси таҳлилу омӯзиши мавзуи вобаста ба вазъи ҳуқуқии кӯдакро ташкил диҳад. Бо таваҷҷуҳ ба он ки

омӯзиши соҳаи вобаста ба ҳуқуқи кӯдак дар робита ба вазъи ҳуқуқӣ дорои асосу пояи муайяни фалсафиву назариявӣ мебошад, баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқи он ба таври муайян ҷанбаи илмиву омӯзишӣ касб менамояд.

Ташаккули шахсияти фард он гуна ки маълум аст, дар даврони кӯдакӣ сурат мегирад, бинобар ин, соҳаи мазкур яъне соҳаи ҳуқуқи кӯдак дар маркази аслии таваҷҷуҳи ҳукуматҳо қарор мегирад. Далели чунин таваҷҷуҳ дар он аст, ки кӯдакон ба унвони ҷузъи муҳимми неруи инсонӣ ва ё потенсиали ҳар ҷомеа ба ҳисоб мераванд, ки барои мудирият ё идораи он давлатҳо ва ҳукуматҳо шакл дода мешаванд. Тавассути давлат, пеш аз ҳама, марзи мушаххаси ҳуқуқӣ – давраи ноболиғ будани шахс муайян карда мешавад, ки дар чаҳорчӯби ҳуқуқии он шахс зиндагӣ карда, шахсияти вай ташаккул меёбад ва бо сипарӣ шудани ин давра зиндагии ҳар фард маъниву мафҳуми дигар ба худ касб менамояд. Таъин ва ё мушаххас намудани чунин давраи синнусолӣ, яъне давраи ба балоғат расидани шахс, на аз нигоҳи таърихӣ ва на аз лиҳози мулоҳизоти давлатдории муосир дорои махсусиятҳои умумӣ нест. Давраи нисбатан маъмулу паҳнгашта давраи расидан ба синни 18-солагӣ маҳсуб мешавад.

Мафҳуми кӯдак дар соҳаҳо ва илми ҳуқуқ бисёр муҳим мебошад, чунки кӯдак субъекти ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, илова бар ин, дорои вазъи махсуси ҳуқуқӣ мебошад[46].

Дар масъалаи мафҳуми кӯдак муҳаққиқони ватанӣ ибрози андеша намуда, онро аз нигоҳи илм бисёр дар сатҳи олӣ таъриф додаанд.

Ба андешаи М.С. Қаландарзода, кӯдак объекти таъсиррасонии муназзаму ҳамешагии падару модар ва давлат нест. Баръакс, шахсиятест, ки аз маҷмуи ҳуқуқҳои субъективие, ки чун қоида, тавассути намояндагони қонуниаш амалӣ мешавад, барҳӯрдор аст. Тибқи Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак аз 20 ноябри соли 1989, ки ҶТонро соли 1993 ба тасвиб расонидааст, ҳар як кӯдак новобаста аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, вазъи молӣ ва

[46]Ниг.: Автономов А.С. Ювенальная юстиция. – М. – 2009. – С. 38.

баромади иҷтимоӣ, дорои ҳамаи ҳуқуқҳои пешбининамудаи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мебошад. Ҳеҷ кас набояд зери ягон навъи табъиз қарор дода шавад[47].

Ш.Ш. Шосаидзода маҳаки синнусолии ба балоғат расидани кӯдакро ба назар гирифта, чунин мафҳуми кӯдакро пешниҳод намудааст: “Кӯдак шахсе мебошад, ки ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории миллӣ нарасидааст”[48]. Мавсуф андешаашро бо он асоснок менамояд, ки дар масъалаи ба балоғат расидани кӯдак қонунгузории мамлакатҳои ҷаҳон синнусоли гуногунро пешбинӣ менамоянд[49].

Дар баробари муҳаққиқони ватанӣ, олимону таҳқиқотчиёни хориҷӣ низ вобаста ба мафҳуми кӯдак ва давраи расидан ба балоғат, фикру андешаҳои худро иброз намудаанд[50].

Ба андешаи В.И. Абрамов, мафҳумҳое чун “кӯдак”, “ҳуқуқҳои кӯдак”, “вазъи ҳуқуқии кӯдак” аз лиҳози маънову мафҳуми аслии худ, пеш аз ҳама, шахсият ва ҳувияти фарди то 18-соларо дар мадди назар доранд[51]. Вале, бо вуҷуди ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ назарҳои дигари аз ҷиҳати мафҳум бо ҳам мухолиф низ дида мешавад.

Лозим ба зикр аст, ки дар қонунгузории миллии ҶТ низ чунин ҳолат вуҷуд дорад. Дар қатори истилоҳи “кӯдак” нисбат ба ашхосе, ки ба синни балоғат нарасидаанд, истилоҳоти гуногун, ба монанди “наврасон”, “ноболиғон”, “хурдсолон” истифода бурда мешавад. Дақиқан чунин ҳолат дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КГ ҶТ) мавҷуд аст, ки дар меъёрҳои алоҳидаи он нисбати ашхоси то синни 14-сола мафҳуми “ноболиғ” истифода бурда мешавад.

---

[47] Ниг.: Қаландарзода М.С. Хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – С. 36.

[48]Ниг.: Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С 124-163

[49]Ниг.: Ҳамин ҷо. – С. 21.

[50]Ниг.: Бойко С.С. Административно-правовые средства защиты прав и законных интересов несовершеннолетних: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2011; Васильев В.В. Становления и развития социально-педагогического механизма защиты прав детей в России: дис. ... канд. пед. наук. – М., 2012. – 210 с

[51] Ниг.: Абрамов В.И. Права ребенка и их защита в России: общетеоретический анализ: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2007. – С. 57.

Баъди қабули Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак дар соли 1989, ҷомеаи ҷаҳонӣ зарурати ба кӯдакон пешниҳод намудани ҳимояи махсусро бо сабаби нокамолии ҷисмонӣ ва руҳии онҳо эътироф кард. Тибқи м. 1 Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак "... ҳама гуна мавҷудоти инсонии то синни 18-сола кӯдак ҳисобида мешавад, агар тибқи қонуне, ки нисбат ба ин кӯдак истифода мегардад, он пештар ба синни балоғат нарасида бошад"[52].

Бо назардошти ҳатмӣ набудани муқаррароти Конвенсия оид ба мафҳуми кӯдак қонунгузории баъзе давлатҳо ашхоси синнусоли аз 18-сола боло ё поён фаҳмида мешавад. Масалан, тибқи қонунгузории Ҷазираҳои Фарера таҳти ин мафҳум ашхоси то 14 – сола, Куба то 16 – сола, Ҷумҳурии халқии демократии Корея то 17 – сола, Канада ва штатҳои Алабама ва Небраскаи ИМА то 19 – сола, Тайван, Тунис ва Япония то 20 – сола, Баҳрайн, Гвинея, штатҳои Миссисипи ва Пуэрто-Рикои ИМА, Гондурас, Камерун, Миср, Кот-д'Ивуар, Лесото, Мадагаскар, Монако, Сингапур ва Чад ашхоси то 21 – сола фаҳмида мешаванд.

Аз моддаи 1 ин Конвенсия бармеояд, киқонунгузории ҳар кишварҳо метавонад ба таври озод синнусоли балоғатро барои худ муқаррар намояд. Аз ин лиҳоз, балоғат замоне фаро мерасад, ки онро қонунгузории миллӣ муқаррар намудааст.

Чи тавре ба назар мерасад, проблемаи муайян намудани маҳдудияти синнусолӣ, ки дар доираи он мафҳуми баррасишаванда ҷойгир аст, ҳам дар қонунгузории миллӣ ва ҳам дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҷой дорад. Баробар ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин самт як қатор корҳои илмӣ аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва соҳаҳои дахлдор анҷом дода шудааст. Дар аксарияти онҳо, диққати асосӣ ба ҳадди поёнии синнусоли кӯдак зоҳир мешавад. Дар ин ҳол, баъзе аз олимон бар он ақидаанд, ки ҳуқуқҳои кӯдак бояд то лаҳзаи ба дунё омадани он низ ҳимоя карда шавад,[53]

---

[52] Ниг.: Конвенция о правах ребёнка от 20 ноября 1989 г. Статья. 1. (Принята 20.11.1989 Резолютцией 44/25 Генеральной Ассамблеей ООН). [Электронный ресурс] / - Режим доступа: http://www.un.org

[53] Ниг.: Никонов К. Современные теоретические аспекты международно-правовой защиты прав ребёнков: автореф. дис. …канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 20.

зеро ки ҷанин қисми организми модар набуда, балки он оғози ҳаёти нав ба ҳисоб меравад ва бояд таҳти ҳимояи ҳуқуқии дахлдор қарор дода шавад[54].

Бархе олимони дигар сарҳади поёнии синнусолиро лаҳзаи таваллуд муайян карда, мувофиқи мақсад меҳисобанд, ки мафҳуми «кӯдак» танҳо ба кӯдаки аллакай таваллудшуда мансуб дониста шавад[55]. Ба ин андеша метавон розӣ шуд, зеро кӯдаки таваллуднаёфта наметавонад ҳуқуқҳои худро мустақилона ва ё тавассути намояндагони худ ҳимоя намояд. Аз ин рӯ, андешаи мазкур асоснок ва қобили қабул аст, чунки ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак аз лаҳзаи зинда таваллуд шудани вай имконпазир мегардад.

Дар таҳқиқоти илмии баъзе олимони дигар мафҳумҳои “кӯдак” ва “ноболиғ” муродиф дониста шудаанд. Ба андешаи онҳо, кӯдак ва ноболиғ як мафҳумро ифода менамояд. Масалан, ба ақидаи Е.А. Капитанов категорияҳои “кӯдак” ва “ноболиғ” ба ҳам шабеҳ ҳастанд. Аммо аксарияти олимоне, ки дар ин самт тадқиқоти илмӣ анҷом додаанд, ба ақидаи Е.А. Капитанов зид мебошанд. Зеро мафҳуми «кӯдак» мутобиқи санадҳои байналмилалӣ хусусияти универсалиро касб намудааст. Ҳамзамон, таҳти ин истилоҳ ҳангоми таснифбандӣ ашхоси то синни 18-сола фаҳмида мешавад.

Дар м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” аз 2 августи соли 2011, № 762[56] таҳти мафҳуми фарзанд (кӯдак) шахси ба синни ҳаждаҳсола нарасида фаҳмида мешавад. Яъне, дар Қонуни зикршуда, дар ҳар маврид ва банде, ки сухан дар бораи фарзанд меравад, манзури қонунгузор аз ин мафҳум кӯдак ба ҳисоб меравад. Аз муқаррароти Қонуни мазкур бармеояд, ки мафҳумҳои кӯдак ва фарзанд дорои маънои яксон ва муштарак мебошанд. Вале дар ин миён ба таври табиӣ ин суол пеш меояд, ки чаро дар м. 8 Қонуни Ҷумҳурии

---

[54] Ниг.: Беседкина Н.И. Конститутционно-правовая защита правнеродившегося ребёнка в Российской Федерации: автореф. дис. …канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 26.

[55]Ниг.: Лобанова Т.В. Правовое положение ребёнка в России и Великобритании (Англии): теоретико-правовой анализ: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. – Волгоград., 2006. – С. 13.

[56]Ниг.:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (сана имуроҷиат: 18.04.2020).

Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” чунин муқаррарот муайян шудааст:

– дар вақти шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то ҳаждаҳсолаашонро манъ намоянд;

– ба фарзанди то синни мактабӣ ва фарзанде, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таҳсил мекунанд, бо худ овардан ва истифодаи телефонҳои мобилиро манъ намоянд;

– барои фарзанди то бистсола истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла пиво), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос), инчунин, моддаҳои сахттаъсир ва мадҳушкунандаро манъ намоянд[57].

Чаро мақомоти қонунгузор ба ҷой доштани мухолифатҳои дохилии қонун таваҷҷуҳ намекунанд? Зеро меъёрҳои моддаҳои 4 ва 8 қонуни дар боло зикршуда, амалан, аз лиҳози мафҳуму маъно ва тавзеҳи ҳуқуқӣ бо ҳам мухолифанд. Аввалан, агар аз нигоҳи мантиқӣ ба мавзуъ муроҷиат шавад, мушаххас мегардад, ки муҳассили муассисаи таълимии миёнаи касбӣ фақат дар синни 21-солагӣ муассисаи мазкурро хатм менамояд. Сониян, ин шахс, мувофиқи ташхиси қонунгузорӣ, аз синни 18-солагӣ шаҳрванди комилҳуқуқ шинохта мешавад. Нуктаи сеюм ба он бармегардад, ки мо аз лиҳози ҳуқуқӣ ҳуқуқи онро надорем, ки шахси ба синни балоғат расидаро аз анҷоми ин ё он амали муайян манъ намоем. Шояд вақти он фаро расидааст, ки чунин ноҳамоҳангӣ ва бо ҳам мухолиф будани бандҳои ҷудогонаи моддаҳои 4 ва 8 Қонуни мавриди назар таҷдиди назар шавад! Пешниҳоди мо дар он робита ин аст, ки вожаи “фарзанд” (“кӯдак”) дар банди 1 м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбия фарзанд” бо ибораи “фарзанди ноболиғ” иваз карда шавад. Зеро истифодаи

[57]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (сана имуроҷиат: 18.04.2020).

истилоҳи “фарзанди ноболиғ” бо назардошти матни Қонуни мазкур нисбатан дақиқ, муназзам ва мантиқӣ ба назар мерасад.

Лозим ба зикр аст, ки мазмун ва мафҳуми истилоҳи “кӯдак” на фақат ба мушаххас гардидани ҳудуд ва марзи синнусолӣ вобаста аст, балки он аз ҷиҳати қонунӣ ба таври мустақим бо волидайн ва дигар шахсони парастори кӯдак низ дар иртибот аст.

Бояд қайд намуд, ки истифодаи ҳар ду мафҳуми мазкур дар қонун лозим ва зарур аст. Шарҳу тавсифи он мафҳуми кӯдакро ҳамчун субъекти ҳуқуқ дар қонунгузорӣ дар бар намегирад, ба ҳамин далел дар адабиёти соҳаи ҳуқуқшиносӣ истилоҳоте, аз қабили “ноболиғ”, “хурдсол”, “кӯдак”, “тифл”, “наврас” ва ғайра вуҷуд доранд. Аммо истилоҳоти мазкур амалан ба сифати як мафҳуми воҳид пазируфта намешаванд, зеро онҳо аз лиҳози маънову мафҳум, дар таҷриба, махсусан ҳангоми ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз ҳам фарқ мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки дар м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” аз 18 марти соли 2015, № 1196[58] на фақат вожаи кӯдак, балки мафҳумҳои тавсифкунандаи дигаре, аз қабили “кӯдаки маъюб”, “кӯдаки ятим”, “кӯдаки бесарпарастор”[59] зикр шудаанд:

– кӯдак – шахсе, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст;

– кӯдаки маъюб – кӯдаке, дар натиҷаи нуқсёбии саломатӣ бо коҳиши устувори вазифаҳои организм аз беморӣ, ҷароҳат, иллати ҷисмонӣ ва ақлонӣ боиси маҳдуд шудани фаъолияти ҳаётӣ гардидааст ва ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз дорад;

– кӯдаки ятим – кӯдаке, ки падару модараш, падар ё модари танҳояш вафот кардаанд;

---

[58]Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.04.2020).

[59] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.04.2020).

– кӯдаки бепарастор – кӯдаке, ки бо сабабҳои маҳдуд ё маҳрум карда шудани падару модар, падар ё модари танҳояш аз ҳуқуқи падару модарӣ, бедарак ғоиб эътироф ё фавтида эълон гардидани падару модар, ғайри қобили амал (дорои қобилияти маҳдуди амал) дониста шудани онҳо, барои адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарор доштани падару модар, саркашӣ кардани падару модар аз тарбияи кӯдак ё ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ, аз ҷумла ҳангоми рад кардани гирифтани кӯдаки худ аз муассисаҳои таълимӣ – тарбиявӣ ва ё табобатӣ, инчунин, дар дигар ҳолатҳо бе парастории падару модар мондааст.

Ҳамин тавр, дар қонунгузории граждани ва оилавӣ мафҳуми кӯдак ба маъноҳои мухталиф истифода мешавад. Барои мисол, дар қонунгузории граждани, дар сурати ба синни ҳаждаҳ нарасидани шахс, ибораи “ноболиғ” ба кор бурда намешавад. Қонунгузории граждани зери мафҳуми “кӯдак” шахси ба синни балоғат нарасидаро дар назар дорад. Дар бисёр маврид дар муносибатҳои оилавӣ ба ҷанбаҳо ва имконоти вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аҳаммияти лозима дода намешавад.

Вазъи ҳуқуқии кӯдак, сарфи назар аз дараҷаи қобилияти фаъолият, дар асоси меъёрҳои байнисоҳавӣ ва ё соҳавӣ (ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайра), инчунин, нишондиҳандаҳои синнусолии кӯдак (вазъи хурдсолӣ ва ноболиғ будани кӯдак дар синни 14-18 солагӣ) муайян ва тасниф мешавад. Қонунгузории граждании ҶТ давраи ноболиғ будани шахсро ба ду категория ҷудо менамояд: ноболиғи ба синни чаҳордаҳ нарасида ва ноболиғони аз синни чаҳордаҳ то ҳаждаҳсола расида. Кӯдакони хурдсол дар навбати худ ба ду категория ва гурӯҳ тақсим мегарданд: хурдсолони то 6-сола ва хурдсолони аз 6 то 14-сола. Кӯдакони хурдсоли гурӯҳи якум қобилияти пурраи фаъолият надоранд. Ҳар навъ шартнома дар сурати лозим аз номи онҳо тавассути намояндаи қонунии онҳо (падару модар, шахсони ивазкунандаи онҳо ва ё мақомоти васоят ва парастории) ба имзо расонида мешавад. Категорияи дуюми кӯдакони хурдсол дорои

қобилияти муайяни фаъолият мебошанд. Ба таври маъмул, гурӯҳи дуюм муомилаҳои хурди маишӣ (хариди нон, китоб, китфдон ва ғайра), ки ҳадаф аз онҳо қонеъ кардани талаботи худ аст, анҷом медиҳанд.

Тарбияи фарзанд яке аз масъулиятҳои муҳимми падару модар ба ҳисоб рафта, он боиси рушду инкишофи ҷисмониву равонии муносиби фарзанд мегардад. Тарбия дар муҳити хонавода дар таъмини саломатии кӯдак инкишофу рушди ҷисмӣ, равонӣ ва ахлоқиву маънавии он нақши бузургу калидӣ дорад. Бинобар ин, тарбия ва ғамхорӣ нисбат ба рушду камоли кӯдак дар қонунгузории оилавӣ ҳамчун яке аз принсипҳои асосӣ авлавият дорад[60]. Дар бештари ҳолатҳо, чи тавре ба мушоҳида мерасад, шахсони ноболиғ аз саробонӣ ва ғамхории волидайни хеш бинобар фавт, маҳрум шудани онҳо аз ҳаққи падару модарӣ, бемории эшон ва ё ғайримукаллаф эътироф шудани онҳо маҳрум мегарданд[61]. Дар чунин ҳолатҳо кӯдак ҳуқуқ дорад, ки тибқи муқаррарот бо падару модар ва ё хешу табори хеш мулоқот ва гуфтугӯ намояд. Таҳқиқоти гузаронидаи мо имкон медиҳад, ки дар асоси институтҳои байниидоравӣ, фарогирии маҷмуи чораҳои дахлдор, танзими ҳуқуқии озодиҳо ва вазифаҳои шахс аз замони таваллуд то ҳаждаҳсолагӣ вазъи ҳуқуқии кӯдак муайян карда шавад. Мавзуи ҳуқуқи кӯдак дорои мушкилоту масъалаҳои анъанавӣ мебошад ва рафъу ҳалли онҳо дар амал ба инкишофу рушд ва беҳбудии минбаъдаи вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҶТ мусоидат менамояд.

Дар миёни олимон ва мутахассисони соҳа дар робита ба мавзуи муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахс дидгоҳ ва назарҳои гуногун вуҷуд дорад. Ба ақидаи Р.Ш. Шарофзода, мақоми фардии ҳуқуқӣ яке аз намудҳои воқеии ҳуқуқи шахс шинохта мешавад, ки дар соҳаи ҳуқуқ дар шакли озодӣ ва вазифаҳои шахс муайян шудааст[62]. Вобаста ба ин, Е.А. Лукашева таъкид

---

[60]Ниг.: Шершень Т.В. Проблемы реализации права ребёнка, оставшегося без попечения родителей, жить и воспитываться в семье // Вестник Омского университета. Серия «Право». – 2010. – № 3 (24). – С. 146.

[61]Ниг.: Железный М.В. Актуальные проблемы защиты личных прав несовершеннолетних граждан в РФ //Бизнес в законе. – 2009. – № 2. – С. 226.

[62]Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 2. – Душанбе: «Империал-Групп», 2010. – С. 152.

мекунад: “Муносибатҳои мураккабе, ки миёни давлат ва шахс ба миён меояд ва муносибату робитаи муштарак дар байни худи афрод тавассути давлат дар шакли ҳуқуқӣ, яъне дар шакли ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои шахс ба қайд гирифта мешаванд, ки дар маҷмуъ онҳо мақоми ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд”[63].

Вазъи ҳуқуқии фард аз лиҳози қонунгузорӣ тавассути давлат дар Конституцсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ) муайян ва пешбинӣ мешавад. Ҳуқуқ ва вазифа аз унсурҳои аслии ибтидоии соҳаи ҳуқуқ шинохта мешаванд. Тавре маълум аст, “низоми ҳуқуқ ва вазифаҳои шахс ҷузъи аслии соҳаи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад, тавассути он мушкилоти аслии ҳуқуқӣ роҳи ҳал пайдо менамоянд”[64].

Вазъи ҳуқуқии инфиродии фард аз рӯйи аломатҳои инфиродии вай (ҷинс, синнусол, вазъи оилавӣ ва дигар нишондодҳо) муайян карда мешавад. Бар мабнои ин асл, вазъи ҳуқуқии кӯдак, зан ва дигар афрод аз ҳам фарқ мекунад[65]. Ҳамин аст, ки вазъи ҳуқуқии шахс нисбат ба мафҳуми вазъи ҳуқуқии кӯдак мафҳуми васеътар ба ҳисоб меравад. Вазъи инфиродӣ, ки иборат аз мафҳуми ҳуқуқии кӯдак аст, яке аз намудҳои шахсияти ҳуқуқӣ шинохта мешавад. Н.В.Витрук ба мафҳуми вазъи ҳуқуқии шахс қобилиятҳои салоҳиятӣ, манфиатҳои қонунӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва кафолатҳоро ҳамроҳ медонад[66], зеро бидуни таҳлили ҳолатҳои манфиатҳои қонунӣ, ҷавобгарӣ ва кафолатҳои қонунӣ, наметавон ба таври дуруст вазъи ҳуқуқии кӯдакро баррасӣ намуд.

Дар миёни олимон назари ягона дар бораи мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «ҳолати ҳуқуқӣ» вуҷуд надорад. Бинобар назари В.А. Кучинский мафҳумҳои ҳолати ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқӣ бо ҳам мутафовитанд[67]. Н.И.

---

[63] Ниг.: Общая теория и прав человека // От. ред. Е.А. Лукашова. – М.,1996. – С. 28.
[64] Ниг.: Право человека как фактор устойчивого развития. – М., 2000. – С. 50.
[65]Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: «Империал – Групп», 2014. – С. 372.
[66] Ниг.: Витрук Н.В. Основы правового положения личности в социалистическом обществе. – М., 1979. – С. 29.
[67] Ниг.: Кучинский В.А. Личность, свобода, право. – М., 1978. – С. 115.

Матузов зимни ишора ба ин мавзуъ қайд менамояд, ки пешниҳоди бархе аз муаллифон дар хусуси қоил будан ба тафовут миёни мафҳумҳои ҳолати ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқӣ асоснок нест, зеро ин ду мафҳум асоси назариявӣ ва амалӣ надоранд[68].

Дар асоси назарияҳои мавриди таҳлил қароргирифта, мо ба ин натиҷа расидем, ки набояд мафҳумҳои «ҳолати ҳуқуқӣ» ва «вазъи ҳуқуқӣ»-ро аз ҳам ҷудо донист. Зеро тафовут қоил шудан миёни ин мафҳум амали сунъист ва кӯшиши бо ҳам мухолиф қарор додани онҳо саҳеҳ нест. Вазъи ҳуқуқии кӯдак бар асоси қонунгузорӣ мушаххас мегардад.

Барои мисол, мутобиқи м. 55 КОҶТ аз 13 ноябри соли 1998[69], шахси ба синни 18-сола нарасида кӯдак шуморида мешавад. Дар қонунгузории миллӣ ҳадди ақали синнусол аз 16 то ба боло муқаррар гардидааст. Дар сурати поин будани синнусоли кӯдак, барои истифода аз хизматрасонии тиббӣ, дарёфти ризоияти падару модар лозим аст. Давлат гирифтани таҳсилоти ибтидоии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ барои тамоми шаҳрвандон кафолат медиҳад. Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти умумии миёна", кӯдак бояд дар синни 7–солагӣ (ва ё дар синни 6 – солагӣ бо қарор ва таъйиди комиссияи махсус) таҳсили худро оғоз намояд. Ҳадди ақалли синнусоли кӯдак дар замони хатми мактаб ва ё қатъи таҳсил дар мактаб бояд на камтар аз 16 солро ташкил диҳад. Боби 15 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) аз 23 июли соли 2016№ 1329[70] ҳуқуқ ва кафолатҳои иловагӣ, аз қабили синнусоли ақал дар ҳолати ба кор қабул шудан, кафолати машғул шудан ба шуғлу кор (вақти кӯтоҳи корӣ, рухсатии ҳарсола ва ғайра), манъ будани кори вазнин, шароити вазнин ва зараровари корӣ, шароити барои саломатӣ ва

[68] Ниг.: Матузов Н.И. Личность, права, демократия. – Саратов, 1972. – С. 72.
[69]Ниг.: Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 13 ноябрисоли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 19.04.2020).
[70]Ниг.: Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 19.04.2020).

рушди зеҳниву ақлӣ хавфнок), манъи кори шабона, изофакорӣ дар рӯзҳои истироҳат, давраи рухсатӣ ва сафари хидматиро пешбинӣ менамояд. А.Б. Сафарзода дар ин хусус бамаврид қайд менамояд, ки фароҳам сохтани шароити мусоид барои амалӣ гардидани ҳуқуқҳои конституцсионии шаҳрвандон, аз ҷумла ҳифзи меҳнати кӯдакон, яке аз вазифаҳои асосии давлат маҳсуб ёфта, барои таҳкими минбаъдаи заминаҳои меъёрии ҳуқуқии бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кории инсон дар ҷараёни меҳнат мусоидат хоҳад кард. КМ ҶТ кӯдаконро ҳамчун субеъкти муносибатҳои меҳнатӣ (моддаи 21) эътироф карда, бо назардошти манфиати онҳо вақти кории кӯдаконро муқаррар кардааст[71].

Дар ҳолати истисно бо таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ расидаанд, инчунин, таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ нарасидаанд ва дар театрҳо, ташкилотҳои банаворгирии кино, консертҳо, сиркҳо ва дигар ташкилотҳои эҷодӣ бе зарар расонидан ба саломатӣ ва инкишофи маънавиашон иштирок менамоянд, бо мувофиқаи падар ё модар ва дигар шахсони тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ивазкунанда бе халалдор кардани раванди таълим метавон шартномаи меҳнатӣ баст. Муқаррароти мазкур ҷавобгӯи талаботи конвенсияҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат (минбаъд СБМ) № 5, 135 № (1975) ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мебошанд. Тоҷикистон дар моҳи декабри соли 2000 Конвенсияи СБМ № 182 (1982) “Дар бораи манъ ва чораҳои фаврӣ барои аз байн бурдани шаклҳои вазнини меҳнати кӯдакон”-ро ба имзо расонид.

Ҳадди ақали синнусол барои ақди никоҳ 18 солро ташкил медиҳад (мувофиқи м.13-и КО ҶТ аз 13 ноябри соли 1998). Аммо дар ҳолатҳои ҷудогона суд салоҳият дорад ҳадди ақалли синнусол барои ақди никоҳро то синни 17-солагӣ таъин кунад (мувофиқи м. 13-и КО ҶТ).

Мувофиқи м.23 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир

[71]Ниг.: Сафарзода Б.А., Шосаидзода Ш.Ш. Меҳнати кӯдакон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳалли он дар Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – №3 (31). – Душанбе, 2020. – 57-65.

намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Аммо агар кӯдак ё шахси ноболиғ яке аз ҷиноятҳои вазнин ё яке аз ҷиноятҳои махсусан вазнин, аз қабили одамкушӣ (м.104), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (м.110), қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м.111), одамрабоӣ (м.130), таҷовуз ба номус (м.138), ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (м.139), терроризм (м.179), ғасби гаравгон (м.181) ва ғайраро содир намояд, дар чунин ҳолат синни ҷавобгарии ҷиноятӣ то чаҳордаҳсолагӣ коҳиш дода мешавад.

И.Ғ. Ғаффорзода қайд менамояд, ки вазъи махсуси кӯдак, ҳамчунин, дар хусусиятҳои алоҳидаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ифода меёбад. Ҳаққи ҳифзи кӯдак дорои хусусиятҳои хоси худ аст, ки онҳо вазъи кӯдакро аз дигар ширкаткунандагони муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷудо месозанд. Кӯдак ҳаққи қонунии дифоъ аз ҳуқуқ ва манфиатҳои худро дорад. Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак тавассути волидайн (шахсони ивазкунандаи онҳо), ҳамчунин, аз сӯйи мақомоти дахлдори васоят, прокурор ва суд амалӣ мешавад. Кӯдак ҳақ дорад худро аз суиистифодаи волидайн (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҳифз кунад. Дар сурати риоя нашудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, аз ҷумла, дар сурати иҷро накардан ва ё ба таври бояду шояд иҷро накардани уҳдадориҳои худ доир ба таълиму тарбия аз ҷониби волидайн (ё яке аз онҳо) ё суиистифода аз тарафи падару модар, кӯдак ҳақ дорад барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ ба таври мустақилона ба мақомоти дахлдори васоят ва ё дар сурати расидан ба чаҳордаҳсолагӣ ба суд мурочиат намояд[72].

Моҳияти масъала иборат аз ин аст, ки принсипҳои вазъи ҳуқуқии шахс асос ва идеяҳое ба ҳисоб мераванд, ки онҳо аз тарафи давлат ҳифзу ҳимоя шудаанд ва онҳо дар амал асоси амалисозии ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои шахс ва шаҳрвандро ташкил медиҳанд. Шаҳрвандӣ ҳамчун ҳолати муайяни

[72] Ниг.: Гаффорзада И.Г. Правовой статус ребенка по законодательству Таджикистана. – Санкт – Петербург: Питер, 2016. – С. 61-62.

сиёсиву ҳуқуқӣ пеш аз ҳама, заминаест, ки он ба таври пурра вазъи ҳуқуқии фардро муайян месозад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон дар робита ба хусусиятҳои вазъи кӯдак ба сифати субъекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон чанд хулоса намуд. Аломати асосии мафҳуми «кӯдак» ҳамчун субъекти махсус нишондодҳо ва ё марзҳои синнусолист, ки он дар мақоми мазкур дар чаҳорчӯби онҳо вуҷуд дорад. Дар ҳолатҳои ҷудогона қонунгузорӣ бо мақсади таъмини ҳимояи боло ва муассир, шахсони ба синни балоғатрасидаро ҳам (албатта, бо маҳдуд накардани ҳаққи субъект будани онҳо) бо вазъи ҳуқуқии кӯдак баробар медонад. Барои мисол, мувофиқи муқаррароти қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, шахсони ноболиғи аз озодӣ маҳрумшуда давраи маҳкумияти худро дар муассисаҳои ислоҳӣ (колонияҳо) мегузаронанд ва танҳо баъд аз расидан ба синни балоғат, барои идомаи давраи маҳкумияти худ ба муассисаҳои ислоҳие фиристода мешаванд, ки дар онҳо шахсони калонсол ва ба балоғатрасида нигаҳдорӣ мешаванд. Зимни тавсифи мақоми ҳуқуқии кӯдак, маъмулан мо бо шароите рӯ ба рӯ шавем, ки дар он муносибатҳое, ки вай дар онҳо ширкат менамояд, тавассути меъёрҳои соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ танзим мешаванд. Барои мисол, муносибатҳои вобаста ба таваллуди кӯдак тавассути пизишк сабт мегарданд. Пизишке, ки масъули қабули таваллуди кӯдак аст, бояд ҳолати таваллудро дар китоби махсус қайд намояд ва дар хусуси таваллуд маълумотнома бидиҳад. Баъд аз ин, муносибатҳое ташаккул меёбанд, ки вобаста ба сабти ҳолати таваллуди кӯдак дар бахши сабти ҳолатҳои шахрвандӣ тавассути меъёрҳои вобаста ба ҳуқуқи маъмурӣ ва оилавӣ танзим мегарданд. Тамоми маҷмуи муносибатҳои вобаста ба таъмини шароити зиндагӣ, аз ҷумла фароҳам овардани шароиту имконоти лозим барои ҳаёт ва таълиму тарбияи муносиби кӯдак ҷузъи категорияи муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд ва онҳо тавассути меъёрҳои ҳуқуқи конституцсионӣ, маъмурӣ, манзил, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии ҶТ ва дигар соҳаҳо танзим мегарданд. Ин баёнгари он

аст, ки кӯдак дар ҳар кишвару ҷомеа, аз ҷумла, дар ҶТ ҳамчун субъекти ҳуқуқ эътироф гашта, дорои вазъи махсуси ҳуқуқист ва ҳамеша ба таваҷҷуҳу ғамхории махсус аз сӯйи давлат ва мақомоти дахлдори он ниёзманд аст.

Дар ин қисмат аз таҳқиқ лозим аст, то хусусиятҳои вижаву умдаи мафҳуми вазъи ҳуқуқии кӯдак муайян гардад. Дар назарияи ҳуқуқ ва соҳаҳои мухталифи илмҳои ҳуқуқ дар робита ба муайян намудани вазъи ҳуқуқӣ ва ҳолати ҳуқуқии шахс, ба таври умум равишҳои консептуалии хос шакл гирифтаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, лозим аст, ҳангоми муайян намудани мафҳумҳои мазкур, ин равишҳо ба назар гирифта шаванд.

Дар адабиёти илмӣ дар робита ба ҳуқуқи конституцсионӣ дар тафовут аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ, илова бар истилоҳи “вазъи умумии” (конституцсионӣ) ва “ҳолати конституцсиони ҳуқуқӣ”, мафҳуми “асосҳои вазъи ҳуқуқии шахсият”[73] истифода мегардад. Аз нигоҳи Б.А. Сафаров вазъи ҳуқуқи конституцсионии кӯдак “маҷмуи ҳуқуқҳо, озодиҳо, уҳдадориҳои кӯдак ва кафолати амалисозии онҳо мебошад, ки тавассути қонунгузории конституцсионӣ ва ҳамчунин, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҶТ муқаррар шудаанд”[74]. Бо вуҷуди он ки истилоҳи “ҳуқуқи конституцсионии кӯдак” муддатҳои зиёде мавзуи аслии таҳқиқоти мухталифе буд, вале мутаассифона то кунун муҳтавову моҳияти аслии он ба сурати ошкор муайян ва муаррифӣ нашудааст. Мафҳумҳои “вазъи ҳуқуқи конституцсиионӣ” ва “ҳолати ҳуқуқии кӯдак” низ ҳамчунон дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳа ва мубоҳисаҳои тахассусӣ қарор доранд. Ба назари О.М. Никулина, мафҳумҳои “ҳолати конституцсионии ҳуқуқии кӯдак” ва “вазъи ҳуқуқии кӯдак” ду мафҳуми бо ҳам мутафовит мебошанд. Мафҳуми аввал нишондиҳандаи дараҷаи эҳтимолии потенсиали ҳуқуқӣ ва озодиҳои

[73] Ниг.: Бутько О.В. Правовой статус ребенка в Российской Федерации: Учебное пособие. – Краснодар, 2002. – С. 18-19.
[74] Ниг.: Диноршоев А.М., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С., Права ребенка / Под.ред. А.М. Диноршоева, 1 – е изд. Душанбе, 2013. – С. 19.

субъективии кӯдак ба ҳисоб рафта, мафҳуми дувум дорои характер ва ҷанбаи фалсафӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мебошад.[75]

Дар Тоҷикистон бо дарки зарурат ва муҳим будани вуҷуди асоси қонунгузорӣ дар ин соҳа, Президенти кишвар зимни ироаи ташаббусҳои қонунгузорӣ пешниҳоди ба муҳокимаи умумимардумӣ гузоштани тарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”-ро дар миён гузошт. Пас аз муҳокимаи саросарии мардум, 2 августи соли 2011 тарҳи Қонуни мазкур ба имзо расид.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” аз 2 августи соли 2011, дар м. 4 зери унвони “Мафҳумҳои асосӣ” мафҳуми кӯдак ба ин сурат тавзеҳ дода шудааст: “Фарзанд (кӯдак) шахсе мебошад, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст”. Ишора шудааст, ки амали Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрванди ҶТ, новобаста ба маҳалли истиқомати онҳо, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҶТ зиндагӣ мекунанд ва шахсони ҳуқуқии ҶТ, новобаста ба маҳалли ҷойгиршавии онҳо, татбиқ мегардад, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигареро муқаррар накарда бошанд.

Дар боби дуюми ин Қонун ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд муайян шудаанд. Мутобиқи моддаҳои 6 ва 7 қонуни мазкур “Падару модар, новобаста ба он ки якҷоя ё ҷудо зиндагӣ мекунанд, дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ”[76].

Дар асоси қонун аз миёни ҳуқуқҳое, ки падару модар доир ба таълиму тарбияи фарзанд аз онҳо бархӯрдоранд, метавон ба ҳуқуқҳои зерин ишора намуд:

---

[75]Ниг.: Никулина О.М. Конституционно правовой статус ребенка в Российской Федерации // Известия Саратовского университета. – 2011. Т. 11. Вып. 2. – С. 102.

[76]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 19.04.2020).

– ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзандро ҳимоя намоянд;

– шакл, намуд ва усули таълим, муассисаҳои таълимиро, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, интихоб намоянд, агар ин шакл, намуд ва усул ба вазъи саломатӣ ва рушди маънавии фарзанд таъсири манфӣ нарасонад;

– дар раванди таълиму тарбия, аз ҷумла назорати сатҳу сифати таълим ва донишандӯзии фарзанд дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ иштирок ва мусоидат намоянд»[77].

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" аз 18 марти соли 2015, таҳти № 1196[78] қабул карда шуд.

Дар боби якуми ин қонун шарҳи мафҳумҳои асосӣ, аз ҷумла кӯдак, кӯдаки маъюб, кӯдаки ятим, кӯдаки бепарастор, намояндаи қонунии кӯдак, оилаи парастор, таъминоти пурраи моддӣ ва иҷтимоии кӯдак, хизматрасонии тиббиву иҷтимоии кӯдак дода шудааст.

Дар м.3 Қонуни зикршуда муқаррар гардидааст, ки сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз ҳадафҳои зерин иборат аст:

– таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, роҳ надодан ба поймолкунии онҳо;

– таҳкими кафолатҳои асосии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, инчунин, барқарор кардани ин ҳуқуқҳо дар сурати поймол карда шудани онҳо;

– ташаккули асосҳои ҳуқуқии кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак;

– мусоидат намудан ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак, тарбияи ӯ дар руҳияи ватандӯстӣ, ҳисси баланди шаҳрвандӣ ва сулҳдӯстӣ;

---

[77] Ниг.: ҚонуниҶумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 19.04.2020).

[78] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2015, №3. мод. 218.

– дастгирии давлатӣ, таъминоти моддӣ ва иҷтимоии пурраи давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор;

– таъмини фаъолияти мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифати ҳуқуқии кӯдак;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои тарбияи кӯдакони ятим ва бепарастор аз ҷониби оилаи (мураббии) парастор[79].

Сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ ба ҳисоб рафта, бо тарзҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– эҳтиромии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният ва инсондӯстӣ;

– муқаррар намудани ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дастгирии давлатии оила бо мақсади тарбияи ҳамаҷонибаи кӯдак, ҳифзи ҳуқуқҳои ӯ, омода намудани кӯдак ба зиндагии шоиста дар ҷомеа;

– афзалиятнокии хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ ба кӯдак;

– муқаррар ва риоя кардани меъёрҳои давлатии ҳадди ақали иҷтимоӣ барои кӯдак;

– эътирофи афзалияти ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор, бо мақсади таъмини шароити мусоид барои таълиму тарбияи онҳо;

– роҳ надодан ба табъизи кӯдакон, новобаста ба мансубияти нажодӣ, миллӣ, ҷинсӣ, динӣ, забонӣ, ҳолати иҷтимоӣ ва молумулкӣ, вазъи саломатӣ ва дигар аломатҳо;

– дастгирии давлатии ташкилотҳое, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдаконро ҳифз менамоянд[80].

---

[79] Ниг.:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218.

[80] Ниг.:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.04.2020).

Боби сеюм ба ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдакон бахшида шудааст. Мутобиқи қонун, ҳар як кӯдак ба зиндагӣ ва шароите ҳуқуқ дорад, ки барои инкишофи мукаммали ҷисмонӣ, равонӣ ва маънавию ахлоқии ӯ заруранд. Кӯдак ба озодӣ, дахлнопазирӣ, шаъну эътибор ва ҳаёти шахсӣ ҳуқуқ дорад. Ҳамаи кӯдакон, новобаста ба баромади иҷтимоӣ, мансубияти миллӣ ва мазҳабӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ, нажод, ҷинс, забон, таҳсилот, эътиқоди динӣ, ҷойи зист, вазъи саломатӣ ва дигар ҳолатҳои ба кӯдак ва падару модар ё дигар намояндагони қонунии ӯ дахлдошта, ҳуқуқҳои баробар доранд. Давлат ба кӯдак барои фароҳам овардани шароити мусоид тавассути маҷмуи чорабиниҳои иҷтимоию иқтисодӣ тадбирҳо меандешад.

Дар қонун таваҷҷуҳи махсус ба ҳуқуқҳои кӯдак дар самти озодии сухан, виҷдон, иттилоот ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ дода шудааст. Аз ҷумла, дар м. 14-и ҳамин Қонун муқаррароти зерин пешбинӣ гардидааст: “Ҳар як кӯдак ба озодии сухан ва изҳори ақидаи худ, озодии виҷдон ва инкишофи фаъолнокии ҷамъиятӣ, ба гирифтан ва интишор кардани иттилооти ба синни ӯ мувофиқ, иштироки ихтиёрӣ дар ташкилотҳо тибқи қонунгузории ҶТ ҳуқуқ дорад. Мақомоти давлатӣ ба ташкилотҳое, ки фаъолияташон ба инкишоф додани шахсияти кӯдак, фаъолнокии ҷамъиятӣ ва эҷодкории ӯ дар соҳаи илм, техника, адабиёт, ҳифзи муҳити зист, фарҳанг ва варзиш, инчунин, ташкили истироҳати кӯдак равона шудааст, мусоидат менамоянд”[81].

Қонуни дигаре, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқии илмии мо марбут аст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ” аз 28 декабри соли 2013, № 1056[82] маҳсуб мешавад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таълиму тарбияи томактабиро дар ҶТ муқаррар менамояд.

Дар ҳамин Қонун қайд гардидааст, ки вазифаҳои таълиму тарбияи томактабӣ аз инҳо иборатанд:

---

[81] Ниг.:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196

[82]Ниг.:Қонун «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» аз 28 декабри соли 2013 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 19.04.2020).

– ташаккули инкишофи ҷисмонӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ бо назардошти қобилият, шавқу рағбат ва хусусиятҳои фардии онҳо;

– ташаккули шахсият ва гузоштани замина барои таълимгирии минбаъдаи кӯдакони синни томактабӣ бо назардошти омода намудани онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ;

– тарбияи кӯдакони синни томактабӣ дар руҳияи эҳтиром ба арзишҳои фарҳангию миллӣ ва умумибашарӣ, муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба инсон ва қонун, рамзҳо ва забони давлатӣ, оила ва ҷомеа, инчунин, муносибати бошуурона ба муҳити зист ва ҳифзи он;

– ҳифз ва таъмини беҳдошти вазъи саломатӣ, инкишофи равонӣ, маънавӣ ва неруи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ, инчунин, ташаккул ва инкишофи қобилиятҳои ҳаётан муҳим ва мутобиқшавии иҷтимоии аввалияи онҳо;

– таълими донишу малакаи аввалия тибқи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ ва барномаҳои таълиму тарбияи томактабӣ;

– ташкили кор бо оила бо мақсади баланд бардоштани маърифатнокии психологию педагогии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) барои нигоҳубини кӯдакони синни томактабӣ ва инкишофу тарбияи онҳо[83].

Кӯдакони синни томактабие, ки шаҳрвандони ҶТ мебошанд, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс ва забон, инчунин, новобаста ба эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ба гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ҳуқуқ доранд.

Ҳамчунин, дар қонунгузории соҳавӣ меъёрҳое вуҷуд доранд, ки дар ҳолатҳои ҷудогона шахсони ба синни ҳаждаҳ нарасидаро ба афроди калонсол

[83] Ниг.:Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» аз 28 декабри соли 2013 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 19.04.2020).

баробар мекунанд. Барои мисол, мувофиқи м. 28 КГ ҶТ[84] шахси ноболиғи ба синни 16 расида метавонад ба таври пурра мукаллаф эътироф гардад, агар вай тибқи қарордоди меҳнатӣ, аз ҷумла бо созишнома ё бо ризоияти падару модар, шахсони ӯро ба фарзандхонӣ қабулнамуда ва ё шахсони васӣ (мураббӣ), ки машғул ба фаъолияти соҳибкорианд, ба фаъолияти меҳнатӣ машғул бошад. Эътирофи пурраи шахси ноболиғ ҳамчун шахси мукаллаф, яъне эмансипатсия ё озодсозии пурра бо ризоияти ҳам падар ва ҳам модар, падархонд, васӣ ва ё дар ғайри ин сурат, бо қарори суд ба амал меояд.

Бояд тазаккур дод, ки вазъи ҳуқуқии кӯдак характери комплексӣ дошта, танзим ва муайянсозии нимсоҳавиро дар назар дорад. Аз лиҳози назарияи ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ дар натиҷаи таҳияву коркарди меъёрҳои ҳуқуқӣ, муқаррар намудани меъёрҳои дахлдор дар санадҳои расмӣ ва муназзаму систематикунонии онҳо шакл мегирад. Бо назардошти асоси мавҷуда, метавон низоми қонунгузории комплексиро қайд намуд. Вобаста ба объекти танзими ҳуқуқӣ ва ҳамчунин, низомҳои мудирияти давлатӣ, дар низоми қонунгузорӣ амалан ташаккулёбии комплексӣ ба вуҷуд меоянд. Барои намуна, метавон ба қатори онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ” аз 22 апрели соли 2003 №21[85]-ро илова намуд, ки он вазъи ҳуқуқии гурӯҳҳои ҷудогонаи иҷтимоиро муайян менамояд. Маҳз ба ин гурӯҳ аз шаклгириҳои комплексӣ дар низоми қонунгузорӣ метавон қонуни махсусгардонидашудаи ҶТ “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак”-ро ҳам илова кард. Унсурҳои қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак”-ро санадҳои меъёриву ҳуқуқие, ки аз соҳаҳои мухталиф гирифта шудаанд, аз ҷумла қонунгузориҳои конституцсионӣ, маъмурӣ, граждани, оилавӣ, ҷиноятӣ, меҳнатӣ, мурофиавӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, тиббӣ, манзил,

[84] Ниг.: Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.04.2020).

[85] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. С. 2003, №4, мод. 151; с, 2007, №7, мод. 696; с. 2009, № 3, мод. 84; с. 2012, №7, мод, 718; с. 2014, №7, қ.2, мод. 424.

ҳифзи иҷтимоӣ, меросӣ, байналмилалӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ғайра ташаккул медиҳанд.

Маълум аст, ки вазъи низоми қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳоикӯдакба иртиботи бо ҳам пайванди мавҷуд миёни соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ, падидаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқ, бекор, илова ва тақсимот, муттаҳиду якҷоясозӣ ва аз байн рафтан вобаста аст. Дар қонунгузории миллӣ равандҳои таъсиррасониву нуфузҳои муштарак ҷанбаи умумӣ ба худ гирифтаанд. Дар соҳаи қонунгузории мавриди назар воридшавии низоми ҳуқуқи байналмилалӣ – меъёрҳои санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар бораи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои кӯдак ба мушоҳида мерасад. Аз таъсири бевоситаи меъёрҳои мазкур навсозии назарраси меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ, ки вазъи ҳуқуқии кӯдаконро муқаррар менамоянд, ба амал меояд. Ин на танҳо нишондиҳандаи яке аз механизмҳои ҳаракату таҳаввул ва ҳаракати ҳуқуқӣ, балки раванди воридшавии муштараки фарҳангҳои гуногуни ҳуқуқист.

Таҳқиқоту омӯзиши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нишон медиҳад, ки маҳз дар онҳо асосҳои омили бисёрсоҳавии ташаккули пояи меъёрии вазъи ҳуқуқии кӯдак гузошта шудаанд, таҷрибаи тулонии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои мухталифи олам тавассути онҳо ба назар гирифта шудааст. Меъёрҳои мазкур муқаррароти ибтидоии соҳаҳои гуногуни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, аз қабили конституцсионӣ, оилавӣ, гражданӣ, меҳнатӣ, таҳсилот, тиббӣ, ҳуқуқи ҳифзи иҷтимоӣ, ҳуқуқи адлияи ювеналӣ, ҳуқуқи гуманитарӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Ҳуқуқи байналмилалӣ муҳимтарин мафҳум ва принсипҳои соҳаи вобаста ба ҳуқуқ, озодиҳо ва вазифаҳои кӯдакон, кафолати иҷро ва роҳҳои ҳифзи онҳоро дар худ ҷой додааст. Лозим аст, то тамоми ин имконот ва потенсиал ба таври фаъолона тавассути қонунгузор дар самти мутобиқсозии меъёрҳои қонунгузориҳои амалкунанда ва қабули иқдомоти зарурӣ барои рафъи падидаҳои манфӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ ба кор гирифта шавад.

Ташаккул ва инкишофи қонунгузории миллӣ дар робита ба ҳуқуқҳои кӯдак имрӯз аз нигоҳи таъсирпазирии ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ ба сурати умум зери таъсири мушкилоти умумии ҷомеа қарор гирифтааст. Қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз нигоҳи назариявӣ – ҳуқуқӣ метавонад дар самтҳои зерин инъикос ёбад:

1. Муайянсозии мафҳум ва арзишҳои иҷтимоӣ;

2. Муқаррар намудани аломатҳои мушаххаси он дар муқоиса бо қисмҳои дигари низоми қонунгузории миллӣ, нақши он дар ин низом ва тааллуқоти соҳавӣ- функсионалии он;

3. Танзими қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак;

4. Ҳолати муосири камбудиҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак, мушкилот ва тамоюлоти рушду такмили минбаъдаи он.

Мутаассифона, меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак дорои асосҳои кофӣ нестанд, зеро дар ҷумҳурии мо усули боқимондаи маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ истифода мешавад, ки қисми таркибии онро муносибат бо кӯдакон ташкил медиҳад. Бинобар ин, асоси фаъолияти меъёрсозиро сиёсати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ки ҳадафи он ба рафъи вазъи ғайриқаноатбахши мавзуи ҳуқуқҳоикӯдак дар кишвар нигаронида нашудааст.

Қобили зикр аст, ки мафҳумҳои кӯдак дар соҳаҳои дигар маъно ва ҷойи истифода дошта, мавриди корбаст мегиранд. Масалан, дар педагогика хурдсол кӯдакони то 1 – сола; синни томактабӣ аз 3 то 6 – сола; синни хурдимактабӣ аз 6 то 10 – сола; наврасӣ аз 11 то 14 – сола ва баъдан синни калони мактабӣ аз 15 то 18 – сола фаҳмида мешавад[86].

Ин ҷо бояд ба саволи асосӣ ҷавоб дод, ки оё мафҳумҳои мазкур ҳаммаъно ва ҳаммазмун мебошанд, якдигарро магар такрор ва ё инкор намекунанд, оё ғалати техникӣ аст, ки онҳо дар шаклҳои гуногун истифода

[86] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. с. 2003, №4, мод. 151; с, 2007, №7, мод. 696; с. 2009, № 3, мод. 84; с. 2012, №7, мод, 718; с. 2014, №7, қ.2, мод. 424.

шудаанд. Доир ба масъалаи мазкур дар оғози ҳамин зербоб дар асоси қонунгузории ҶТ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, таҳлили сатҳии масъала нишон медиҳад, ки дар қонунгузории ҶТ мафҳумҳои гуногун, ҳатто хилофи якдигар истифода мешаванд. Барои дақиқ намудани вазъи кӯдак дар қонунгузории соҳавӣ баррасии маҷмуӣ ва тафриқавии масъала мувофиқи мақсад мебошад. Дар акси ҳол дар қонунгузории ҶТ як навъ “парокандагӣ” ошкор карда мешавад, ки он ягон натиҷаи амалӣ надорад**.** Сарфи назар аз истифодаи мафҳумҳои гуногун ҳамаи онҳо дар ҷой ва мавқеи худ истифода гардида, боиси мушкилот намегардад.

Бо назардошти мавзуоти дар боло матраҳшуда метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

Аввалан, маҷмуи ҳуқуқҳои кӯдак ин марҳалаи махсус муҳим дар зиндагии шахс мебошад, бинобар ин, ба танзими ҳуқуқии он давлат бояд таваҷҷуҳи хосса зоҳир намояд. Танзими тамоми соҳаҳо ва марҳалаҳои фаъолиятҳои ҳаётӣ бояд вобаста ба он бошад, ки то кадом андоза чӣ дар соҳаи иқтисод, чи сиёсату низомӣ ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак инъикос ва фароҳам оварда шудаанд. Дар ниҳоят, мақоми ҳуқуқии кӯдак бояд категорияи ҳатмии назариявӣ эътироф гардад ва коркарду асосноксозии он на танҳо кори илмҳои соҳавии ҳуқуқӣ, балки, пеш аз ҳама, дар маркази таваҷҷуҳи назарияи давлат ва ҳуқуқ қарор гирад.

Дувум, бо мақсади муайянсозии мақоми ҳуқуқии кӯдак, пешниҳод мегардад, ки соҳаи ҳуқуқҳои кӯдак мушаххас гардад. Соҳаи мазкур предмети махсуси раванди танзими ҳуқуқиро ташкил медиҳад, ки дар он тафовутҳои бисёр нодиру нозук вобаста ба қудрат дар муносибати байни субъектҳо вуҷуд дорад. Ин муносибатҳои мавҷуда дар миёни субъектҳо, ибтидои маънавиёт ва эътиқодро, ки таърихан шакл гирифта, тавассути танзимкунандаҳои мухталифи иҷтимоӣ расмият ёфтаанд, ҳамчунин, манфиатҳои махсуси кӯдак,

раванди ҷудонопазири равоншиносии ташаккул ва татбиқи иродаи падару модар ва кӯдакро то давраи балоғат бо ҳам муттаҳид менамоянд.

Ба таври махсус бояд қайд намуд, ки дар марҳалаи муосир, мавзуи ҳуқуқҳои кӯдаксарфи назар аз коркарду қабули маҷмуи санадҳои меъёриву ҳуқуқии вобаста ба танзими масъалаҳои мавриди назар, дар қонунгузории миллии мо ҳанӯз ба таври лозим ва пурраву комил ҷойгоҳи худро наёфтааст.

1.2. Ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Зимни таҳқиқи қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдак лозим аст, то асосҳои назариявиву методологии ҳуқуқи инсон дар маҷмуъ ва тарҳу сохтмони ҳуқуқии он ба таври махсус мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор дода шавад.

Ҳадаф аз таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдак дар низоми умумии ҳуқуқи инсон дар кишвар таҷдиди назари низоми қоидаҳои мурофиавӣ ва таҷрибаи мавҷудаи ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин нуқтаи назар, ҳуқуқҳои кӯдак дар ин замина метавонад ҳамчун принсипи категорияи назариявӣ ва сохтор (конструксия)-и ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирад. Бинобар таъкиди профессор Р.Ш. Шарофзода, ҳуқуқи ҷомеаи муосир бидуни ҳуқуқи инсон ғайри қобили тасаввур аст. Ҳамчун шароити зарур барои вуҷуд ва бақои инсон, ҳуқуқи инсон ҳамеша дар оинаи ҳуқуқ, ибтидо дар ҳуқуқи табиӣ ва баъдан дар ҳуқуқи мусбат инъикоси худро ёфтаанд. Дар зимн, раванди инъикоси ҳуқуқи инсон ба ҳуқуқ дар тули асрҳои зиёд идома дошт. Барои он ки инсон ва ҳуқуқи вай ҳамчун арзиши олӣ эътироф шавад, ҳазорсолаҳо дар масири таърих сипарӣ шудааст[87].

Ба андешаи О.Н. Бутко, қонунгузории вобаста ба соҳаи ҳуқуқи кӯдак нишондиҳандаи дараҷаи рушду инкишофи давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи

[87]Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Теория государства и права: учебник для вузов. – Душанбе: Империал – групп, 2014. – С. 194.

шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад[88]. Вуҷуди хатароти зиёди ҷиддӣ дар миёни афрод, аз ҷумла ҷинояткорӣ, ки ҳар чи бештар кӯдакон қурбонии он қарор мегиранд, терроризм, муноқишаҳои байниқавмии мусаллаҳона, муҳоҷирати иҷборӣ, нашъамандӣ ва машрубхорӣ, дар маҷмуъ, зарурати такмили доимии базаи қонунгузориро тақозо менамояд. Ҳамчунин, муҳаққиқи рус С.С. Алексеев дар робита ба ин қайд менамояд, ки "ба монанди соҳаи фановарӣ ва кори муҳандисӣ, муваффақият дар ҳалли вазифаҳое, ки бо кумаки ҳуқуқ ба даст меоянд, аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки то чи андоза дар таҳияву коркарди воситаҳои ҳалли вазифаҳои дахлдор аз нақшаҳои намунавии беҳтар, моделу иттилоот ва таҷрибаи амалӣ истифода мегардад".[89]

Аз нигоҳи мо, шинохти дурусти моҳияти категорияи мазкур имконоти ҷадидеро дар ҷиҳати дарки беҳтари ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ фароҳам меоварад. Ҳуқуқ яке аз омилҳои ташаккулдиҳандаи ҷомеаи башарист, ки тавассути он назму суботи ҷомеа таъмин мегардад. Бинобар ин, татбиқу таҷассуми ҳуқуқ дар заминаҳои мухталиф яке аз масъалаҳои калидӣ дар амалисозӣ ва иҷрои он ба ҳисоб меравад. Метавон конструксияи ҳуқуқиро ба сифати пояи аслӣ ҳамчун ҷузъи танида бар матои ҳуқуқи мусбат ва системаи онро ҳамчун конструксияи дарбаргирандаи ҳуқуқи мусбат донист.

Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон тавассути роҳҳои муқаррарнамудаи қонун таъмин мегардад. Он бо истифода аз воситаҳои муайяншуда, ҳам тавассути мақомоти судӣ ва ҳам ба воситаи мақомоти давлатӣ сурат мегирад. Дар бештари маврид раванди мазкур тавассути мақомоти судӣ анҷом мегирад.

Тавре таҷрибаи судӣ ва омори баррасии паванда̂ои оилавӣ нишон медиҳад, миқдори зиёди баҳсҳои судиро вобаста ба парвандаҳои оилавӣ дар амал даъвоҳои шаҳрвандон оид ба бекор кардани ақди никоҳ ташкил медиҳанд. Барои мисол, тибқи омори мавҷуда, дар саросари Тоҷикистон ба

---

[88]Ниг.: Бутько, О.В. Правовой статус ребенка: теоретико-правовой анализ: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2004. – С. 74.

[89] Ниг.: Алексеев, С.С. Юридические конструкции – ключевое звено права // Цивилистические записки: межвуз. сб. науч. тр. – М.: Статут, 2001. – С. 5-20.

таври расмӣ дар маҷмуъ, соли 2018-9727 нафар, соли 2019 – 9676 нафар, соли 2020 – 9175 нафар, соли 2021 – 12302 нафар ва соли 2022 – 11753 шаҳрвандон ақди никоҳашон бекор карда шудааст[90], ки дар миёни ин оилаҳо кӯдакони ноболиғ ҳам тарбия мешуданд. Бо чунин вазъ мо такмили танзими ҳуқуқии масъалаҳои зиёде доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро ҳангоми ҳалли баҳсҳои судӣ, ки бевосита ба сарнавишти минбаъдаи кӯдакон дахл доранд, зарурӣ медонем. Ба назари мо, масъулияти пурраи таъмини ҳифзу ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандон ба уҳдаи давлат мебошад. Стратегияи миллӣ, нақшаҳо ва тасмимҳои дурусти сиёсӣ дар роҳи даст ёфтан ба ин мақсад аҳаммияти ҳалкунанда мебозанд, зеро ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак бо мубрамияти худ дар стратегия, барнома ва қонунҳои ҶТ ба таври васеъ бояд инъикос ёбанд[91].

Лозим ба зикр аст, ки нуктаи бисёр гӯё дар робита ба муҳим шинохтани аҳаммияти ҳуқуқ ҳангоми татбиқи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, ба вуҷуд овардани сохтори муассири меъёриву ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи умумии ин сохтор аз мусоидату кумак ба ҳамгироии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва инкишофи муштараки қонунгузорӣ, бо назардоштинизоми мушаххаси ҳуқуқӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ иборат мебошад.

Ҳарчанд дар дунё дар ростои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак пешрафту дастовардҳои муҳимме ҳосил шуда бошад ҳам, вале бо назардошти фаъолиятҳои анҷомгирифта дар давлатҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд, ин пешрафтҳо мутафовит мебошанд.

Ба назари мо, дар шароити муосир чанд роҳ ва самти боло бурдани самаранокӣ ва муассирияти раванди ҳифзи ҳуқуқи кӯдак вуҷуд дорад. Роҳу самтҳои мазкурро метавон ба сифати маҷмуи чорабиниҳо бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои зерин, аз ҷумла тақвияти асосҳои назарияи вазъи ҳуқуқҳои кӯдак, ҳамчунин, ҳалли бархе аз мушкилоти вобаста ба таъмини ҳолати ҳуқуқии

[90]Ниг.:Раёсати омори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳисоботи парвандаҳои оилавии Суди Олии ҶТ //– Душанбе, 2020.
[91] Ниг.: Раёсати омори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳисоботи парвандаҳои оилавии Суди Олии ҶТ //– Душанбе, 2020.

кӯдак ва татбиқи ҳуқуқҳои вай дар таҷриба ва эҷоди механизмҳои нисбатан муассири таъмини манфиатҳои кӯдак муаррифӣ намуд.

Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ нисбат ба шахсони ба синни ҳаждаҳ нарасида ҳангоми баррасии вазъи ҳуқуқии онҳо маъмулан аз мафҳумҳои “қобилияти ҳуқуқӣ”, “мукаллафият”, “вазъи махсуси ҳуқуқӣ” истифода мешавад. Аз ҳуқуқҳои кӯдак дар матни ҳуқуқҳои инсон ёдоварӣ мешаванд. Аммо аз нигоҳи мо, дар даврони муосир, бо таваҷҷуҳ ба афзоиши хатарот, вуҷуди тамаддуни ҳуқуқҳои кӯдак ҳамчун гурӯҳ ва категорияи ҷудогона дар низоми ҳуқуқи инсон, аз аҳаммияти бунёдӣ (фундаменталӣ) бархӯрдор мегардад. Назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳамчун илми хулосавӣ барои тақвияти ҳолатҳои умуминазариявии мафҳуми дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эътирофшудаи “ҳуқуқҳои кӯдак” асбобу олот ва воситаҳои зарурии илмӣ дар ихтиёр дорад. Бинобар ин, ба назари мо, омӯзиши нисбатан муфассали асосҳои назариявии вазъи ҳуқуқии кӯдак ба сифати системаи идеяҳои асосӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва таъмини мақоми ҳуқуқии вай, тасаввур ва маълумоти комил дар хусуси моҳият ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ироа медиҳад, ки дар ин муносибат шахсони ноболиғ ҳам ширкат менамоянд.

Тавре Е.А. Лактюнкина қайд менамояд, дар назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳуми “кӯдак”, “ҳуқуқҳои кӯдак” мавриди баррасӣ қарор намегиранд. Дар асоси он ки ҳуқуқҳои кӯдак мафҳуми хулосавии танзими ҳуқуқӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад ва он идеяҳои аслии консептуалӣ ва принсипҳои таъмини ҳуқуқро дар худ мутамарказ намудааст, зарур аст, ки то ин мафҳум дар дастгоҳи категориявии илми ҳуқуқ ворид карда шавад[92]. Ба назари мо, лозим аст, то як қатор мафҳуму аломатҳо таҳияву танзим гарданд. Ҳамчунин, муҳим аст, то мушаххас ва муайянсозии мафҳумҳои “кӯдак” ва “ноболиғ” сурат бигирад ва ҷанбаи тахассусӣ-ҳуқуқии онҳо таҳлилу таҳқиқ гардад. Илова бар ин, “ҳуқуқҳои кӯдак” ба сифати мафҳум, метавонад

[92] Ниг.: Лактюнкина Е.А. Права ребенка в контексте концепции устойчивого развития: дис ... канд. юрид. наук. – Уфа, 2005. – 198 с.

ҳамчун конструксияи ҳуқуқӣ асоснок гардад. Эҳтимол дорад, ки чунин бархӯрд дар робита ба мафҳуми зикршудаба ташаккули равиши назариявии ҷудонопазир дар ҷиҳати ҳалли мушкилоти таъмини ҳуқуқҳои кӯдак мусоидат намояд. Мафҳумҳои умуминазариявии “қобилияти ҳуқуқӣ” ва “мукаллафият” аз лиҳози муаррифии “ҳуқуқҳои кӯдак” ҳамчун конструксияи ҳуқуқӣ дорои аҳаммият мебошанд. Муайянсозии ҷои меъёрҳои ҳуқуқи танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар низоми ҳуқуқ ва қонунгузорӣ вазифаи нисбатан мутафовит аст ва он камаҳаммият ба ҳисоб намеравад.

Ҳамчунин, хусусиятҳои ҳифзи манфиатҳои кӯдакон дар низоми ҳуқуқи инсон бахшҳое ба ҳисоб мераванд, ки таҳқиқу таҳлили онҳо донишҳои назариявии мавҷуд дар бораи ҳуқуқи кӯдакро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Бо таваҷҷуҳ шартҳои матраҳшуда дар бораи низоми устувор ва мустақили ҳуқуқҳои кӯдак, зарур аст, то ҳуқуқҳои кӯдак аз ҷиҳати қонунӣ (юридикӣ) мавриди тасниф қарор бигиранд. Бо назардошти вуҷуд доштани меъёрҳои зиёди таснифот (классификатсия), ки имкон медиҳанд тамоми маҷмуи ҳуқуқҳои инсон[93] шарҳу маънидод гарданд, аз назари мо, таҳия ва ҷудосозии махсуси ҳуқуқҳои кӯдак имконпазир аст. Чунин таснифот бар асоси дараҷабандии умумии муқарраршудаи ҳуқуқӣ, аз як тараф ва аз рӯи назардошти фардияти ҳуқуқи кӯдак ҳамчун гурӯҳи алоҳидаи ҳуқуқи инсон аз тарафи дигар устувор хоҳад буд. Дар робита ба ин, аз нигоҳи мо ба назар гирифтани ин нукта муфид аст, ки Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 собит намуд, ки маҷмуи ҳуқуқҳои инсон (сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра) то андозаи муайян ба категорияи “кӯдак” хос мебошанд.

Хулоса ва натиҷагирӣ аз меъёрҳои ҳуқуқ дар сатҳи боло, муҳтавои фишурдаи ҳуқуқ ва як навъ ҳастии меъёрҳои ҳуқуқиро, маъмулан, ҳамчун принсипи табиии ҳуқуқ мепазиранд. Принсипи ҳуқуқ ба сифати догмаи хосси

[93] Ниг.: Глухарева, Л. И. Права человека в современном мире (социально-философские основы и государственно – правовое регулирование) / Л.И. Глухарева. – М.: Юристъ, 2003. – С. 36.

муқарраршуда дар сатҳи соҳаҳои ҷудогона ба назар мерасад. Моҳиятан ин аксиомаи соҳаи ҳуқуқ аст, ки дар назария ба он пардохта шуда, он дар таҷрибаи амалӣ ҳам истифода мегардад. Аксиомаҳо, ки вазъи расмии ҳуқуқии кӯдаконро муайян месозанд, бояд дар соҳаи таъмини ҳуқуқҳои кӯдак таҳия шуда, дар фаъолиятҳои давлат ва ҷомеа доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба кор гирифта шаванд.

Аз нигоҳи Ҷ. Саъдизода, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҳар фард, ки таҳкурсии қавии сохтмон ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад, дар сатҳи робитаи мутақобил миёни давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон зоҳир меёбад[94]. Аз нигоҳи Э.С. Насурдинзода, эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ омили муҳим дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии мардум ба ҳисоб меравад[95]. ҶТ соли 1993 Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакро ба имзо расонид[96]. Он гувоҳи ин матлаб аст, ки Конвенсияи мазкур санади аслӣ ва асосӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аст. Мувофиқи м. 1 Конвенсия зери мафҳуми “кӯдак” шахси воқеӣ дар назар аст, ки ба синни 18 нарасида бошад[97]. Тибқи қонунгузории Тоҷикистон низ мафҳуми “кӯдак” дорои чунин маънои ҳуқуқӣ мебошад. Барои мисол, мувофиқи қ. 1. м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” ва м. 55 КО ҶТ “шахсе кӯдак шинохта мешавад, ки ба синни ҳаждаҳ (балоғат) нарасида бошад”.

Лозим ба зикр аст, ки кӯдакон чун дигар субъектҳои ҳуқуқ, аз тамоми ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд бархӯрдор мебошанд. Мувофиқи Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ва қонунгузориҳои миллӣ ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдакро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

1. Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ. Дар илми ҳуқуқи инсон вобаста ба мафҳуми ҳуқуқҳои шахсӣ таърифҳои зиёде вуҷуд дорад. Баъзе олимон таҳти

---

[94] Ниг.: Саъдизода Дж. Культура прав человека как составная часть правовой культуры // Закон и право. – М. Изд-во «ЮНИТИ – ДАНА», 2014. – С. 63-67.

[95] Ниг.: Насурдинов Э.С. Правовая политика в сфере прав человека и ее роль в совершенствовании правовой культуры граждан // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2014. – № 3/3 (136). – С. 82-86.

[96] Ниг.: Диноршоев А. М., Сафаров Б. А., Сафаров Д. С. Право ребенка. Учеб.пособие. Изд – во «Контраст». – Душанбе, 2013. – С. 65.

[97]Ниг.: Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак. Боқарори Ассамблеяи Генералии СММ аз 20 ноябри соли 1989 қабул гардидааст.

мафҳуми ҳуқуқҳои шахсӣ он имкониятҳоеро дар назар доранд, ки барои таъмини озодӣ ва мухторияти фард ҳамчун узви ҷомеаи шаҳрвандӣ, амнияти вай аз ҳар гуна дахолати ғайриқонунии бегона нигаронида шудаанд. Гурӯҳи дигари олимон бар он ақидаанд, ки ҳуқуқҳои шахсӣ ҳуқуқҳое мебошанд, ки аз лаҳзаи таваллуд ба шахс тааллуқ дошта, ба мансубияти шаҳрвандии он вобаста нест. Дар баробари таърифҳои боло, мо мафҳуми ҳуқуқҳои шахсии кӯдакро пешкаш менамоем. Ҳуқуқҳои шахсии кӯдак он ҳуқуқҳои воқеан муқаддасро меноманд, ки барои мухторияти кӯдак ва фардикунонии ӯ равона шуда, ба кӯдак аз лаҳзаи таваллуд тааллуқдошта, табиӣ ва бегонанашаванда буда, ба мансубияти сиёсӣ-ҳуқуқии вай ба ин ё он давлат вобастагӣ надорад.

Ба зумраи ҳуқуқҳои шахсии кӯдак ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар навъи муносибати ғайриинсонӣ, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият, ҳуқуқ ба интихоби маҳалли зист ва озодии мусофират, ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва ҳаёти оилавӣ, ҳуқуқ ба номи нек, ҳуқуқ ба симои шахсӣ, овоз, шаъну шараф ва ғайра мансуб мебошанд.

Тавре ба назар мерасад, дар саргаҳи ҳуқуқҳои шахсии кӯдак ҳуқуқ ба ҳаёт ҷойгир шудааст. Ҳуқуқ ба ҳаёт он ҳуқуқи воқеан муқаддасе мебошад, ки дигар ҳуқуқҳои шахсӣ аз он сарчашма мегиранд ва вобастаи он ҳастанд. Дар м. 18 Конституцсияи ҶТ ба таври умумӣ ҳуқуқи ҳар шахс ба ҳаёт, аз ҷумла кӯдакон кафолат дода шудааст. Дар м. 5 Конституцсияи ҶТ арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла кӯдакон дарҷ гардидааст ва масъулияти эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳоро давлат ба зиммаи худ гирифтааст. Дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ низ ҳуқуқ ва озодиҳои шахсии кӯдакро эътироф мекунанд. Масалан, м. 3 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқ ба ҳаётро ба таври умумӣ муқаррар намудааст, ки дар партави он кӯдакон низ дохил ҳастанд. Аз ҷумла, дар ин модда дарҷ гардидааст, ки “ҳар як инсон ба ҳаёт,

озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад”[98]. Ба ҳамин мазмун м. 6 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ низ муқаррар намудааст, ки “ҳуқуқ ба ҳаёт ҳаққи ҷудонопазири ҳар як инсон буда тибқи қонун ҳифз карда мешавад. Ҳеҷ кас наметавонад худсарона аз ҳаёт маҳрум карда шавад”[99].

Дар илми муосири тиб исбот гаштааст, ки инсон ҳамчун фардияти биологӣ ҳанӯз дар батни модар шакл мегирад. Аммо санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва минтақавӣ ба ин андеша равшание наандохтаанд. Истисно аз ин андеша Конвенсияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон аст, ки ҳуқуқи ба ҷо овардани эҳтиром нисбат ба ҳаёти инсонро аз лаҳзаи ҳомиладорӣ эълон менамояд[100].

Дигар ҳуқуқе, ки ба зумраи ҳуқуқҳои шахсии кӯдак мансуб аст, ин ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар навъи муносибати ғайриинсонӣ мебошад. Дар айни ҳол ин ҳуқуқ бинобар аҳаммияти мубрам касб намуданаш дар маркази таваҷҷуҳи олимони соҳаи ҳуқуқ қарор гирифтааст. Давлатҳои мутамаддини дунё аз пайи кафолати татбиқ нагардидани он дар амалия саъй намуда истода, тадбирҳои зиёдеро андешидаанд. Масалан, соли 1975 Эъломия дар бораи ҳимояи ҳамаи шахсон аз шиканҷа ва дигар навъи муносибат ва ҷазои бераҳмона ва пастзанандаи шаъну шараф, соли 1984 Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар навъи муносибат ва ҷазои бераҳмона ва пастзанандаи шаъну шарафро якҷоя қабул намуданд. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ масъалаи мазкур дар м. 18 Конституцияи ҶТ дарҷ гардидааст. Мутобиқи он “дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад”. Ҳарчанд моддаи мазкур ба таври умумӣҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷаро муқаррар кардааст, он нисбати категорияи алоҳидаи шахсон – кӯдакон низ татбиқ мегардад.

---

[98]Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз санаи 10.12.1948.
[99]Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ аз санаи 16.12.1966.
[100] Ниг.: Права человека. Сборник универсальных и региональных международных документов. – М. 1990. – С.143.

Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсии кӯдак яке аз ҳуқуқҳои шахсии кӯдак ба ҳисоб меравад. Ба маънои васеъ, дахлнопазирии шахсӣ имконнопазир будани дахолати беруна ба ҳайси инфиродии кӯдакро ифода мекунад. Яке аз муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи инсон Ф.М. Рудинский се навъи дахлнопазириро ҷудо менамояд: дахлнопазирии ҷисмонӣ, маънавӣ ва руҳӣ. Аз нигоҳи вай, дахлнопазирии ҷисмониро дахлнопазирии ҳаёт, саломатӣ ва тамомияти ҷисмонӣ ташкил менамояд. Дахлнопазирии маънавӣ бошад, дахлнопазирии қадр, номус ва мартабаи кориро фаро мегирад. Дар зери дахлнопазирии руҳӣ бошад, олим озодии баёни иродаро дар назар дорад, ки аз он озодии виҷдон, эътиқод, сухан ва ғайра бармеояд[101].

Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирӣ, ба таври умум, дар моддаҳои 3 ва 9 Эъломияи умуми ҳуқуқи башар ва м. 9 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шахсӣ дарҷ гардидааст, ки он аз ҷумла ҳуқуқҳои кӯдаконро дар ин самт фаро мегирад.

Дигар ҳуқуқи шахсии кӯдак ин ҳуқуқи доштани ном мебошад. Кӯдак баъди таваллуд, ҳатман, номгузорӣ карда мешавад ва ӯ ҳуқуқ ба доштани номи хубро дорад. Доштани номро моддаи 20 КГ ҶТ ва махсусан ҳуқуқҳои кӯдак ба доштани номро моддаи 58 КО ҶТ муқаррар мекунад. Дар м. 58 КО ҶТ дарҷ гардидааст, ки кӯдак ба доштани ном, номи падар ва насаб ҳуқуқ дорад ва тартиби сабти ном, номи падар ва насаби вай дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ” ба роҳ монда мешавад. Моддаи 20 КГ ҶТ бошад, ба ҳамин мазмун ба таври умумӣ муқаррар менамояд, ки шаҳрванд ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро бо номи худ ба даст оварда, татбиқ менамояд. Ҳамчунин, метавонад аз тахаллус истифода намояд. Дар асоси қ.2 моддаи мазкур шаҳрванд ҳуқуқ дорад номи худро иваз намояд. Ҳуқуқҳои кӯдак ба ном ҳамчун ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкии ба молу мулк алоқаманднабудаи ӯ

[101]Ниг.: Рудинский Ф.М. Право неприкосновенности личности // Право и жизнь. – 2000. №67. – С.

пазируфта шуда, дар асоси м. 174 КГ ҶТ ҳамчун неъмати ғайримоддӣ мавриди ҳифз қарор дода мешавад.

Ҳуқуқи шахсии дигари кӯдак ин ҳуқуқ ба симои шахсӣ мебошад. Моддаи 176 КГ ҶТ ба таври умумӣ ҳуқуқ ба симои шахсиро ба шахсони воқеӣ ва ҳамзамон, ҳифзи онро низ кафолат медиҳад. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки меъёрҳои муқарраркардаи моддаи мазкур низ нисбат ба кӯдак дахл дошта, дар асоси он кӯдак ба симои шахсӣ ҳуқуқ дорад.

Дар миёни ҳуқуқҳои шахсии кӯдак ҳуқуқ ба озодии афкор, виҷдон ва эътиқод ҷои худро дорад. Озодии виҷдон ва эътиқод яке аз ҳуқуқҳои асосии шахсии инсон буда, озодии шахсиятро аз ҳама гуна назорати идеологӣ, ҳуқуқи ҳар касро барои мустақилона баҳри худ интихоб кардани низоми арзишҳои маънавӣ дар назар дорад. Дар ин асос метавон гуфт, ки кӯдакон низ ҳуқуқ доранд, ки низоми арзишҳои маънавиро бидуни дахолати ҳама гуна шахсон барои худ озодона интихоб намоянд. Ҳуқуқҳои кӯдак ба озодии афкор ва виҷдон дар худ ҷанбаҳои зеринро низ дар бар мегирад:

- ҳуқуқи эътиқод овардани кӯдак ба ҳар дин;
- ҳуқуқи ба ҷо овардани расму оинҳои динӣ;
- ҳуқуқҳои кӯдак ба иваз кардани дин;
- ҳуқуқ ба паҳн кардани иттилоот дар бораи таълимоти динӣ;
- ҳуқуқҳои кӯдак ба гирифтани таҳсилоти динӣ;
- ҳуқуқҳои кӯдак ҷиҳати ба амал баровардани фаъолияти хайру эҳсонкорӣ;
- озодии кӯдак аз табъиз аз рӯи аломати динӣ.

Қонунгузории ҶТ масоили вобаста ба ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқоди диниро ҳамаҷониба мавриди танзим ва кафолат ба ҳама гуна шахсон, алалхусус кӯдакон, қарор додааст. Ин ҳуқуқ сарчашмаи худро аз Конституцсияи ҶТ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии

виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” аз 26 марти соли 2009 №615[102] гирифтааст. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки кӯдакон низ дар муайян намудани эътиқоди худ ба дин озод буда, мавриди табъизи динӣ қарор додани онҳо манъ аст.

2. Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ. Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ дар моддаи 6 Конституцсияи ҶТ таҳким ёфтааст. Мутобиқ ба ин модда дар ҶТ халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф гардида, онро бевосита ва ё тавассути намояндагони худ амалӣ менамояд. Ба ғайр аз ин,ҶТ давлати ҳуқуқбунёду демократӣ аст, аз ин лиҳоз, кафолат надодани ин ҳуқуқҳо ба рушди устувори ҷомеа халал мерасонад. Маҳз ҳамин зарурат ба инобат гирифта шуда, дар ҶТ ба эътироф, ҳимоя ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ҳуқуқ ва озодҳои сиёсӣ гуфта, маҷмуи ҳуқуқ ва озодиҳои ба шаҳрванди давлат тааллуқдоштаеро меноманд, ки ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии мамлакат ва амалисозии ҳокимияти давлатӣ иштирок намояд. Ҳуқуқҳои сиёсӣ дорои ду хусусияти ба худ хос мебошанд.

а) ҳуқуқҳои сиёсӣ ба шаҳрвандони давлат тааллуқ дошта ба онҳо имкони дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии кишвар иштирок карданро медиҳанд.

б) аксари ин ҳуқуқҳо баробари расидан ба синни 18-солагӣ, ки шарти асосии амалишавии ҳуқуқҳои сиёсӣ аст, фаро мерасад.

Тавре маъмул аст аксарияти ҳуқуқҳои сиёсӣ баробари расидан ба синнусоли муайян оғоз мегарданд. Масалан, ҳуқуқи интихоб кардан аз синни 18-солагӣва ҳуқуқи интихоб шудан аз синни муқаррарнамудаи Конституцсия, қонунҳои конституцсионӣ ва қонунҳо фаро мерасад. Аммо дар ин миён ҳуқуқ ба озодии сухан ва изҳори ақида аз зумраи он ҳуқуқҳое ба ҳисоб меравад, ки ба синнусол вобаста нест. Пас, кӯдак ба озодии сухан ва изҳори ақида ҳуқуқ дорад.

Ҳуқуқҳои кӯдак ба озодии сухан. Ҳар як давлат, аз ҷумла Тоҷикистон ба

[102] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” аз 26 марти соли 2009 №615 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №3, м. 82.

ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, баҳри таъмину муҳайё намудани шароити зиндагии арзанда барои кӯдак тамоми тадбирҳои заруриро меандешад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» баён доштанд, ки «фарзанд меваи умри инсон мебошад ва ҳеҷ фард то охири умраш набояд худро аз масъулият дар назди фарзанд канор гирад»[103].

Дар моддаи 30 Конституцияи ҶТ ба ҳар кас озодии сухан кафолат дода шудааст.

Мавриди қайд аст, ки озодии андеша (ақида, фикр) зинаи ибтидоии озодии сухан аст[104].

Ҷиҳати амалишавии ин меъёр дар КО ҶТ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои кӯдак ба изҳори фикри худ танзим гардидааст.

Ҳамзамон, тибқи моддаи 34 Конституцияи ҶТ кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор дорад. Давлат барои ҳифз ва таълиму тарбияи кӯдакон ғамхорӣ менамояд. Вобаста ба ин, дар ҶТ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ва таълиму тарбияи онҳо ғамхории махсус зоҳир карда, барои кӯдак шароити мусоид фароҳам меорад.

Мавриди зикр аст, ки кӯдак ин шахсияте мебошад, ки аз маҷмуи ҳуқуқҳои субъективие, ки чун қоида, тавассути намояндагони қонуниаш амалӣ менамояд, барҳӯрдор аст[105].

Кӯдак баъди таваллуд ба қайд гирифта мешавад ва аз лаҳзаи таваллуд

---

[103]Ниг.:Суханронӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 14.12.2010 с. [Захираи электронӣ]. URL: http:// president.tj /node/400 ва аз 08.04.2011с. [Захираи Электронӣ]. URL: http://www.president.tj/ ru/node/1320 (санаи дархост: 11.06.2020с.).

[104] Ниг.:Қаландарзода М.С. Хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. –Душанбе, 2020. – С. 36.

[105]Ниг.: Тагаева С.Н. Теоретические проблемы семейно-правовой ответственности в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. – Душанбе, 2014. – 374 с.

барои гирифтани ном, донистани падару модар ва аз ғамхории онҳо баҳра бурдан ҳуқуқ дорад, инчунин, ҳуқуқ дорад ақидаву фикри худро озодона баён намояд[106].

Ҳуқуқҳои кӯдак ба изҳори фикри худ дар асарҳои олимони ватанӣ, аз қабили Б.Т. Худоёрзода (Б.Т. Худоёров)[107], С.Н. Тагаева[108], Ҳ.Н. Ҳиматов[109], О.М. Юнусова[110], Н.Ш. Қурбонализода (Н.Ш. Қурбоналиев)[111], М.С. Қаландарзода[112] ва Ш.Ш. Шосаидзода[113] мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Ҳуқуқҳои кӯдакон дар таносуб бо шахсони болиғ тибқи қонунгузорӣ маҳдуд аст. Барои қобилияти пурраро ба даст овардан талаботҳои мушаххас пешбинӣ шудааст. Чунин талаботҳо аҳаммияти худро доранд. Масалан, равоншиносони муосир ба он ақидаанд, ки дар давраи ҷаҳонишавии глобалӣ давомнокии кӯдакӣ мутаносибан маҳдуд мешавад.

Аллакай кӯдак дар синни 1 то 3 - солагӣ мустақилият дошта, ба худ эътимод мекунад ва худро ҳамчун шахси мустақил мебинад, ҳамзамон, комилан тобеи волидон мебошад. Кӯдак аз 3-солагӣ фикри худро оид ба тамоми масъалаҳое, ки ба манфиати ӯ дахл доранд, озодона изҳор менамояд.

Вобаста ба муайян намудани синнусоли кӯдак, ки барои изҳори фикри ӯ аҳаммияти ҳуқуқӣ дорад, дар миёни олимон ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Масалан, В.И. Абрамов қайд менамояд, ки фаҳмиши кӯдак оид ба хислати иҷтимоии рафтори ӯ ва қобилияти қарор қабул кардан аз 16 -солагӣ ба миён меояд[114].

А.И. Пергамент чунин ишора намудааст, ки барои мустақилона ҳал

---

[106]Ниг.: Химатов Х.Н. Проблемы правового регулирования имущественных отношений супругов: по материалам Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наун. – Душанбе, 2008. – 194 с.
[107] Ниг.: Худояров Б.Т. Защита прав и интересов детей по семейному праву Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2000. – 191 с.
[108]Ниг.: Юнусова О.М. Административно – правовая защита прав и законных интересов несовершеннолетних в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – 185 с.
[109] Ниг.: асари ишорашуда.
[110]Ниг.: Асари ишорашуда.
[111]Ниг.: Курбоналиев Н.Ш. Проблемы защиты гражданских информационных прав ребенка в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 195 с.
[112] Ниг.: асари ишорашуда.
[113]Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 235 с.
[114] Ниг.: Абрамов В.И. Права ребенка и их защита в России: общетеоретический анализ: автореф. дис. … д-раюрид. наук. – Саратов, 2007. – С. 28.

кардани тамоми масъалаҳо зарур аст, ки кӯдак ба балоғат расида бошад. Синнусоли кӯдак аз 12 солагӣ барои ҳалли тамоми масъалаҳое, ки ба ӯ дахл доранд дар қонунгузорӣ дарҷ карда шавад[115].

Г.В. Богданова дуруст зикр менамояд, ки маҷмуи ҳуқуқҳои кӯдак на танҳо ҳуқуқи бо Кодекси оила пешбинигардида, балки ҳуқуқи бо Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак муайянгардидаро низ дар бар мегирад[116].

Мутобиқи моддаи 13 Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 пешбинӣ шудааст, ки кӯдак ҳуқуқ дорад ақидаи худро озодона баён намояд; ин ҳуқуқ, ки истифодаи озодонаи иттилоот, қабули ирсоли он ва ҳар навъ андешаро дар бар мегирад, новобаста ба сарҳадҳо, дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё чопӣ, дар шакли асарҳои санъат ё бо ёрии воситаҳои дигар, мувофиқи интихоби кӯдак амалӣ мешавад.

Тавре қайд намудем, яке аз баҳсҳои мавзуи имрӯза дар миёни олимони ҳуқуқшинос масъалаи ҳуқуқҳои кӯдак барои озодона изҳор намудани фикри худ мебошад, ки дар моддаи 57[1]КО ҶТ аз 13 ноябри соли 1998, № 683[117] дар чунин шакл муқаррар гардидааст: “Кӯдак ҳуқуқ дорад дар ҳалли ҳама гуна масъалаҳои оилавӣ, ки ба манфиатҳои ӯ дахл доранд, фикри худро озодона изҳор намояд, ҳамчунин, дар рафти мурофиаҳои судӣ ва маъмурӣ иштирок намояд. Ба инобат гирифтани фикри кӯдаки аз синни даҳсола боло ҳатмӣ мебошад, ба истиснои мавридҳое, ки хилофи манфиатҳои ӯ бошад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи КОҶТ мақомоти васоят ва парасторӣ ё суд метавонанд танҳо бо ризоияти кӯдаки аз синни даҳсола боло қарор кабул намоянд. Муассисаҳои таълимии томактабӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва падару модар бояд барои озодона изҳор

[115] Ниг.: Пергамент А.И.Опека и попечительство. – М., 1966. – С. 98.
[116] Ниг.: Богданова Г.В. Права и обязанности родителей и детей. – М., 2003. – С. 30.
[117] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177, №12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод.143.

намудани фикри кӯдак дар ҷомеа ва оила шароит фароҳам оваранд”[118].

Манфиати кӯдак талаб мекунад, ки ӯ дар оилаи солим дар тарбияи падару модар бошад, бо онҳо ва хешу табори наздик дар муоширати доимӣ ва ғайра бошад. Дар ин маврид кӯдак дар ҳалли масъалаҳои зикргардида озодона изҳори ақида карда метавонад. Фикри кӯдак танҳо дар он маврид ба инобат гирифта намешавад, ки агар бар хилофи манфиаташ бошад[119].

Дар моддаи мазкур вазъи ҳуқуқии кӯдак ҳамчун шахси мустақил ва баробарҳуқуқ эътироф шуда, дар ҳолатҳои дигар ба инобат гирифтани фикри кӯдак ҳангоми қабул намудани қарор аз ҷониби суд ҳатмӣ шуморида мешавад.

Дар қисми 1 ва 2 моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” аз 18 марти соли 2015, №1196[120] пешбинӣ шудааст, ки ҳар як кӯдак ба озодии сухан ва изҳори ақидаи худ, озодии виҷдон ва инкишофи фаъолнокии ҷамъиятӣ, ба гирифтан ва интишор кардани иттилооти ба синни ӯ мувофиқ, иштироки ихтиёрӣ дар ташкилотҳо тибқи қонунгузории ҶТ ҳуқуқ дорад. Мақомоти давлатӣ ба ташкилотҳое, ки фаъолияташон ба инкишоф додани шахсияти кӯдак, фаъолнокии ҷамъиятӣ ва эҷодкории ӯ дар соҳаи илм, техника, адабиёт, ҳифзи муҳити зист, фарҳанг ва варзиш, инчунин, ташкили истироҳати кӯдак равона шудааст, мусоидат менамоянд. Масалан, кӯдакон дар барномаҳои телевизиони наврасону кӯдакон-“Баҳористон” ва дигар шабакаҳо, иштирок намуда, ҳуқуқи мазкурро дар амал татбиқ мекунанд[121].

Дар тафовут аз Тоҷикистон дар Федератсияи Россия Қонуни федералӣ “Дар бораи кафолатҳои асосии ҳуқуқҳои кӯдак дар Федератсияи Россия” аз 24 июли 2009, №124-ФЗ қабул карда шудааст, ки аз 4 боб ва 25 модда иборат

---

[118]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177, №12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод.143.

[119] Ниг.: Маҳмудов М., ХудоёровБ. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – С. 137.

[120] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. С. 2015, №3, мод. 218.

[121]Ниг.:Бобоҷонзода И.Ш., Ашурзода А.А., Қодирзода Т.Қ., Ғаффорзода И., Саидзода М.Ш., АнушервонИ., ҲамроқулзодаБ.А. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» / Зери таҳрири Шермуҳаммад Шоҳиён – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – С. 64.

аст. Дар Қонуни мазкур масъалаҳои ҳуқуқҳои кӯдак барои изҳори ақида танзим нагардидааст. Аммо, дар моддаи 57 Кодекси оилаи Федератсияи Россия аз 29 декабри соли 1995, №223-Ф3[122] пешбинӣ шудааст, ки тибқи он кӯдак ҳуқуқ дорад фикри худро ҳангоми ҳалли ягон масъала дар оила, ки ба манфиати ӯ таъсир мерасонад, озодона баён намояд, инчунин, дар ҳама гуна мурофиаҳои судӣ ё маъмурӣ шунида шавад.

Қонуни Ҷумҳурии Украина "Дар бораи ҳифзи кӯдак" аз 26 апрели соли 2001, №2402-III[123]аз 8 фасл ва 37 модда иборат мебошад. Дар моддаи 9 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, ки ҳар як кӯдак ба озодии изҳори ақидаи шахсӣ, ташаккули нуқтаи назари худ, инкишофи фаъолияти ҷамъиятии худ ва гирифтани иттилооте, ки ба синнусолаш мувофиқ аст, ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ озодии ҷустуҷӯ, гирифтан, истифода, паҳн ва нигоҳ доштани маълумотро дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё дигар шакл, бо воситаи асарҳои санъат, адабиёт, ахбори омма, алоқа (компютерӣ, шабакаи телефонӣ ва ғайра) ё дигар воситаҳои интихоби кӯдакро дар бар мегирад.

Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон "Дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак" аз 8 августи соли 2002, №345[124] аз 29 модда иборат мебошад. Дар қисми 1 моддаи 11 Қонуни мазкур дарҷ шудааст, ки ҳар як кӯдак ба озодии сухан, изҳори ақида, озодии виҷдон, рушди фаъолияти ҷамъиятӣ, гирифтан ва паҳн кардани маълумоте, ки ба синнусолаш мувофиқ аст, иштироки ихтиёрӣ дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин, дигар шаклҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва маҷлисҳои осоишта, ки қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон иҷозат додааст, ҳуқуқ дорад.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон қонунгузории кӯдак кодификатсия гардида, Кодекси Ҷумҳурии Қирғизистон "Дар бораи кӯдакон" аз 10 июли соли 2012, №100[125] аз 5 фасл, 12 боб ва 104 модда иборат аст. Дар моддаи 4 Кодекси

---

[122]Ниг.:Манбаи дастрас: URL:http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_8982/ (санаи муроҷиат: 10.06.2020с.

[123] Ниг.:Манбаи дастрас: URL: https://meget.kiev.ua/zakon/zakon-ob-ohrane-detstva/ (санаи муроҷиат: 10.06.2020с.).

[124] Ниг.:Манбаи дастрас: URL: https://zakon.uchet.kz/rus/docs/Z020000345_ (санаи муроҷиат: 10.06.2020с.).

[125]Ниг.:Манбаи дастрас: URL: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/203700 (санаи муроҷиат: 10.06.2020с.).

болозикр омадааст, ки яке аз принсипҳои асосии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ин таъмини ҳуқуқҳои кӯдак ҷиҳати баён намудани фикри худ ҳангоми қабули қарор аст, ки ба тақдири ӯ дахл дорад. Ҳамчунин, дар моддаи 11 Кодекси мазкур кафолатҳои асосии ҳуқуқҳои кӯдак барои озодона изҳор намудани фикри худ муқаррар гардидааст. Кӯдак ҳуқуқ дорад ба ҳама гуна масъалаҳое, ки ба манфиатҳои ӯ дахл доранд, фикри худро озодона изҳор намояд. Кӯдак ҳуқуқ дорад дар мурофиаҳои судӣ, маъмурӣ ва дигар мурофиаҳо бевосита ё ба воситаи намояндаи қонунӣ тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон иштирок намояд. Бояд қайд намуд, ки зимни омӯзиши Кодекси мазкур муайян гардид, ки таъмини ҳуқуқҳои кӯдак ба изҳори фикри худ бо назардошти ҳатмии қабули қарор, ки ба ӯ дахл дорад, манфиати беҳтарини кӯдак ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, масъалаи ҳуқуқҳои кӯдак ба изҳори фикри худ дар Федератсияи Россия дар асоси Қонуни амалкунанда ба танзим дароварда нашудааст. Дар ҶТ бошад, масъалаи ҳуқуқҳои кӯдак ба изҳори ақида, чи тавре қайд намудем, танзим гардидааст.Ҳуқуқҳои кӯдак ба изҳори фикри худ, зинаи ибтидоии ҳуқуқ ба озодии сухан буда, ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкии кӯдакро ташкил менамояд ва аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат аст.

Мақсад аз пешбинӣ намудани чунин ҳуқуқ дар сатҳи қонун қонеъ намудани манфиатҳои беҳтарини кӯдак мебошад. Ш.Ш. Шосаидзода дар ин хусус қайд менамояд: “Ҳадафҳои асосии мутаҳидсозии муқараротҳои ҷудогонаи санадҳои байналхалқӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдакон дар як ҳуҷҷати ҳамаҷонибае, мебошад, ки ба таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак нигаронида шудааст”[126]. Амалишавии он дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, инчунин, чопӣ, мавод, ҷустуҷӯ, гирифтан, истифода намудан ва паҳн кардани онҳо сурат мегирад.

[126]Ниг.: Шосаидзода Ш.Ш. Принсипҳои таъмини ҳуқуқи кӯдак мутобиқи Конвенсия оид ба ҳуқуқ кӯдак // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» (10 декабри соли 2019). – С. 168-183.

3. Ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ ин ҳуқуқҳои ҷудонопазири аз тарафи давлат кафолатдодашудаи инсон ва шаҳрванди ҶТ дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва руҳӣ мебошад, ки ба шахсият имконияти инкишофи озодона, ҳаёти бошарафона ва ҳимояи манфиатҳои худро фароҳам меорад. Ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ мутобиқи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ инҳоро дохил кардан мумкин аст: ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ[127].

Ҳуқуқи ба таъминоти иҷтимоӣ ҷиҳати муҳимми давлати иҷтимоӣ-парастории инсонро инъикос мекунад. Ин ҳуқуқ барои ҳимояи манфиатҳои шахсони воқеӣ дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дарҷ гардидааст. Дар м. 1 ЭУҲБ ва махсусан, дар м. 9 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дарҷ гардидааст, ки “давлатҳо ҳуқуқи ҳамаи одамонро ба таъминоти иҷтимоӣ, ки суғуртаи иҷтимоиро дар бар мегирад, эътироф менамоянд”. Ин ҳуқуқ дар м. 39 Конституцсияи ҶТ низ кафолат дода шудааст.

Ш.Ш. Шосаидзода иброз менамояд, ки дар сатҳи санадҳои миллӣ сиёсати иҷтимоӣ самти муайянкунандаи дохилии давлат мебошад, ки он ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакро таъмин менамояд. Сиёсати иҷтимоии ҳар як давлат муайян кардани тамоюлҳои амиқи рушдро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ пешбинӣ менамояд, ки рушди мавҷудият ва амнияти иҷтимоии инсон ва таъсири мақсадноки субъектҳои танзимкунандаро ба онҳо муайян мекунад. Сиёсати иҷтимоӣ ин низоми тадбирҳои идоракунӣ, ташкилӣ, танзимӣ, худтанзимкунӣ, принсипҳо ва заминаҳое мебошад, ки барои таъмини сатҳи муайяни сифати зиндагӣ, ҳифзи иҷтимоии табақаҳои камбизоати аҳолӣ ва кӯдакон кафолати амнияти иҷтимоӣ дар ҷомеа нигаронида шудаанд[128].

Дар ҶТ таъминоти иҷтимоӣ дар ду шакл сурат мегирад: нафақаҳои давлатӣ ва кумакпулии иҷтимоӣ.

---

[127] Ниг.: Диноршоев А.М., Сафаров А.Б., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2010. – С. 103.

[128] Ниг.: Шосаидзода Ш.Ш. Кафолатҳои меъёрии ҳуқуқҳои иҷтимоии кӯдак // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 222-237.

Кумакпулии иҷтимоӣ пардохтҳои пулӣ буда, нияти дастгирии иҷтимоӣҳангоми хароҷоти барзиёд, одатан ба таваллуд ва тарбияи кӯдак алоқамандро дорад. Давлат барои ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии кӯдак намудҳои гуногуни кумакпулиро муқаррар мекунад:

- кумакпулӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуди кӯдак;
- кумакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак;
- кумакпулӣ ба шаҳрвандони кӯдакдор;
- кумакпулӣ ба волидони кӯдак бо мақсади ҳимояи онҳо аз бекорӣ.

Бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак ҳангоми бепадару модар мондани онҳо давлат ғамхории худро нисбати онҳо зоҳир менамояд. Яъне, мутобиқан ба боби фарзандхонии КО ҶТ онҳоро ҷобаҷо намуда, ба таълиму тарбия фаро мегирад. Кӯдакон тибқи фарзандхонӣ ва бо қарори суд дар ин ё он оила ҷойгир карда мешаванд. Ҳамзамон, онҳо аз ҷониби давлат дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ё мактаб-интернатҳо таҳти саробонии давлат қарор мегиранд ва пеш аз ҳама, давлати иҷтимоӣ будани ҶТ низ дар ин ифода меёбад.

4. Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ сарчашма ва асоси худро аз моддаҳои 12, 13 ва 32 Конституцсияи ҶТ мегиранд. Ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар сатҳи Конституцсия пазируфта шуда, сарчашмаи фаъолияти иқтисодии давлат ва инкишофи устувори ҷомеаро таъмин менамояд. Ҳуқуқҳои иқтисодӣ ба инсон имконият медиҳад, ки дар раванди азхудкунии неъматҳои моддӣ ширкат варзад, ҳамзамон, соҳиби моликияти хусусӣ гардад. Он, пеш аз ҳама дар машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, меҳнатӣ ва амсоли инҳо ифода меёбад. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ дар ҳаёти кӯдакон низ нақши муҳим мебозад. Аз ҷумла, кӯдакон ҳанӯз дар батни модар ҳуқуқ ба мерос доранд. КГ ҶТ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодии кӯдак вайро дар лаҳзаи кушода шудани мерос бо меросгирони дигар баробар эътироф карда, ҳиссаи вайро низ ба андозаи баробар муқаррар намудааст. Дар асоси м. 32 Конституцсия бошад, ҳар кас, аз ҷумла кӯдак ҳуқуқ ба моликият ва мерос

дорад ва ҳеҷ кас худсарона аз ин ҳуқуқҳо маҳрум карда намешавад. Тавре дар боло зикр шуд, ҳуқуқҳои моликиятии кӯдак тавассути ҷудо намудани ҳиссаи меросии вай низ метавонад ба вуҷуд ояд. Инчунин, кӯдак ҳуқуқ дорад бо анҷом додани аҳдҳои хурди маишӣ соҳиби ҷузвдон, китоб, қалам ва амсоли ин гуна ашёҳо гардад, ки нисбат ба онҳо низ ҳуқуқи моликиятиаш пайдо мегардад. Дигар навъи моликият ин моликияти зеҳнӣ мебошад. Кӯдак метавонад дорандаи ҳуқуқи истисноӣ ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ нисбат ба объектҳои моликияти зеҳнӣ бошад. Масалан, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он” аз 13 ноябри соли 1998 №726[129] кӯдак метавонад субъекти ҳуқуқи муаллифӣ бошад. Муаллифӣ аз синнусол вобастагӣ надорад. Кӯдак аз лаҳзаи эҷод кардани якчанд шеър ва ё асаре нисбат ба онҳо ҳуқуқи муаллифӣ пайдо менамояд. Ё ин ки аз лаҳзаи иҷро намудани ин ё он нақш дар саҳна ва ё қироат кардани шеърҳои нав, инчунин, сароидани суруд, ҳуқуқи муаллифиро соҳиб мегардад. Ба ҳамин мазмун метавонад, ки субъекти ҳуқуқи ихтироъ бошад. Масалан, кӯдак дар натиҷаи ихтироъ кардани ин ё он таҷҳизоте, ки ба шартҳои патент ҷавобгӯ аст, ҳуқуқи молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро нисбат ба ҳамон объекти ихтироъшуда ба даст меоварад.

Дигар ҳуқуқи иқтисодие, ки кӯдак аз он барҳӯрдор аст, ин ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Ҳанӯз кӯдак дар асоси муқаррароти м.21 КМ ҶТ метавонад яке аз тарафҳои шартномаи меҳнатӣ бошад. Дар асоси қ.3 моддаи болозикр кӯдак истисноан метавонад аз 14-солагӣ ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шавад, агар ин кор ба раванди таълиму тарбияи вай халал нарасонад. Ҳуқуқҳои меҳнатии шахс, аз ҷумла кӯдакро м. 35 Конституцсияи ҶТ ва меъёрҳои дахлдори КМ ҶТ кафолат медиҳад. Ҳам санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи меҳнати кӯдакро дар шароити кораш хатарнок ва корҳои зеризаминӣ манъ менамояд.

---

[129] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №23-24, мод. 348; с. 2003, №8, мод. 450; с. 2006, №3, мод. 153; с. 2009, №12, мод. 825; с. 2014, №12, м. 826; ҚонуниҶТаз 02.01.2018 с., №1488.

Ҳуқуқ ба истироҳат яке аз ҳуқуқи муҳимми иҷтимоие мебошад, ки ҳам дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ кафолат дода шудааст. Ҳуқуқ ба дамгирӣ дар моддаи 7 ПБҲИИФ муқаррар шудааст. Дар Конституцияи ҶТ бошад, дар м. 37 пешбинӣ шудааст, ки “ҳар кас ҳуқуқ ба истироҳат дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароити дигаре таъмин карда мешавад, ки қонун муайян кардааст”.

Кӯдакон низ ҳамчун тарафи шартномаи меҳнатӣ аз ин ҳуқуқ бархӯрдор буда, ба онҳо вақти дамгирӣ дар намудҳои зерин додан мумкин аст:

а) танаффусҳо дар давоми рӯзи корӣ;

б) танаффусҳо байни рӯзҳои корӣ;

в) рӯзҳои истироҳат (истироҳати ҳарҳафтаина);

г) рӯзҳои ид;

д) рухсатиҳои меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда.

Мавриди зикр аст, ки мақсад аз ҳама гуна дамгирӣ барои кормандон, аз ҷумла кӯдакон, ин барқарор намудани қобилияти кориашон мебошад.

5. Ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии шахс, аз ҷумла кӯдак ба шумор меравад. Ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ ба зумраи он ҳуқуқҳое дохил мешаванд, ки рушди маънавии инсонро кафолат дода, ба шахс ҷиҳати пешрафти маънавӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ӯ кумак мекунад. Ба зумраи ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ дохил аст: ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, ҳуқуқи дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, ҳуқуқ ба эҷодиёт, ҳуқуқи истифодаи натиҷаҳои пешрафта ва ғ.

Ҳуқуқҳои фарҳангӣ ба ҳар кас, аз ҷумла кӯдакон аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ дошта, ба мансубияти шаҳрвандии онҳо, маҳалли таваллуд, ҷинс, миллат ва дигар аломатҳо вобастагӣ надорад. Ҳуқуқҳои фарҳангӣ, ҳамзамон,

дар худ озодиҳои гуногунро таҷассум мекунад. Масалан озодии ҳар кас ба эҷодиёт, озодии истифода аз васоити ахбори омма[130] ва ғ.

Яке аз ҳуқуқҳои фарҳангии кӯдак ин ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангиро Конституцсия ва қонунгузории ҶТ кафолат додааст. Ҳамаи кӯдакон баробари дигар шахсон ҳуқуқи истифода аз дастовардҳои илмӣ-техникиро доранд. Барои мисол, ҳуқуқи истифодаи интернетро метавон зикр кард. Кӯдакон аз интернет метавонанд маводҳои илмиро гирифта, донишҳои худро баланд бардоранд, маълумотҳои заруриро гиранд (ҳуқуқи иттилооти кӯдак), инчунин, мукотибаи электронӣ дошта бошанд ва ғ. Агар дар масъалаи иштироки кӯдак дар ҷашну маросимҳои фарҳангӣ сухан ронем, метавонем зикр кунем, ки тоҷикон идҳои зиёди миллӣ, мисли иди Наврӯз, идҳои Рамазон ва Қурбон доранд. Кӯдак метавонад танҳо ва якҷоя бо дигарон дар баргузории чунин идҳо иштирок ва аз баргузории он баҳра гирад.

Тавре дар боло зикр намудем, кӯдак ҳуқуқ дорад аз дастовардҳои илмӣ ва техникӣ истифода барад. Дар баробари ин, кӯдак метавонад соҳиби дастовардҳои зеҳнӣ бошад.Сухан дар бораи объектҳои моликияти зеҳнӣ меравад. Кӯдак метавонад муаллифи китоб, шеър, суруд ва дигар объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ бошад. Инчунин, кӯдак метавонад соҳиби ҳуқуқҳои истисноӣ нисбат ба объектҳои ҳуқуқи моликияти саноатӣ – ҳуқуқи ихтироот бошад. Ин ҳуқуқҳо ба синнусол вобастагие надорад. Аз ин лиҳоз, кӯдак ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ дошта, дар асоси м. 40 Конституцсия ва қонунҳои соҳавии дигари ҶТ мавриди ҳифз қарор дода шудаанд.

Кӯдак дар асоси м. 41 Конституцсияи ҶТ ҳуқуқ ба таҳсил дорад. Ҳуқуқ ба таҳсил яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарини фарҳангии кӯдак мебошад. Ин ҳуқуқ ҳатто бо стандартҳои байналмилалӣ низ таҳким бахшида шудааст. Масалан, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар м. 26 муқаррар кардааст, ки «ҳар кас

[130]Ниг.: Шосаидзода Ш.Ш. Кафолатҳои меъёрии ҳуқуқҳои иҷтимоии кӯдак // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 222-237.

ҳаққи таҳсил дорад. Ҳадди ақал таҳсили ибтидоӣ ва миёнаи махсус ройгон бошад...». ҶТ бо мақсади ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакон дар сатҳи Конституцсия муқаррар намудааст, ки таҳсили ибтидоӣ ва миёна ройгон ва ҳатмӣ мебошад. Инчунин, барои нафароне, ки монеи кӯдакон барои таҳсили онҳо мешаванд, дар Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамин тавр, кӯдак ҳуқуқ ба таҳсил дошта, таҳсили ибтидоӣ ва миёна тибқи қонунгузории ҶТ ҳатмӣ ва ройгон ба роҳ монда шудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ имрӯз қисме аз муаллифон категорияи гурӯҳи нави ҳуқуқҳои кӯдак ҳуқуқи кӯдак ба иттилоотро зикр менамоянд, ки манзури он ҳуқуқҳои кӯдак ба маълумот, ба тарбияи муносиб, ба эҷодиёт ва шаъну эътибор ва ғайра аст. Н.Ш. Қурбоналиев ба ин назар аст, ки ҳуқуқи дарёфти маълумот (иттилоот) яке аз намудҳои ҳуқуқҳои кӯдак ба дарёфти маълумот аст ва он дар рушду инкишофи маънавии кӯдак таъсири назарраси мусбӣ мерасонад[131].

Дар ин ҷо бамаврид аст, ки мафҳуми “ҳуқуқи маълумот”–ро баррасӣ намоем, ки он гирифтани ҳатмии маълумоти миёнаи умумиро бо назардошти хусусиятҳои зерин дар бар мегирад:

1. Арзиши ғайримоддӣ ба ҳисоб меравад;

2. Дорои ҷанбаи тарбиявист ва маъмулан, дар шакли даҳонӣ зоҳир мегардад;

3. Яке аз унсурҳои хизматрасониҳои муосир барои пардохт – хизматрасонии иттилоотӣ мебошад.

Чунин намуди ҳуқуқҳои кӯдак барои гирифтани маълумот ба сифати яке аз ҳуқуқҳои конституцсионии шаҳрвандон, дар м. 41 Конституцсияи ҶТ муқаррар шудааст. Мутобиқи ин модда, ҳар як шаҳрванд ба гирифтани таълим ҳуқуқ дорад. Ин модда, гирифтани маълумоти асосии миёнаи умумиро ба таври ҳатмӣ барои шаҳрвандон пешбинӣ намудааст. Ҳуқуқи гирифтани маълумот, ҳамчунин, дар м. 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

[131] Ниг.: Курбоналиев Н.Ш. Проблемы защиты гражданских информационных прав ребенка в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – С. 23.

“Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” пешбинӣ шудааст. Бар асоси ин модда, кӯдак ба гирифтани маълумот ҳуқуқ дорад ва он ба ҳар як шаҳрванд гирифтани маълумоти миёнаи умумии ройгон, маълумоти ибтидоии касбӣ ва маълумоти олии касбиро кафолат медиҳад. Давлат зимни татбиқи ҳуқуқи мазкур шароити мусоидро фароҳам оварда, гирифтани маълумоти асосии умумии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад.

Таъкиди ин нукта низ лозим аст, ки таълиму тарбияи фарзандон ҷузъи масъулияти падару модар ҳам ба ҳисоб меравад ва ин нукта дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”[132] таъкид ва муқаррар шудааст. Дар м. 5 ҳамин Қонун зикр шудааст, ки “таълиму тарбияи фарзанд вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа мебошад. Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад. Давлат барои таълиму тарбия ва ҳифзи кӯдакони ятим ва маъюб ғамхорӣ намуда, ба онҳо шароити мусоид фароҳам меорад”.

Дар м. 9 Қонуни мазкур масъулият ва вазифаҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд муқаррар шудаанд. Барои риоя накардани ин муқаррарот, падару модар аз ҳаққи падару модарӣ маҳрум карда мешаванд ва ин як навъ чораи ҷавобгарии ҳуқуқии оилавӣ маҳсуб мешавад. Боби 12 КО ҶТ ҳам ҳуқуқ ва уҳдадориҳои волидайнро дар тарбияи фарзанд муайян намудааст. Ҳамчунин, ҳуқуқҳои кӯдак ба маълумот дар дигар соҳаҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ таъкид шудааст. Аз ҷумла, дар м. 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-КҲМ ҶТ) ва м. 164 КҶ ҶТва ғайра. Маъмулан, аз ибтидо падару модар масъули бевоситаи тарбияи фарзанд буданд. Ҳанӯз аз замони Зардушт ин масъулият ба дӯши сарвари оила – падар вогузор шуда буд. Бар асоси меъёрҳои ҳуқуқии

[132]Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд// Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳуриитоҷикистон. 2011. – №7 – 8. – С. 616, 2016. – №3. – С.147.

таълимоти Зардушт, мард муваззаф аст, ки таълиму тарбияи фарзанди худро фароҳам созад[133].

Дини Ислом фаро гирифтани донишу савод барои ҳар як зану марди мусалмонро як амри ҳатмӣ медонад. Тасдиқи матлаби мазкур, сураи “Иқра”, яъне бихон аст, ки дар Қуръон[134] омадааст. Дар яке аз ҳадисҳои Паёмбари Ислом Муҳаммад (с) омадааст: “Аз гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй”. Ҳадиси мазкур таъкиди ин матлаб аст, ки фаро гирифтани дониш бар ҳар фарди мусалмон, чи зан ва чи мард, чи хурд ва чи бузург воҷиб аст[135].

Бо назардошти ҷанбаҳои мусбии инкишофи минбаъдаи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва муҳим будани ин иқдом, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президени кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 21январи соли 2015 бо таъкид ба муҳим будани тақвияти таъмини ҳуқуқҳои кӯдак дар Тоҷикистон, аз ҷумла пешниҳод намуд, ки дар кишвар Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад[136]. Ин иқдом нишондиҳандаи таваҷҷуҳ ва ғамхории махсуси Сарвари давлат нисбат ба таъмин ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар ҶТ мебошад.

Мувофиқи м. 28 КГ ҶТ, агар ноболиғи ба синни шонздаҳсолагӣ расида тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла аз рӯи қарордод кор кунад ё бо розигии волидайн, фарзандхондагон ё парастор бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, ӯ метавонад дорои қобилияти пурраи амал эълон карда шавад. Дорои қобилияти пурраи амал (эмансипатсия) эълон кардани ноболиғ бо розигии волидайн, фарзандхондагон ё парастор бо қарори мақоми васояту парасторӣ, ё дар сурати набудани чунин розигӣ, бо қарори суд сурат мегирад. Волидайн, фарзандхондагон ва парастор аз рӯи уҳдадориҳои ноболиғи дорои қобилияти

---

[133] Ниг.: Халиков А. Г. Правовая система зороастризма (древнее право) / А.Г. Халиков. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 34-43

[134] Ниг.: Коран, Сура «Сгусток», 96:1; Аль – Фуркан. – М., 2000.

[135] Ниг.: Халиков А. Г. Хадис как источник мусульманского права. – Душанбе: «Ирфон», 1998. – С. 92; Курбонализода Н.Ш. Некоторые вопросы защиты прав ребенка в Республике Таджикистан // Журнал Правовая жизнь. – Душанбе, 2016. – (№1(13). – С. 144.

[136]Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2015. http://www.president.tj/ru/node/8137 (санаи мурочиат: 19.04.2020).

пурраи амал (эмансипатсия) – шуда, аз ҷумла аз рӯи уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи зиёни расонидаи ӯ ба миён омадаанд, ҷавобгар нестанд. И.Ғ. Ғаффорзода доир ба ҳуқуқи субъективии кӯдакон қайд менамояд, ки хусусияти ҳуқуқдории кӯдакон дар он зоҳир мегардад, ки кӯдак бо расидани синнусоли муайян ҳуқуқу уҳдадории муайянро ба даст меорад ё баръакс аз даст медиҳад[137].

Дар Конвенсияи СММ асосҳои мақоми ҳуқуқии кӯдак муайян шудаанд, ки тамоми ҷанбаҳои вобаста ба фаъолияти шахсони ноболиғро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, дар он омадааст, ки шахсони ноболиғ метавонанд иштирокчии муносибатҳои мухталифи ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ бошанд. Қабули санадҳои қонунгузории миллӣ доир ба таҳсил ва меҳнат ба уҳдаи давлат мебошад.

Дар ҳолатҳои тибқи қонун пешбинишуда, вобаста ба парвандаҳои граждании дорои ҷанбаи оилавӣ, меҳнатӣ, оммавӣ ва ғайра, шахсони ноболиғи аз 16 то 18-сола метавонанд мустақилона дар суд ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя намоянд. Суд метавонад дар ҳолатҳои вобаста ба парвандаҳои дар боло зикршуда, намояндаҳои қонунии шахсони ноболиғро ба ҷавобгарӣ ҷалб намояд.

Тавре ба назар мерасад, вобаста ба тамоми ҳолатҳои эҳтимолӣ, механизми махсуси ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак ба кор гирифта мешавад ва вариантҳои рафтории иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, дар чаҳорчӯби модел ва нақшаҳои мушаххас муайян шудаанд. Ба назари мо, мавзуи дигари қонуние, ки ҳангоми баррасии муносибатҳои ҳуқуқии мазкур ба сифати конструксияи юридикӣ ба миён меояд, аз лиҳози ҳуқуқӣ ба таври дуруст аз ҳам ҷудо намудани мафҳумҳои “ҳуқуқҳои кӯдак” ва ё “ҳуқуқи ноболиғ” ба ҳисоб меравад. Табиист, ки дар ин робита зарурати

[137]Ниг.: ҒаффорзодаИ.Ғ. Баъзе паҳлуҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳуқуқи оилавӣ // Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи граждани дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ аз 8 – умииюнисоли 2019 // Зери таҳрири Ғаюров Ш.К. –доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор. –Душанбе: ЭР- граф, 2019. – С. 123-124.

дар сатҳи назариявӣ таҳлил намудани муҳтавои мафҳуми “кӯдак” ва “ноболиғ” пеш меояд.

Аввалан, бояд муайян гардад, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ кадом яке аз ин ду мафҳум бояд мавриди истифода қарор гирад. Зеро мафҳумҳои “кӯдак” ва “ноболиғ”, ҳам дар меъёрҳои байналмилалӣ ва ҳам дар меъёрҳои қонунгузориҳои миллӣ, ба назар мерасанд.

Дар ибтидо меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Тавре дар боло қайд шуд, дар м. 1 Конвенсияи СММ “Дар бораи ба ҳуқуқҳои кӯдак” омадааст, ки ҳар шахс то расидан ба синни 18 кӯдак маҳсуб мешавад, агар бар асоси қонуне, ки нисбат ба кӯдак истифода мегардад, вай ба синни балоғат нарасида бошад. Дар баъзе аз аснод, аз ҷумла, дар матни принсипҳои асосии СММ, барои пешгирӣ аз ҷиноятқорӣ дар миёни ноболиғон, ҳар ду мафҳум, яъне “кӯдак”-ӯ “ноболиғ”, ҳамчунин, “кӯдакон” низ истифода мешавад”[138]. Бар асоси Қоидаҳои СММ доир ба ҳифзи ҳуқуқи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда, ҳамаи шахсони то синни ҳаждаҳсола нарасида шахсони ноболиғ шинохта мешаванд (б. 11 Қоидаҳо). Дастуроти ҳадди ақали стандартии СММ (Қоидаҳои Пекин) доир ба риояи адолати судӣ нисбат ба шахсони ноболиғ меъёри зеринро зикр намудааст: “Шахси ноболиғ кӯдак ва ё наврасе ба ҳисоб меравад, ки дар чорчӯби низоми мавҷудаи ҳуқуқӣ барои содир намудани ҷиноят ва ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ метавонад ба сурати фарққунанда аз шакли ҷавобгарии барои шахсони калонсол пешбинишуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад”[139]. Аз сӯйи дигар, лозим ба зикр аст, ки дар Конституцияи ҶТ боби ҷудогонае дар бораи ҳуқуқи кӯдак ва мафҳуми он вуҷуд надорад ва танҳо дар м. 34 омадааст: “Модар ва кӯдак зери ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд”[140].

---

[138] Ниг.: Международные акты о правах человека: сб. док. / сост. В. А. Карташкип, Е. А.Лукашева. – М.: Норма, 2000. – С. 273 – 283.

[139] Ниг.: Международные акты о правах человека: сб. док. / сост. В. А. Карташкип, Е. А. Лукашева. — М.: Норма, 2000. – С. 284-285.

[140] Ниг.: Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябряи соли 1994 [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 08.12. 2021).

Дар идомаи ин модда таъкид мешавад, ки бо мақсади омодасозии ҷавонон барои ширкат дар фаъолиятҳои истеҳсолӣ, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумии махсуси миёна барои иҷрои корҳои сабуки барои саломатии хонандагон бехатар дар фурсатҳои холӣ аз раванди таълим, метавонанд дар синни 14 бо иҷозати падару модар ва шахсони ивазкунандаи онҳо ба кор иҷозат дода шаванд.

Бояд қайд намуд, ки КМҶТ аз 23 июли соли 2016 №1329 барои танзими муносибатҳои меҳнатии шахсони ноболиғ муқаррароти ҷудогона мустаҳкам намудааст: “Ҳуқуқи кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида дар муносибатҳои меҳнатӣ бо ҳуқуқи дигар кормандон баробар буда, онҳо дар ҳифзи меҳнат, вақти кор, вақти истироҳат ва дигар шароити меҳнат аз кафолатҳои иловагии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории ҶТ истифода мебаранд” (м. 207 КМ ҶТ)[141].

Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарноку хатарноқ, истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида, инчунин, дар корҳое, ки иҷроишашон ба саломатӣ ва инкишофи маънавии онҳо зарар мерасонад, манъ аст. Рӯйхати корҳоро, ки дар онҳо истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳоеро, ки барои онҳо дастӣ бардоштан ва кашондани онҳо иҷозат дода мешавад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. Аз ҷой ба ҷойи дигар ва аз кор ба кори дигар гузаронидани кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида, ки меъёри муқарраргардидаи кор барои онҳо вазнин мегардад, манъ мебошад (м. 208-и КМ ҶТ)[142].

Барои кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида давомнокии вақти кӯтоҳи корӣ муқаррар карда мешавад: барои кормандони аз чордаҳсола то шонздаҳсола на зиёда аз 24 соат дар як ҳафта; барои кормандони аз

[141]Ниг.: Кодекси меҳнати ҶТ аз 23 июли соли 2016 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.04.2020).
[142] Ниг.: Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 08.12. 2021).

шонздаҳсола то ҳаждаҳсола на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта; барои таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ, ки якҷоя дар давраи соли таҳсил кор ва таҳсил мекунанд, аз чордаҳсола то шонздаҳсола 2,5 соат дар як рӯз ва аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола 3,5 соат дар як рӯз (м.211-и КМ ҶТ). Ҷалб намудани кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида ба корҳои шабона, изофакорӣ, ба ҳисобгирии якҷояи вақти корӣ, фиристонидан ба сафари хизматӣ ва иҷрои корҳои вахтавӣ, инчунин, бозхондани онҳо аз рухсатии ҳарсолаи меҳнатии пардохтшаванда манъ аст.

Ҳадди синнусоли шахсони ноболиғ, ҳамчунин, дар КҲМ ҶТ аз 31 декабри соли 2008[143] низ муайян шудааст, ки бо назардошти афзоиши назарраси ҷиноятқории наврасон дар миқёси ҷаҳон, ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст, ҳамчунин, як қатор санадҳои дигари нави ҳуқуқӣ қабул гардидаанд.

Мутобиқи моддаи 28 КМ ҶТ, ноболиғон тибқи тартиби муқарраркардаи он ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд. Судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) метавонанд ҳолатҳои мушаххаси дар парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ буда ва маълумоти марбут ба ноболиғро, ки ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар синни аз шонздаҳ то ҳаждаҳ содир кардааст, ба назар гирифта, он шахсро аз ҷавобгарии маъмурӣ озод намояд. Баъди аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ ё шахси мансабдори ваколатдор қабул гардидани қарори аз ҷавобгарии маъмурӣ озод кардани ноболиғ парванда дар ҳаққи ӯ барои татбиқ намудани чораҳои таъсиррасонӣ ба Комиссияи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак фиристода мешавад.

Ҳамин тавр, дар сурати ҳамчун гунаҳгор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудани шахси ноболиғ аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ, аз меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба шахсони ноболиғ кор гирифта мешавад. Дар сурати вобаста будани парванда ба муносибатҳои меҳнатӣ бо

[143]Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №12, қ.1, мод.989.

ширкати шахсони ноболиғ, истифода аз талабот ва меъёрҳои махсуси Кодекси меҳнат пешбинӣ мешавад.

Аломати дигари муҳимми ҳуқуқҳои кӯдак ин ҷанбаи комплексии он ба ҳисоб меравад ва шахсони ба синни балоғатрасида дар ҷомеа метавонанд аз ҳуқуқи ҳимояи махсус аз тарафи давлат истифода баранд. Барои мисол, ба ҳуқуқи маъюбон, ҳуқуқи муҳоҷирон ва ғайра ишора намуд. Аммо бояд таъкид шавад, ки дар чунин ҳолат, барои таъмини ҳамоҳангии ҳуқуқ бо ҳолати мушаххас, барои мисол, ҳуқуқҳои кӯдаки маъюб, бояд гурӯҳи маъюбӣ муайян карда шавад. Дар сурати табобат ва муолиҷа ёфтани шахси маъюб, дигар вай маъюб дониста намешавад, дар натиҷа, ҳуқуқи маъюб будани шахси маъюб бекор мегардад. Ҳуқуқи шахсони ноболиғ ба ҳимояи махсуси давлатӣ дорои характери ҳатмӣ мебошад ва барои тасдиқи чунин ҳуқуқ субъекти ҳуқуқ ба ҳеҷ гуна маълумоти иловагӣ эҳтиёҷ надорад.

Акнун аломати дигареро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки дар робита бо категорияҳои дигари ҳуқуқи инсон зоҳир меёбад. Ҳуқуқҳои кӯдак бо бархе аз гурӯҳ ва категорияҳои ҳуқуқ (ҳуқуқи нафақахӯрон, ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ғайра), ки доираи амали онҳо муваққатӣ нест, алоқаманд намебошад. Дар бештари низомҳои дигари ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои кӯдак ҳамчун ҷузъ бо кул, мушаххасан дар ҳолатҳое, ки ҳуқуқҳои кӯдак зикр мешавад (ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб, ҳуқуқҳои кӯдакони муҳоҷир ва ғайра), дар муқоиса қарор мегирад.

Дар сохтори соҳаҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои кӯдак дар чаҳорчӯбаи ин ё он соҳаи ҷудогона маҳдуд намешаванд. Барои намуна, вазъи ҳуқуқии оилавии кӯдак дар соҳаи вобаста ба ҳуқуқи оила пешбинӣ ва муқаррар шудааст.

Пешбинӣ шудани муқаррароти ҷудогона доир ба ҳуқуқҳои кӯдак дар санадҳои қонунгузории мухталиф, нишондиҳанда ва баёнгари ҷанбаи умумӣ ва комплексӣ доштани ҳуқуқҳои кӯдак мебошад. Б.А. Сафарзода қайд менамояд, ки мутобиқи қонунгузории ҷорӣ фароҳам сохтани шароити мусоид барои амалӣ гардидани ҳуқуқҳои конституцсионии шаҳрвандон, аз

ҷумла ҳифзи меҳнати кӯдакон, яке аз вазифаҳои асосии давлат маҳсуб дониста шуда, барои таҳкими минбаъдаи заминаҳои меъёрии ҳуқуқии бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кории инсон дар ҷараёни меҳнат мусоидат хоҳад кард[144]. Аз нигоҳи мо, ҷанбаи мутаносиби ин ду мафҳум, яъне маҳдуд будани замони амал ва ҷанбаи комплексӣ доштан имкони васеи таснифоти ҳуқуқҳои кӯдакро дар илми ҳуқуқшиносӣ фароҳам меоваранд.

Ба назари мо, аввалан, категорияи мазкури ҳуқуқҳои кӯдак аз ҷиҳати сохторӣ бо тамоми низоми ҳуқуқи инсон, ба истилоҳ ҳуқуқу озодиҳои умумии ҳамаи шаҳрвандон мутобиқат ва ҳамоҳангӣ доранд. Нуктаи дуюм ба ин матлаб бармегардад, ки категорияҳои зикршудаи ҳуқуқӣ, усулан дар бештари мавридҳо, ба кӯдакон ва наврасони то 18-сола хос мебошанд.

Бинобар ин, метавон категория ва ё гурӯҳи мушаххаси ҳуқуқро аз рӯи аломати соҳавӣ, ки мувофиқи он гурӯҳи ҳуқуқҳо ба соҳаҳои конституцсионӣ, граждани, ҷиноятӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва ғайра тақсим мешаванд, муайян намуд. Категорияҳои ҳуқуқиеро, ки аз рӯи характери худ ба гурӯҳи моддӣ ва мурофиавӣ тақсим мешаванд, метавон ба гурӯҳи дигари алоҳидаи ҳуқуқ дохил намуд. Категорияҳои дар боло зикршударо ба таври муфассалтар дида мебароем.

Бо назардоштиин хусусият, ки марзи мавҷуд миёни категорияҳои ҳуқуқ ва озодиҳои дар боло зикршуда нисбатан шартист, чунин тақсимотро тавассути ҷудо кардани зергурӯҳи ҳуқуқ ва озодиҳо аз рӯи рисолати иҷтимоии онҳо муайян месозем. Амалан ҳуқуқу озодиҳои мушаххаси зиёде метавонанд ба таври ҳамзамон ба ду категорияи ҷудогона нисбат дода шаванд.

Ҳуқуқҳои инфиродӣ маҷмуи салоҳиятҳои ҳуқуқие мебошанд, ки зимни таъмин намудани асолати фардии шахсият дар муносибати вай бо давлат ва ҷомеа, асосҳои ибтидоии ҳуқуқиро инъикос менамоянд. Ба категорияи мазкур метавон ҳуқуқ ба зиндагӣ, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ,

[144]Ниг.: Сафарзода Б.А. Меҳнати кӯдакон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳалли он дар Тоҷикистон // Сафарзода Б. А. Шосаидзода Ш.Ш. Ҳаёти ҳуқуқӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – №3 (31). – Душанбе, 2020. – 57-65.

ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, ҳуқуқ ба ҳимоя аз шаъну шарафи худ, ҳуқуқ ба мукотибаи маҳрамона, гуфтугӯи телефонӣ, ҳар гуна маълумот тавассути почта ва телеграф, ҳуқуқ ба ҳар навъ ҳаракати озодона, ҳуқуқ ба интихоби маҳалли сафар ва маҳалли зиндагӣ ва ғайраро дохил намуд. Аз ҳуқуқҳои пешбинишуда дар Конвенсияи СММ “Дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак”, ба ин гурӯҳ метавон ҳуқуқ ба инкишофи солим (м. 6), ҳуқуқ ба доштани ном (м. 7) , ҳуқуқҳои кӯдак ба доштани фардият ё шахсияти худ, ба шумули муносибатҳои оилавӣ (м. 8), ҳуқуқ ба ҷудо нашудан аз падару модар бархилофи хоҳиши онҳо (ба истиснои ҳолатҳое, ки мақомоти босалоҳият мувофиқи қарори суд муайян менамоянд, ки аз оила ҷудо гардидани кӯдак ба нафъи таъмини манфиатҳои кӯдак мебошад), ҳуқуқ ба муошират бо волидайни худ (м. 9, м. 10)-ро дохил намуд.

Бо таваҷҷуҳ ба он чи дар боло зикр шуд, метавон принсипҳои асосии татбиқи ҳуқуқҳои кӯдакро муайян намуд, ки дар ин миён метавонем принсипҳои зеринро қайд намоем: принсипи ҳимояи махсуси давлатии ҳуқуқҳои кӯдак, принсипи оммавияти ҳуқуқҳои кӯдак.

Бар ин асос, мо таснифоти ҳуқуқии ҳуқуқҳои кӯдакро аз рӯи меъёрҳои мухталиф, мушаххасан аз рӯи соҳаҳои фаъолият дар ҷомеа, аз рӯи характери ҳуқуқ, аз рӯи соҳаҳои ҳуқуқ, аз рӯи категорияи шахсони ноболиғ ва дараҷаи эҳтиёҷи онҳо ба ҳимояи махсус муайян намудаем. Аз нигоҳи мо, таснифи аслӣ ва муҳим чунин таснифест, ки бар асоси он ҳуқуқҳои кӯдак аз рӯи соҳаҳои мушаххаси фаъолият дар ҷомеа, ба ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва иттилоотӣ ҷудо мешаванд. Вобаста ба категорияи ноболиғони ниёзманд ба дастгирӣ ва ҳимояи махсус, ҳуқуқҳои кӯдак ҷудо мешаванд ба: ҳуқуқҳои кӯдакони аз парасторӣ ва нигоҳубини падару модар маҳрумшуда, ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб, ҳуқуқҳои кӯдакони аз ҷангу муноқишаҳои мусаллаҳонаи дохилӣ ва байниқавмӣ, фалокатҳои экологӣ ва техногенӣ ва офатҳои табиӣ зарардида, ҳуқуқҳои фарзандони оилаҳои муҳоҷир ва муҳоҷирони иҷбӣ, ҳуқуқҳои кӯдакони қурбонии

зӯроварӣ, ҳуқуқҳои кӯдакони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда, ҳуқуқҳои кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда, ки давраи адои ҷазои худро дар муассисаҳои ислоҳӣ мегузаронанд ва ғайра.

Ҳамин тавр, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак омили муҳим низ дар ташаккул ва эҷоди фазои мусоид барои фаъолият ва зиндагӣ ба ҳисоб рафта, раванди собиту пойдори рушди ҳамоҳанг ва ҳамаҷонибаи шахсиятро дар чорчӯби фазои ҳуқуқӣ таъмин месозад.

1.3. Асосҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ борҳо қайд намуданд, ки таълим ва тарбияи кӯдакон ва наврасон яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлат ба ҳисоб меравад.

Дар воқеъ, таъмини ҳуқуқи кӯдак дар амал яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеа маҳсуб меёбад. Далели гуфтаҳо он аст, ки кӯдак дар ҷомеаҳои мухталиф ба гурӯҳи категорияи алоҳидаи махсус ворид карда шудааст. Дар ҷаҳони муосир баробари ба дунё омадан, кӯдакон ва наврасон, сарфи назар аз нигоҳубину ғамхориҳои атрофиён дар маърази таҳдиду хатароти зиёде қарор мегиранд. Набудани ҳимоя ва ғамхории лозима нисбат ба кӯдакон, дар рушду нумуи шахсияти ояндаи онҳо ва ҳамин тавр, муносибати онҳо бо дигар аъзои хонавода ва атрофиён таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳар вақте дар бораи рукнҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҶТ сухан матраҳ мегардад, қабл аз ҳар чизи дигар лозим аст, то худи мафҳуми ин сиёсат шарҳ дода шавад. Табиист, ки худи сиёсат дорои ҷанбаҳои тафаккурӣ ва назариявӣ мебошад ва он ба таври амалӣ, дар маҷмуъ муносибатҳои амалӣ ва идеологиро дар бар мегирад. Чунин шаклҳои мавҷудияти сиёсат, зимни ба худ касб намудани характери муайян ва мушаххас, татбиқ ва аз сӯйи ҷомеа пазируфта мешаванд. Аз сӯйи дигар, сиёсат дар бахшҳои мухталифи ҳаёту фаъолияти ҷомеа таҷассум меёбад ва вобаста ба ин метавонад дорои хусусият ва самтҳои мухталиф бошад. Тавре медонем сиёсат метавонад дар қолабҳои

иҷтимоӣ, демографӣ, иқтисодӣ, илмӣ, миллӣ, динӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ, дохилӣ ва ғайра татбиқ ва иҷро гардад. Ба андешаи Н.Ш. Солиева, дар бештари таҳқиқотҳои анҷомшуда дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ, зимни ишора ба вуҷуди робитаи мутақобил миёни сиёсат ва ҳуқуқ, ба зарурати ошкорсозии моҳияти сиёсати ҳуқуқӣ бо истифода аз категорияи "сиёсат" таъкид мешавад[145].

М.С. Қаландарзода вобаста ба асосҳои ҳуқуқии кӯдак ишора ба он мекунад, ки дар шароити муосири рушди ҷомеа асосҳои меъёрии ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, дар санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқии кодификатсияшуда ба таври пароканда инъикос ёфтаанд. Ҳамин тавр, ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак танзими моддӣ-ҳуқуқиро дар КГ ҶТ, КО ҶТ, КМ ҶТ, қонунҳо «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» пайдо намудаанд. Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак дар Кодекси мурофиавии граждани, масъалаҳои ҷавобгарии шахсони дар вайронкунии ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак гунаҳгор дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси граждани ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим гардидаанд[146].

Бояд қайд намуд, ки мавзуи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак яке аз авлавиятҳои сиёсати ҳуқуқии ҶТ шинохта шудааст, зеро давлат пайваста бо қабули иқдомоти меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон, ятимон, кӯдакони маъюб ва кӯдакони бесаробон монда таваҷҷуҳ ва ғамхории махсус зоҳир менамояд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: "Бо таваҷҷуҳ додан ба масъалаи тавонмандсозии

---

[145] Ниг.: Салиева Н.Ш. Приоритеты правовой политики Республики Таджикистан: дис. …канд. юрид. наук. – Душанбе, 2017. – С. 37.

[146]Ниг.:Каландарзода М.С. Совершенствование независимости судебной власти в Республике Таджикистан / Известия Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе, 2015. – № 4 (240). – С. 94-98; Каландарзода М.С. Становление и развитие института прав ребенка в Республике Таджикистан // Евразийский юридический журнал. – М., 2016. – № 1 (92). – С. 227-230; Каландарзода, М.С. Механизм правовой защиты прав ребенка в Таджикистане // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017. – № 1. – С. 176-171; Каландарзода, М.С. Особенности судебной защиты имущественных прав ребенка в Республике Таджикистан // Законодательство. – Душанбе, – 2018. – № 4. – С. 93-100.

кӯдакони маъюб ва расонидани кумакҳои иҷтимоӣ ба қишрҳои осебпазири ҷомеа ва хонаводаҳои камдаромад барои дастрасӣ ба хадамоти тиббӣ ва иҷтимоӣ, давлат дар ин самт барои амалисозии ин ҳадафҳо тадбирҳои судманд ва асарбахш меандешад”[147]. Ҳамчунин, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти кишвар қайд намуданд, ки маблағгузорӣ ва расонидани кумаки молӣ барои як нафар кӯдаки ятим дар интернатҳо 21 ҳазор ва барои ҳар кӯдак дар хонаҳои бачагон 15 ҳазор сомониро ташкил дод, ки мутаносибан дар муқоиса бо натиҷаҳои соли 2011 чаҳор баробар афзоиш ёфтааст[148]. Бархе ҳуқуқшиносон қайд менамоянд, мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ тавассути ду категория: сиёсат ва ҳуқуқ, муайян мегардад, зеро сиёсати ҳуқуқӣ ҳам сиёсат ва ҳам ҳуқуқро дар бар мегирад[149].

Ба андешаи Н. Матузов, чунин робитаи мутақобил миёни ин ду мафҳум метавонад пурсамар бошад ва барои ин бояд дар миёни ин ду мафҳум ҳамеша таносуб риоя шавад[150]. Ба андешаи Н.Ш Солиева, вуҷуд ва риояи таносуб миёни сиёсат ва ҳуқуқ ба низоми сиёсии ҳоким, вуҷуд ё набуди идеяҳои ҳуқуқии калидии принсипҳои ташкил ва бунёди ҳокимияти давлатӣ (авлавияти ҳуқуқ ва қонун, қонунмандӣ, ҳуқуқи инсон ҳамчун меъёри мазмуни ҳуқуқии фаъолиятҳои мақомотҳои ҳокимият ва ғайра)[151] вобаста аст. Худи мафҳуми “сиёсати ҳуқуқӣ” баёнгари он аст, ки ҳар ду мафҳуми мавриди баҳс ба таври зич бо ҳам алоқаманданд ва масири онҳо муштарак аст. Тавозун ва ё таносуби ратсионалӣ миёни сиёсат ва ҳуқуқ дар сурате имконпазир аст, ки агар сиёсат ҷанбаи ҳуқуқӣ дошта бошад, тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ дар шаклҳои ҳуқуқӣ ва чаҳорчӯби идеяҳо ва идеалҳо ташкил ва амалӣ гардад (давлати ҳуқуқбунёд, авлавияти ҳуқуқ ва қонун, тақсимоти ҳокимият ва ғайра)[152]. Агар сиёсат санъати имконот ва салоҳ

---

[147]Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 22 декабри соли 2017 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj (санаи мурочиат: 03.01.2022).
[148]Ниг.: Ҳамонҷо. – С. 36.
[149]Ниг.:Ниг.: Сотивалдиев Р.Ш. Асари ишорашуда. – С. 660.
[150] Ниг.: Матузов Н. Право и политика в их взаимодействии. Российская правовая политика: Курс лекций. Под ред. Н. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – С. 28-29
[151] Ниг.: Салиева Н.Ш. Приоритеты правовой политики Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2017. – С. 38-39.
[152]Ниг.: Салиева Н.Ш. Асари ишорашуда. – С. 39.

будан фарз шавад, ҳуқуқ дар навбати худ ин санъати некӣ ва адолат варзидан аст.

Сиёсати ҳуқуқии ташаккулёфта бар пояи муштарак будани ҳуқуқ ва сиёсат, асосҳои дурусту ақлонии ҳуқуқӣ ва сиёсиро бар мабнои идеяи адолатварзӣ, озодӣ ва тавозуни манфиатҳо дар назар мегирад [153]. Р.Ш. Сотиволдиев дар робита ба ин дуруст қайд менамояд, ки дар сурати асос қарор додани мафҳум, назарҳои мухталиф, аз ҷумла назарҳои фалсафӣ, ахлоқӣ – ҳуқуқӣ ва ғайра аз ҳуқуқ истифода мебаранд. Ҳуқуқ ба сифати меъёри адолату озодӣ, ҳамчун яке аз шаклҳои инъикоси ҳуқуқи инсон ва дигар ниёзмандиҳои ахлоқиву ҳуқуқии он шинохта мешавад[154]. Вале бо вуҷуди ин функсияҳои онҳо бо ҳам дар таноқуз қарор надоранд[155]. Таҳлили фаҳмиши сиёсати ҳуқуқӣ дар заминаи таносуби категорияҳои “сиёсат” ва “ҳуқуқ” нишон медиҳад, ки сиёсати ҳуқуқӣ, ҳамзамон, мафҳуми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад[156].

Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун як мафҳуми пурмаъно дорои аломатҳои зиёде мебошад. Ғайр аз ин, омилҳои мухталифе вуҷуд дорад, ки ба он таъсир мерасонад. Ба ин далел, ин ё он мафҳуми сиёсат ва ҳуқуқ дар сиёсати муайяни ҳуқуқӣ ба мафҳуми асосӣ табдил меёбад[157]. Ҳангоми муайян намудани мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ, бояд аз нигоҳ ва нуқтаи назарҳои нав дар бораи сиёсат ва ҳуқуқ истифода намуд[158].

Бино ба андешаи намояндагони тарафдори бархӯрд ва ё равиши идеологӣ, сиёсати ҳуқуқӣ аз идеяҳо, назарҳо, ҳадафҳо ва барномаҳо иборат аст. Аз сӯйи дигар, бархӯрди идеологӣ на фақат идея, ҳадаф, барнома, балки қисматҳои амалии марбут ба фаъолиятҳои дахлдори субъектҳоро дар бар мегирад.

Аз лиҳози амалӣ, сиёсати ҳуқуқӣ иборат аз фаъолиятҳои ҳамаҷонибаи субъектҳои фардӣ ва коллективиест, ки ба ҳалли вазифаҳои мушаххас

---

[153]Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 39 – 40.
[154] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Асари ишорашуда. – С. 660.
[155]Ниг.: Матузов Н. Право и политика в их взаимодействии. Российская правовая политика: Курс лекций. Под ред. Н. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – С. 29.
[156] Ниг.: Салиева Н.Ш. Асари ишорашуда. – С. 42.
[157] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Асари ишорашуда. – С. 660.
[158] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Асари ишорашуда. – С. 660.

нигаронида шудааст. Хорич аз фаъолиятҳо, сиёсати ҳуқуқӣ чун дигар намудҳои сиёсат табиист, ки маънову мафҳум надорад. Бинобар ин, ҷанбаи прагматикии ин мафҳум дорои аҳаммият аст.

Истифодаи ҳуқуқ ба фаъолиятҳои мақсадноки идоракунӣ барои татбиқи дастурамалҳои ҳуқуқӣ, таҷрибаи корбурди ҳуқуқӣ вобаста аст ва дар бештари маврид дар санаду ҳуҷҷатҳои дахлдори ҳуқуқӣ татбиқ мегардад. Муваффақ ва ё номуваффақ будани талаботи меъёрии ҳуқуқ аз ҷиҳати вусъати воқеии амалӣ, дар ниҳоят ба эҷоди асосҳои материалии лозим, таъминоти илмиву фаннӣ, ба роҳ мондани тарзи зиндагии оптималӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди маънавиву сиёсӣ ва ғайра вобаста аст. Дар баробари ин, ҷанбаи субъективии раванди татбиқи ҳуқуқ низ аз аҳаммияти зиёд бархӯрдор аст.

Бо назардошти доираи дарбаргирии механизмҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, метавон сиёсати ҳуқуқиро нисбат ба категорияҳои муайяни шаҳрвандон, аз ҷумла кӯдакон, низомиён, нафақахӯрон, маъюбон ва ғайра ҷудо намуд. Ҳадафи сиёсати мазкур, ҷалби таваҷҷуҳи махсус ба мушкилоти табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири ҷомеа, ҳамчунин афзоиши самаранокии шаклҳои ҳимоя ва татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо мебошад.

Тибқи ақидаи олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ, сиёсати ҳуқуқӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, яке аз намудҳои чунин сиёсат аст, ки он бар поя ва асоси соҳаҳои умумӣ ва мақомотҳои мухталиф шакл гирифтааст[159]. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак фаъолияти аз лиҳози илмӣ асосноки мақомоти давлатист, ки он дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст ва ҳадаф аз он эҷоди механизми муассир дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба амалисозӣ ва татбиқи ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон мебошад. Ба назари Ю.А Қурбонов, М.З. Раҳимов ва Ш.Шоҳиён, кӯдакон ва наврасон ба таваҷҷуҳ ва пуштибонии махсуси падару модар, ҷомеа, давлат ва мактаб ниёз доранд[160]. Бешак, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак аз авлавиятҳои бисёр муҳимми сиёсати ҳуқуқии давлат

[159] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Асари ишорашуда. – С. 663
[160] Ниг.: Курбанов Ю.А, Рахимов М.З., Шохиён Ш. Общества, государство и право. Душанбе: «Матбуот», 2009. – С. 108.

ба ҳисоб меравад. Илм ва таҷрибаи ҷаҳонӣ исбот намудааст, ки рушд ва шукуфоии ҳар давлату ҷомеа, дар гарави чигунагии бархӯрду муносибат ба кӯдак аст.

Дар фасли қаблӣ баён шуд, ки мақсад ва принсипҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, дар Қонуни Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 муайян шудаанд[161].

Бар асоси омори мавҷуда, сеяки аҳолии Тоҷикистонро кӯдакон ва наврасон ташкил менамоянд ва агар ба ин теъдод раванди дар ҳоли афзоиши демографӣ дар кишварро изофа намоем, зарурати таваҷҷуҳи бештару амиқтар ба рушду инкишофи маънавӣ ва ҷисмонии кӯдакон ошкортар мегардад. Вақте сухан дар хусуси сиёсати ҳуқуқии давлат меравад, масъалаҳои дигар низ ба миён меоянд. Яке аз мавзуъҳои муҳим ин донистани табиати ҳуқуқии қонунҳои мавҷуда, махсусан қонунҳои байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Тавре зикр шуд, санади муҳимми байналмилалӣ, ки дар он ба ҳуқуқи кӯдак ва зарурати ҳимояи онҳо таъкид шудааст, Конвенсия доир ба ҳуқуқи кӯдак ба ҳисоб меравад, ки аз сӯйи Ассамблеями Генералии СММ 20 ноябри соли 1989 ба тасвиб расидааст. Тоҷикистон санади мазкурро соли 1993 ба имзо расонид. Меъёрҳои муқаррарнамудаи Конвенсия ҳуқуқҳои мушаххаси кӯдакро на фақат ҳамчун ҳуқуқҳои инсон, балки ҳуқуқҳои наврас ва ҷавон ба таври ошкор муайян месозанд. Мутобиқи меъёрҳои демократии Конвенсия, кӯдак аз замони ба дунё омадан бо хатарҳои эҳтимолии зӯроварӣ, бераҳмӣ, ноадолатӣ, истисмор ва зулму шиканҷаи руҳӣ рӯ ба рӯ мешавад, аз ин рӯ, вай дорои ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ мебошад. Конвенсияи ҳуқуқи кӯдакро то кунун 200 давлати дунё ба имзо расонидаанд[162]. Конвенсияи байналмилали ҳуқуқи кӯдак ҳамчун санади пазируфташудаи байналмилалии юридикӣ созишномаест, ки риоя ва иҷрои талаботи он барои тамоми

[161]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218.

[162] Ниг.: Курбанов Ю.А, Рахимов М.З., Шохиён Ш. Общества, государство и право. Учебное пособие для общеобразовательных учебных заведений. Душанбе: «Матбуот», 2009. – С. 109.

кишварҳои ба он пайвастшуда ҳатмӣ мебошад. Хусусияти чунин санадҳои байналмилалӣ дар он аст, ки онҳо на ба таври мустақим, балки тавассути қонунгузории миллӣ амал менамоянд. Бинобар ин, амалан Конвенсия як навъ уҳдадории маънавӣ – ахлоқии калонсолон барои иҷрои вазифаи худ дар баробари кӯдакон ба ҳисоб меравад. Механизмҳои мушаххаси чунин уҳдадории ахлоқӣ бояд дар қонунгузориҳои миллии ҳар як кишвар пешбинӣ шаванд.

Зимни таҳқиқи масоили механизмҳои танзими ҳуқуқии масъалаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ноболиғ дар ҶТ бархе аз муқаррароти меъёрҳои асосиеро, ки соҳаи мазкурро танзим менамоянд, ба таври муфассал баррасӣ менамоем.

ҶТ ҳамчун давлати мустақил ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандони худро кафолат медиҳад. Дар м. 33 ва м. 34 Конституцсияи ҶТ омадааст, ки оила ҳамчун асоси ҷомеа аз сӯйи давлат ҳимоя мешавад. Мувофиқи қисми 1 м. 34 Конституцсияи ҶТ, давлат нисбат ба ҳифзу ҳимояи кӯдакони ятим ва маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ зоҳир менамояд[163]. Конституцсияи ҶТ принсипҳои умумӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро бо авлавияти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои қонунгузориҳои миллӣ муайян намудааст, ки он имкони ба таври пурра дар дохили кишвар татбиқ шудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро фароҳам месозад.

Давлати Тоҷикистон бо қабули санаду қарорҳои дахлдор пайваста барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, мақоми ҳуқуқии вай, ҳамчунин, беҳтарсозии дастрасии кӯдакон ба таҳсил тадбирҳои заруриро меандешад.

Дар ҶТ як қатор санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ таҳия шудааст, ки дар онҳо кӯдак ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ эътироф шудааст. Дар маҷмуъ, тамоми ин санадҳо ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва таъмини манфиатҳои вай нигаронида шудаанд. Ҳифзу ҳимояи ҳуқуқи кӯдак ва

[163]Ниг.: Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябряи соли 1994 [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 08.12. 2021).

кафолати ҳуқуқии вай на танҳо ҳаққи падару модар, ҷомеа ва давлат, балки вазифаву уҳдадории муштараки онҳо ба ҳисоб меравад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар заминаи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро метавон шартан ба ду намуд тақсим кард:

1) санадҳои махсусе, ки барои танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак қабул шудаанд;

2) санадҳои умумӣ барои танзими муносибатҳое, ки мустақилона ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро дар бар намегиранд, вале дорои меъёрҳои ҷудогонаи қонунгузорӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак мебошанд.

Дар қонун принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ доир ба ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, аз ҷумла таъмини ҳуқуқи кӯдак дар заминаи қонунгузорӣ, пуштибонии хонавода бо мақсади таъмини ҳуқуқи кӯдак, масъулияти шахсони соҳибмақом ва шаҳрвандон барои риоя накардани ҳуқуқи кӯдак, ҳамчунин дастгирӣ ва пуштибонии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар заминаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак фаъолият мебаранд, муқаррар шудаанд[164].

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” нисбат ба кӯдак баъзе иқдомоти муҳим пешбинӣ шудаанд, ки дар сурати навсозӣ ва истифодаи муассири онҳо метавон ба натиҷаҳои беҳтар ноил шуд.

Дар қонунгузории Тоҷикистон доир ба таълиму тарбияи кӯдак, махсусан дар заминаи кафолати нигоҳубин ва ғамхорӣ нисбат ба тарбияи кӯдак новобаста аз синнусол, тағйиру иловаҳои ҷиддӣ ворид карда шудааст. Ба андешаи Е.А. Артеменкова, чашмандози умедворкунада ва ояндаи равшани ҳар давлат ба сарнавишти насли наврас ва кӯдакон вобаста аст. Аз нигоҳи Е.А. Артеменкова, рушди пойдор ва босуботи минбаъдаи ҷамъият, давлат ва ба таври куллӣ миллат, аз чигунагии рушду инкишофи низоми таълиму тарбия вобаста аст[165].

---

[164] Ниг.: Абашина А.Д. Основные документы о правах ребенка и их реализация в системе российского общества // Ученые записки. – 2008. – С. 140.

[165] Ниг.: Артеменкова Е.А. Деятельность уполномоченного поправом ребенка в сфере нарушения прав детей на доступное образование в Челябинской области // Актуальные вопросы обеспечения прав и свобод

Танзими муносибатҳои оилавӣ дар меъёрҳои пешбининамудаи Конституцсияи ҶТ инъикос ёфтаанд. Ин меъёрҳо ба ҳимояи оила ва кафолатҳои иҷтимоии аъзои он нигаронида шудаанд. Ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии волидайн ва фарзандон ҳамеша аз тарафи давлат ҳимоя мегарданд ва давлат аз ҷониби худ солимии оила ва рушди пойдори он дар ҷомеаро яке аз ҳадафҳои муҳимму аслии худ медонад. Кӯдаконе, ки дар муҳити оила ба дунё меоянд, бояд бо шароити зарурии моддиву иҷтимоӣ таъмин бошанд, бо таълиму тарбияи муносиб ва ғамхории оила фаро гирифта шаванд. Тамоми муносибатҳои вобаста ба оила дар сатҳи Конституцсияи кишвар ҳимоя ва пуштибонӣ мегарданд. Ба таври дигар, ин маънои онро дорад, ки давлат нисбат ба оила ғамхорӣ менамояд, барои ҳифзи ҳуқуқи модару кӯдак, таҳвияту пуштибонии оила, ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳар аъзои он иқдомоти лозим меандешад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки дар маҷмуъ дар Конституцсия дар бораи ҳимояи давлатии оила сухан меравад.

Дар кишвар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028[166] қабул шудааст, ки дар он нуқтаҳои зерин оид ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак пешбинӣ гардидааст:

– инсондӯстона (гуманизатсия) гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба субъектони муайян, пеш аз ҳама, шахсони содирнамудаи ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва (ё) дараҷаи миёна, занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони ноболиғи то 8 – сола доранд, ноболиғон, маъюбон ва нафақахӯрон;

– баланд бардоштани масъулияти мақомоти дахлдори давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳо баҳри татбиқи пурраи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”;

человека и гражданина: региональное измерение: материалы II Всероссийской научно – практической конференции. – Хабаровск: Дальневосточный институт управления – филиал РАНХГС, 2017. – С. 53.

[166] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо Фармони Президенти ҶумҳуриитТоҷикистоназ 6 февралисоли 2018 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.04.2020).

– Бо мақсади таҳвияти ҳадафҳои давлати иҷтимоӣ ва такмили асосҳои ҳуқуқии таъмини кафолати давлатии ҳимояи маъюбон ва кӯдакони ятиму бепарастормонда қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи васоят ва парастории" мувофиқи мақсад аст.

– ҳифзи иҷтимоии оилаҳо ва кӯдакони дар вазъи мушкили ҳаётӣ қарордошта тавассути пешниҳоди кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар асоси арзёбии дараҷаи ниёзмандӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои минималии хизматрасониҳои иҷтимоӣ;

– бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии заноне, ки дар рухсатии нигоҳубини кӯдак қарор доранд, таҷдиди назар намудани андозаи кумакпулӣ вобаста ба нигоҳубини кӯдак.

Мавзуи ҳимояи оила дар сатҳи давлатӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври мухталиф шарҳу баён шудааст. Барои мисол, бинобар ақидаи муҳаққиқ В.С. Тадевосян, зери мафҳуми ҳимояи давлатии оила тамоми намуд ва шаклҳои ғамхории мақомоти давлатӣ доир ба муҳофизати модару кӯдак, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии оила ва тамоми аъзои он, мубориза бо бетаваҷҷуҳӣ ва фориғболӣ дар муносибатҳои оилавӣ дар назар аст[167]. А.М. Нечаева чунин меҳисобад, ки ҳимояи давлатии оила як мафҳуми васеъ буда, он ба таври умумӣ маънои ғамхорӣ, кумак, ҳар навъ мусоидат ва ҳамзамон, пешгирӣ аз ҳар гуна қонуншиканӣ дар соҳаи ҳуқуқии вобаста ба оиларо дар бар мегирад[168]. Ба чунин маъноҳои мафҳуми ҳимояи давлатии оила, дар навиштаҳои худ, ҳамчунин С.Я. Паластина[169], В. А. Ойгензихт[170], Я.Н. Шевченко[171] ишора намудаанд.

---

[167] Ниг.: Тадевосян В.С. Защита семьи – конституционный принцип советского государства // Развитие законодательства о браке и семье. – М., 1978. – С. 5.
[168] Ниг.: Нечаева А.М. Правонарушения в сфере личных семейных отношений. – М.: Наука, 1991. – С. 11 – 12.
[169] Ниг.: Паластина С.Я. Конституция ССР и законодательство о браке и семье. // Правоведение. – 1978. – № 5. – С. 14.
[170] Ниг.: Ойгензихт В.А. Ответственность за нарушение семейно – правовых обязанностей // Материалы Всесоюзной научно – практической конференции «Проблемы советского семейного права». – М., 1980. – С. 48.
[171]Ниг.: Шевченко Я.Н. Правовое регулирование охраны семьи по советскому семейному законодательству // Материалы Всесоюзной научно – практической конференции «Проблемы советского семейного права»». – М., 1980. – С. 13.

Ба назари Ю.А. Королева, мафҳуми ҳимояи давлатии оила доираи васеи иқдомоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки бо мақсади пуштибонии оила анҷом мешаванд. Ба доираи васеи мафҳум муаллиф аз ҷумла баробарҳуқуқии занон, масъулияти шаҳрвандон дар таълиму тарбияи фарзандон, омодасозии наврасон ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, масъулияти фарзандон дар баробари волидайн, кумак ва дастгирии падару модарро дохил менамояд[172].

Масъалаҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқии оила, ки дар қонунгузории оила муқаррар шудаанд, ҷузъи таркибии мафҳуми «ҳимояи давлатии оила» маҳсуб мешаванд. Таносуби мафҳуми ҳимояи оила тавассути давлат нисбат ба мафҳуми ҳимояи ҳуқуқии оила ҳамчун кул ба ҷузъ муайян мегардад. Қонунгузории вобаста ба оила бо мушаххас намудани меъёрҳои конституционӣ ва ба танзим даровардани муносибатҳои ҳуқуқии муайяни оилавӣ на танҳо таҳвият ва ҳимояи оиларо дар маҷмуъ, балки ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои кӯдаконро ба таври хос дар авлавият қарор додааст. Маълум мешавад, ки ҳимояи ҳуқуқӣ ҳамчун қисми таркибии ҳифзу ҳимояи давлатии кӯдакон ва наврасон дар алоҳидагӣ зоҳир меёбад ва дар сурати риоя нашудани манфиатҳои оила татбиқ мегардад. Яъне, он дар ҳолатҳои мушаххас амалӣ карда мешавад. Маъмулан, дар хонавода ё оила на ҳама вақт дар муносибатҳои байни аъзои он ва ё дигар шахсоне, ки бояд узви оила гарданд, фазои ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармост. Махсусан, вақте дар оилаҳо мушкилоту якдигарнофаҳмӣ ба вуҷуд меояд, табиист, ки дар чунин ҳолат ҳуқуқу манфиатҳои аъзои хурдсоли оилаҳо, яъне кӯдакону наврасон низ таҳти таъсир қарор мегиранд. Бо назардошти пеш омадани чунин ҳолатҳои ногувор дар муносибатҳои оилавӣ, табиист, ки бояд ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон бо роҳҳои қонунӣ ва воситаҳои ҳуқуқӣ ҳифз шаванд. Ҳифзи ҳуқуқҳои субъектҳои ҳар гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳои ҳуқуқии дохилиоилавӣ тавассути фаъолияти давлат дар шахсияти органҳои салоҳиятдори он таъмин мегардад. Бори нахуст дар қонунгузории оилаи

[172] Ниг.: Королев Ю.А. Правовые аспекты защиты семьи государством // Сов. Гос-во и право. – 1987. – № 5. – С. 19-20.

ҶТ(м. 8 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҳифзи ҳуқуқҳои оила дар моддаи ҷудогона дарҷ гардидааст[173]. Вале дар ин модда, худи мафҳуми ҳифз ё ҳимоя ба таври равшан муайян нашудааст. Дар он фақат зикр шудааст, ки татбиқи ҳифзи ҳуқуқҳои оила тавассути кадом мақомоти давлатӣ сурат мегирад. Илова бар ин, дар ин модда ҳамчунин роҳу воситаҳои мушаххаси ҳифзи ҳуқуқҳои оилавӣ қайд нашудааст. Дар моддаи мазкур ҳамчунин ишора нашудааст, ки ҳифзи ҳуқуқҳои оила тавассути роҳу воситаҳои пешбинишуда дар моддаҳои дахлдори Кодекси оила татбиқ мегардад. Бинобар ин, таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои оила ва меъёрҳои ҳуқуқии он (ҷанбаи моддӣ-ҳуқуқӣ) дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Илова ба ин, ба назари А.А. Баранова ва Ю.Е. Лапина, таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои таъмин ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони оилаҳои мутааллиқ ба гурӯҳҳои нисбатан осебпазири иҷтимоӣ (аз ҷумла фарзандони оилаҳои гуреза, оилаҳои муҳоҷир, кӯдакони танҳо, кӯдакони дорои нуқси ҷисмӣ ва ақлонӣ) иқдоми зарурӣ ба ҳисоб меравад[174].

Риоя ва таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон бояд дар маркази таваҷҷуҳи доимии системаҳои ҳуқуқие қарор бигирад, ки бо ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон сару кор доранд. Ироаи кумакҳои ҳуқуқӣ ба кӯдакон имкон медиҳад, ки онҳо мурофиаҳои судиро хуб дарк намоянд, аз ҳуқуқҳои худ ҳимоя кунанд ва садои онҳо шунида шавад. Ин ҷузъи зарурии дастрасӣ ба адолати судӣ барои кӯдакон ва наврасон маҳсуб мешавад ва бидуни он душвор аст тасаввур намуд, ки чӣ гуна ва бо кадом равишҳо ҳуқуқҳои кӯдакон риоя ва таъмин мешаванд. Бо назардошти ин нукта, кумаки юридикӣ ё ҳуқуқӣ барои кӯдакон набояд ба истилоҳ ҳамчун таҷаммул ва ё имтиёз баррасӣ шавад, баръакс он бояд ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои инсон эътироф гардад.

Ҳамин тавр, ба назари мо, риоя ва таъмини ҳуқуқи кӯдакон ба истифода аз кумакҳои юридикӣ, қадами аввалин дар роҳи ҷиҳати таъмин ва

---

[173]Ниг.: Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистоноз 13 ноябрисоли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.04.2020).

[174] Ниг.: Баранов А.А., Лапин Ю.Е. Государственная политика в области охраны здоровья детей: правовое обеспечение, структура и содержание // Вопросы современной педиатрии. – 2007. – Том 6. – №6. – С. 8.

риояи тамоми ҳуқуқҳои кӯдакон ва наврасон ба ҳисоб меравад. Худи мафҳуми “кумаки ҳуқуқӣ” ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти кӯдаконро дар бар мегирад. Барои мисол, дар ҳолатҳои муайяни воқеӣ, ки кӯдакон бо системаи ҳуқуқӣ мувоҷеҳ мегарданд, дар чунин мавридҳо онҳо ба кумаку роҳнамоии ҳуқуқшиноси касбӣ ва ё адвокат эҳтиёҷ доранд. Бо таваҷҷуҳ ба шароити хос, кӯдакон ба гирифтани кумаки ройгони ҳуқуқӣ ва интихоби намояндаи худ дар суд ҳуқуқ доранд. Истифода аз хидмати адвокат ва хизматрасониҳои ҳуқуқии идораҳои дахлдори давлатӣ, ташкилоту созмонҳои мухталифе, ки ба расонидани кумакҳои ҳуқуқӣ машғуланд, ба эҳтиёҷи ҳуқуқии мушаххаси кӯдак вобаста аст.

Дар татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҶТ доир ба ҳуқуқ ва ҳимояи кӯдакон Парламенти кишвар нақши махсус мебозад. Вазифаҳо ва соҳаҳои фаъолияти қонунгузории Парламент дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррар шудаанд. Вакилони парламент пеш аз ҳама, намояндагони баргузидаи мардум мебошанд. Онҳо дар расонидан ва густариши иттилооти гуногун дар ҷомеа ва таъсир расонидан ба он нақши асосӣ мебозанд. Парламент дорои вазифаҳои зиёдест, ки аз онҳо метавон дар таҳияи қонунҳо, ташаккули сиёсат дар ин ё он соҳа, таъсиси ташкилоту муассисаҳои машғул ба татбиқи ҳуқуқи кӯдакон истифода намуд. Мутобиқи Конвенсия доир ба ҳуқуқи кӯдакон, ислоҳоти қонунгузорӣ яке аз роҳкорҳои муассир барои пешбурди ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон ба ҳисоб меравад. Вале дар ин самт фақат ислоҳоти қонунгузорӣ кофӣ нест. Ғайр аз ин, лозим аст, ки қонунҳои рӯзмарраи дигар татбиқ гарданд. Мавзуи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон тақозо менамояд, ки мақомоти дахлдори давлатӣ барои танзими пурсамари маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба ноболиғон ва кӯдакон бояд аз тамоми роҳу воситаҳои мавҷуд ба таври дилхоҳ истифода намоянд.

Илми муосири ҳуқуқшиносӣ собит намудааст, ки соҳаҳои асосии таъсиррасон ба ҳуқуқ фаъолиятҳои вобаста ба таҳияи қонунҳо ва татбиқи онҳо мебошад. Давлат ба маънои воқеӣ машғули таҳия ва сохтани қонунҳо нест, балки амалан онҳоро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танзим менамояд, ба шакли эҳтиёҷоти объективӣ, идеалҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ қонунҳоеро, ки

дар ҷамъият ташаккул ёфтаанд, муқаррар ва муайян менамояд. Вале тавассути давлат меъёрҳои ҳуқуқӣ шакли мушаххас ва характери ҳатмӣ буданро касб мекунанд. Дар натиҷа нақши муҳимми давлат иборат аз таъмини татбиқи қонунҳо дар амал аст. Нуфузу эътибор ва неруи воқеии давлат кафолатдиҳандаи устувори татбиқи қонун ва муқаррароти ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад.

Дар роҳи таъмини татбиқ ва амалисозии муқаррарот ва сиёсати ҳуқуқӣ, дар баробари давлат, бояд шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ саҳми худро бигузоранд. Ҳуқуқ дар навбати худ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ давлатро ба танзим медарорад, тамоми ҷанбаҳои асосии фаъолияти онро танзим менамояд ва аз ин роҳ ба давлат ва фаъолиятҳои он характери легитимӣ (қонунӣ) мебахшад.

Дар раванди ҳамкории миёни давлат ва ҳуқуқ, мақомоти қонунгузор ва судӣ нақши муҳим мебозанд. Аз ҷумла, мақоми қонунгузор – парламент фаъолияти қонунсозиро иҷро намуда, ба меъёрҳои ҳуқуқӣ шакли материалӣ мебахшад. Мақомоти судӣ, дар навбати худ, меъёрҳои ҳуқуқро шарҳу тавзеҳ медиҳад, баҳсҳои вобаста ба истифодаи меъёрҳои қонунгузориро ҳаллу фасл менамоянд. Ба ин сурат, механизми қонунии таъмини ҳуқуқи кӯдак, ба таври куллӣ, масъалаҳои вобаста ба танзиму ҳалли баҳсҳо ва муайян намудани ҷавобгарӣ барои риоя накардани меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад. Тавре дар боло зикр шуд, аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” қабул шудааст. Қонуни мазкур гурӯҳи кӯдаконеро, ки ҷиддан ба ҳимоя аз тарафи мақомоти давлатӣ ниёз доранд, ҳамчунин, кӯдаконеро, ки дар ҳолати душвори иҷтимоӣ қарор доранд, ба таври махсус ҷудо менамояд[175]. Дар он ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон инъикос ёфтаанд. Қонун таъкид менамояд, ки мақомоти дахлдори давлатӣ, ҳамчунин афроди масъул, вазифадоранд, ки тибқи салоҳиятҳое, ки ба онҳо вогузор шудааст, бо қабули санадҳои меъёрии дахлдор ва гузаронидани чорабиниҳои махсус доир ба

[175] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218.

фаҳмондадиҳии мақоми ҳуқуқии кӯдак, ба кӯдакону наврасон дар таъмини риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо мусоидат намоянд. Мутобиқи м. 3 Қонуни дар боло зикршуда, ҳадафи сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак иборат аст аз[176]:

– таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, роҳ надодан ба поймолкунии онҳо;

– таҳкими кафолатҳои асосии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, инчунин, барқарор кардани ин ҳуқуқҳо дар сурати поймол карда шудани онҳо;

– ташаккули асосҳои ҳуқуқии кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак;

– мусоидат намудан ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак, тарбияи ӯ дар руҳияи ватандӯстӣ, ҳисси баланди шаҳрвандӣ ва сулҳдӯстӣ;

– дастгирии давлатӣ, таъминоти моддӣ ва иҷтимоии пурраи давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор;

– таъмини фаъолияти мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифати ҳуқуқии кӯдак;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои тарбияи кӯдакони ятим ва бепарастор аз ҷониби оилаи (мураббии) парастор.

Меъёрҳои давлатии ҳадди ақали иҷтимоӣ ҳаҷми муқаррарнамудаи ҳадди ақали хизматрасонии зерини иҷтимоиро дар бар мегиранд: таъмини кафолатноки таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбии ройгон; таъмини таҳсилоти ройгони миёна ва олии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ; хизматрасонии ройгони тиббӣ ба кӯдак мутобиқи меъёрҳои ҳадди ақали иҷтимоӣ; таъмини кафолатноки кӯдак бо ҳуқуқи интихоби ихтисос ва соҳаи фаъолият, ҳифзи меҳнат, пардохти музди меҳнат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ; хизматрасонии иҷтимоӣ, аз ҷумла дастгирии кафолатноки моддии кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор

[176]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218.

бо роҳи пардохти кумакпулиҳои давлатӣ, инчунин, чораҳои мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии кӯдаконе, ки дар шароити душвори зиндагӣ қарор доранд; таъмини ҳуқуқи кӯдак ба манзил мутобиқи қонунгузории ҶТ; ташкили тадбирҳои солимгардонӣ ва истироҳат, аз ҷумла барои кӯдаконе, ки дар шароити хатарнок, инчунин, дар минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ номусоид зиндагӣ мекунанд; ба назар гирифтани манфиатҳои кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор дар мавриди таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии кишвар; мусоидат намудан ба рушди ҷисмонӣ, ақлонӣ, равонӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор; расонидани кумаки ҳуқуқӣ ва равонӣ ба кӯдак мутобиқи қонунгузории ҶТ.

Ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки дар моддаи 6 Қонун муқаррар шудаанд, дорои аҳаммияти зиёди амалӣ мебошанд. Дар моддаи мазкур омадааст, ки мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

– таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар доираи ваколатҳои худ;

– ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

– таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намудани барномаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак бо тартиби муқарраргардида;

– пешниҳод намудани ҳисоботи солона ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

– гузаронидани мониторинги меъёрҳои давлатии ҳадди ақали иҷтимоии нишондиҳандаҳои ҳаёти кӯдакон;

– пешниҳод намудани иттилоот оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба воситаҳои ахбори омма, ҷомеа ва мақомоте, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак машғуланд;

– ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

– ташкил ва пешбурди Маҳзани ягонаи давлатии маълумот оид ба кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор дар ҶТ;

– дар доираи ваколатҳои худ амалӣ намудани назорати таъминоти моддӣ ва иҷтимоии пурраи давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор;

– амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст.

Қонуни мазкур татбиқи ҳуқуқҳои кӯдакро ҳам, тавассути худи кӯдакон ва ҳам аз тариқи намояндагони қонунии онҳо, ба воситаи муроҷиат ба мақомоти ваколатдори давлатӣ пешбинӣ намудааст. Бояд қайд намуд, ки дар таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак мақомоти маҳаллии иҷроия нақши бисёр муҳим дорад. Қонун барои ин мақомотҳо ваколатҳои махсус муқаррар кардааст. Дар Қонун омадааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак мутобиқан дорои ваколатҳои зерин мебошанд[177]:

– таъмини амалишавии сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, барномаҳои мақсадноки давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

– таъмини рушд ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии шабакаи муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин, муассисаҳои таълимии томактабӣ, ки фаъолияташон ба ташкили таълим, тарбия, фароғат ва тандурустии кӯдакон равона шудааст;

– таъмини фаъолияти комиссияи маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, фарогирии кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор бо таълиму тарбия ва тавонбахшию солимгардонӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ;

– амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки давлатӣ, таъминоти моддӣ ва иҷтимоии пурраи давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор;

– ҳалли масъалаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, ташкили шароити мусоид барои ҳаёт ва фаъолияти

[177]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218.

кӯдакон, инчунин, оид ба муқаррар намудани васоят ва парастӣ ба кӯдакони ятим ва бепарастор, тибқи қонунгузории ҶТ;

– таъмини хонандагони мактаб – интернатҳо бо хӯроки ройгон дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети маҳаллӣ;

– ҳалли масъалаҳо дар хусуси ба кӯдакони маъюб, ятим, бепарастор додани имтиёзҳо ва кумаки давлатӣ, мутобиқи қонунгузории ҶТ;

– назорати риояи меъёрҳои ахлоқ ва тартиботи ҷамъиятӣ нисбат ба кӯдакон дар муассисаҳои фароғатӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ;

– қабул ва татбиқи барномаҳои маҳаллии таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакони маъюб, ятим, бепарастор ва мониторинги иҷрои онҳо.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавассути мақомоти васоят ва парастӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакони ятим ва бепарастор ваколатҳои зеринро амалӣ менамоянд:

– дар ҳамкорӣ бо мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассисаҳои таълимӣ муайян намудани кӯдакони ятим ва бепарастор ва санҷиши шароити манзилию маишии шахсоне, ки оилаи (мураббии) парастор гардидан мехоҳанд;

– таъмин намудани кӯдакони ятим ва бепарастор бо манзили истиқоматӣ, тибқи қонунгузории ҶТ;

– бастани шартнома дар бораи ба тарбияи оилаи (мураббии) парастор додани кӯдакони ятим ва бепарастор;

– ба суд мурочиат намудан дар бораи бекор намудани шартнома дар бораи ба оилаи (мураббии) парастор додани кӯдакони ятим ва бепарастор, бинобар поймол шудани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо;

– баҳисобгирии кӯдакони ятим ва бепарастор, оилаҳои (мураббиёни) парастор, ки барои ба тарбия гирифтани кӯдакони мазкур мурочиат намудаанд;

– назорати таъмини шароити муносиб барои кӯдакони ятим ва бепарастор дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ ва муассисаҳои дигар;

– амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст[178].

Моддаҳои 13-31-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” ба ҳифзи ҳуқуқҳои алоҳидаи кӯдак бахшида шудаанд. Ҳуқуқи кӯдак ба саломатӣ бо амалисозии тадбирҳои профилактикӣ, муолиҷавӣ ва барқарорсозиву тавонбахшӣ тавассути муассисаҳои давлатӣ ва маҳаллии ҳифзи тандурустӣ таъмин мегардад[179]. Кӯдак ба ҳифзи саломатӣ ҳуқуқ дорад. Давлат бо фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳифзи саломатии кӯдак, ҳуқуқҳои онро бо амалисозии тадбирҳои зиёд таъмин менамояд. Мақомоти босалоҳияти давлатӣ бо қабули санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ доир ба ҳифзи саломатии кӯдак, дар ин замина корҳои таблиғотиву фаҳмондадиҳиро анҷом медиҳанд. Тамоми тарҳҳои илмӣ доир ба ҳифзи саломатии кӯдак ба таври лозим аз сӯйи давлат дастгириву пуштибонӣ мегарданд. Назорат ба вазъи саломатии кӯдакон ва пешгирӣ аз сирояти онҳо ба беморихои кӯдакона тавассути муаасисаҳои ҳифзи тандурустӣ ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ амалӣ мегардад. Давлат ба кӯдак ёрии тиббии ройгонро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ кафолат медиҳад. Ҳама гуна озмоишҳои тиббӣ ва илмӣ нисбат ба кӯдак манъ аст(м. 13).

Кӯдак ба меҳнат, интихоби озодонаи намуди фаъолият ва касбу ҳунар ҳуқуқ дорад. Кӯдак тибқи қонунгузории ҶТ бо иҷозати падару модар ё дигар намояндаи қонуниаш ҳуқуқ дорад дар вақтҳои фориғ аз таҳсил бо коре машғул шавад, ки ба саломатию инкишофи ӯ мувофиқ буда, ба ҳолати ҷисмонӣ, маънавӣ ва равониаш зарар намерасонад. (м. 18).

---

[178]Ниг.: Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” аз 17 майи соли 2004, № 28. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5, мод. 339.

[179]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218.

Кӯдак мувофиқи синнусол, вазъи саломатӣ ва талаботаш ба истироҳат ва фароғат ҳуқуқ дорад. Падару модар ё дигар намояндаи қонунии кӯдак аз рӯи имконият барои нигоҳубин ва инкишофи ҳаматарафаи ӯ шароити зарурӣ муҳайё месозанд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ маҷмуи чорабиниҳоро оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон барои фароғат, солимгардонӣ ва истироҳат, аз ҷумла машғулиятҳои эҷодию фароғатӣ доир мекунанд, майдончаҳои варзишӣ, лагеру осоишгоҳҳо таъсис дода, ташкили фароғати кӯдаконро дастгирӣ менамоянд.

Муқаррароти моддаи 23 ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар муассисаҳои таълимиву тарбиявии махсус барои ноболиғон бахшида шудаанд. Маълум аст, ки дар бештари кишварҳои дунё, кӯдакони ба таълиму тарбияи махсус ниёзманд, дар муассисаҳои таълимии махсус ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд. Кӯдаконе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба шароити махсуси таълиму тарбия эҳтиёҷ доранд, дар муассисаҳои махсуси таълимӣ – тарбиявӣ барои ноболиғон ҷойгир карда мешаванд. Кӯдаконе, ки нӯшокиҳои спиртдор, маводи нашъадор ва моддаҳои мадҳушкунанда истеъмол мекунанд, инчунин, кӯдаконе, ки аз рӯи вазъи саломатӣ дар муассисаҳои махсуси таълимӣ – тарбиявӣ барои ноболиғон ҷойгир намуданашон имконнопазир аст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ барои табобат ба муассисаҳои табобатӣ фиристонида мешаванд. Кӯдаконе, ки дар муассисаҳои зикршуда нигоҳ дошта мешаванд, ба гирифтани таҳсилот, омодагии касбӣ, рухсатӣ, мукотиба, мулоқот бо падару модар ё дигар намояндаи қонуниашон, гирифтани фиристаҳо, дастовезҳо ва бастаҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ҳуқуқ доранд. Моддаи 29 Қонуни мазкур, ки дар он сухан дар бораи ҳимояи кӯдакон аз таъсири манфии муҳити иҷтимоӣ ва иттилоотӣ меравад, дорои аҳаммияти зиёд аст[180].

Дар кори тарбияи кӯдак, илова ба давлат, бояд тамоми аъзои ҷамъият, аз ҷумла падару модар ва ё дигар намояндагони қонунии кӯдак иштирок

[180]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218.

намоянд[181]. Мақомоти давлатӣ, падару модар ё дигар намояндаи қонунии кӯдак, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд кӯдакро аз таъсири манфии муҳити иҷтимоӣ, иттилоотӣ, нӯшокиҳои спиртӣ, маҳсулоти тамоку, маводи нашъадор ва психотропӣ, ки ба саломатӣ, рушди маънавӣ ва ахлоқии ӯ зарар мерасонанд, ҳифз намоянд. Барои кӯдакон намоиш додан, фурӯхтан, туҳфа кардан, нусхабардорӣ намудан ва ба кироя додани бозичаҳо, кинофилмҳо, фиттаҳои сабти овоз ва видео, интишори адабиёт, маҷаллаву рӯзнома ва дигар воситаҳои ахбори омма, ки мақсади онҳо ба вуҷуд овардани адовати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад, ҷангҷӯӣ ва маҳалгароиро тарғиб намуда, ба зӯран тағйир додани сохти конституцсионии ҶТ даъват мекунанд, инчунин, ба оворагардӣ, гадоӣ, фоҳишагӣ ҷалб намудани кӯдак, интишор, реклама ё ба кӯдак фурӯхтани мавод, расму тасвирҳо, нашрияҳои чопӣ, кино ё видеофилмҳои хусусияти порнографидошта манъ аст[182].

Масъалаи муҳимми дигар, ки дар қонун ба он таъкид шудааст, ошно сохтани кӯдак ба фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Дар қонун омадааст, ки давлат вазифадор аст барои рушду инкишофи маънавии дурусти кӯдак шароити лозим фароҳам орад. Мақомоти дахлдори давлатӣ бояд бо истифода аз фондҳои китобхонаҳо, толорҳои намоишгоҳҳо, осорхонаҳо, шабакаи васеи муассисаҳои махсуси кӯдаконаи фарҳангӣ, муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ имконияти шиносоии кӯдакро бо фарҳанги миллӣ, таърих, анъанаву арзишҳои маънавии халқи тоҷик ва дастовардҳои ҷаҳонии фарҳанг таъмин намоянд.

Давлат ба истеҳсол ва таъмини дастрасӣ ба филмҳои бадеӣ ва видеоӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радио, асарҳои чопӣ, инчунин, паҳнкунии иттилооти дигари муфид, ки барои инкишофи қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии кӯдакон пешбинӣ шудаанд, мусоидат менамояд. Ҳамзамон, дар воситаҳои ахбори омма, адабиёт ва чорабиниҳои оммавии фарҳангию фароғатӣ тарғиб

[181]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218.

[182]Ниг.: Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj(санаи муроҷиат: 06.11.2019).

намудани парастиши зӯроварӣ ва бераҳмӣ, паҳн кардани порнография ва иттилооте, ки шаъну эътибори инсониро паст зада, ба тарбияи кӯдак зарар мерасонад, манъ аст.

Дар тамоми давраи таърихи башарият, муносибат ва бархӯрд ба кӯдакони ятим, бо назардошти тарзи зиндагӣ дар ҷомеа ва расму анъанаҳои дар он маъмул муайян мегардид. Амалан дар ҳар давру замон кӯдак дар муқоиса бо ҳамнавъони калонсоли худ мавҷуди аз лиҳози ҷисмиву ақлӣ кучак ва ба ин далел эҳтиёҷманд ба дастгириву ҳимояи калонсолон шинохта мешуд.

Бо таҳлил қарор додани қонунгузории Тоҷикистон оид ба кӯдакони ятим, ба таври умум метавон ба чунин хулоса омад, ки муносибат ба кӯдакони ятим дар кишвар ба тарзи зерин ба амал меояд: шахсони масъули муассисаҳои таълимӣ ва таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин, шаҳрвандони дорои маълумоти дар бораи кӯдакони бесарпараст, вазифадоранд дар давоми як ҳафта дар ин бора ба мақомоти васоят ва парастории хабар диҳанд. Мақомоти васоят ва парастории дар давоми се рӯз пас аз гирифтани чунин маълумот бояд шароити зиндагӣ ва будубоши кӯдакро мавриди омӯзиш қарор диҳад ва дар сурати муайян гардидани аз нигоҳубини падару модар ва дигар наздикон маҳрум будани кӯдак, то замони ҳалли шароити зиндагии вай ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакро таъмин намояд[183]. Аммо, мутаассифона, на ҳамаи шахсони масъул вазифаҳои худ дар бораи ба ҳисобгирии кӯдакони ятим ва бесарпарастро хуб медонанд. Гузашта аз ин, масъалаи кадрҳо низ дар ин замина нигаронкунанда аст, зеро кормандон дар мақоми мутахассис оид ба васоят ва парастории, дар мавридҳои зиёд на бештар як ва ё ду сол кор мекунанд. Табиист, ки дар чунин муҳлати кӯтоҳ азхудкунии вазифа ва нозукиву вижагиҳои вобаста ба васоят ва парастории кори осон нест. Иловатан, инро ҳам ба назар бигирем, ки ин кор ҳамчун масъулияти иловагӣ ба уҳдаи кормандон гузошта мешавад. Ҳамин аст, ки дар бисёр мавридҳо муҳлати таъйини парастор ва васӣ барои кӯдакони ятим ва кӯдакони бесарпараст риоя намегардад.

[183]Ниг.: Искандаров Ш.Ф., Мизробов Ш.Ш. Ҳуқуқи кудак: воситаи таълими. – Душанбе, 2018. – С. 256

Васоят ва парасторӣ аз сӯйи мақомоти давлатӣ аз фароҳам овадани шароити лозим барои таълиму тарбия ва рушди кӯдакони ятим тавассути ҷойгиркунонии онҳо дар хонаҳои махсуси кӯдакон, интернат ва дигар марказҳои махсуси барои ин мақсад пешбинишуда иборат мебошад. Кӯдаконе, ки аз имкони зиндагӣ дар оила маҳруманд, ба ҳимояи махсус, кумак ва нигоҳубини алтернативӣ ҳуқуқ доранд. Ҳарчанд ба муассисаҳои махсус фиристодани кӯдакон як чораи маҷбурӣ ва ниҳоист, вале дар амал мутаассифона, кӯдакони зиёде беасос ба чунин муассисаҳо фиристода мешаванд. Барои падару модарони зиёде, бинобар фақру камбағалии шадид ва доштани кӯдакони маъюб, ба хонаҳои кӯдакон ва ё интернат супоридани фарзандон танҳо роҳи имконпазир барои таъмини онҳо бо ғизо, либос ва ҷои хоб ба ҳисоб меравад.

Кӯдакони ятим ба истилоҳ афроде ба ҳисоб мераванд, ки сарнавишт ба навъе бо онҳо номеҳрубон будааст. Асосаш дар он аст, ки онҳо аз навозиши падару модар маҳрум гаштаанд. Бинобар ин, табиист, ки ҳар шароиту имконе, ки мо барои онҳо фароҳам меорем, наметавонад ҷойи гармӣ ва лутфу марҳамати хонадонро барои онҳо бигирад.

Ҳамин тавр, мавзуи мушкилоти кӯдакон, махсусан, кӯдакони ятим, дар маркази таваҷҷуҳ ва фаъолиятҳои муассисаву идороти зиёду мухталифе қарор дорад. Чунин вазъ табиист, ки дар фаъолиятҳои ин муассисаву марказҳо як навъ ҷудоӣ ва чанддастагиро ба вуҷуд меорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, лозим аст, то чунин ихтилоф ва ҷудоӣ дар фаъолиятҳои вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон аз байн бурда шавад. Зеро танҳо тавассути ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои мухталиф ва вориди як системаи ягона намудани фаъолиятҳову иқдомоти мавҷуд метавон ба натиҷаҳои беҳтару муфидтар дар кори таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони ноболиғ ноил шуд.

Конституцияи ҶТ муқаррар намудааст, ки давлат дар хусуси ҳифзи кӯдакони ятим ғамхорӣ зоҳир менамояд (қ. 3. м. 34). Қонунгузории Тоҷикистон оид ба оила шакли мушаххаси ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони бесарпарасторро пешбинӣ намудааст. Тибқи КО ҶТ аз 13 ноябри

соли 1998[184] ба фарзандӣ гирифтани писар (ё духтар) тавассути суд амалӣ мегардад. Тавассути суд муқаррар шудани амали ба фарзандӣ гирифтани кӯдак дар ҶТ як тақозои объективӣ ва воқеии ҷомеаи ин кишвар аст. Ҷанги шаҳрвандӣ дар ин кишвар ба раванди таълиму тарбияи насли наврас таъсири манфӣ гузошт, дар натиҷа боиси он гардид, ки шумори кӯдакони бехонаву дар ва бесаробон афзоиш ёбад. Мушкилоти аслии чунин пайомад дар он зоҳир меёбад, ки чунин вазъ ба номуайяну мубрам боқӣ мондани вазъи ҳуқуқии тарафҳо ва махсусан беҳуқуқии кӯдакон мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, бо кумаки институти ба фарзандӣ гирифтани писар ва духтар метавон то андозае ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони бесарпарастро таъмин намуд.

Ба фарзандӣ қабул намудани кӯдакони бесарпараст ҳамчун санади ҳуқуқии қонунгузории доир ба оила, бояд ба таври пурра таълиму тарбияи оилавӣ, нигоҳубин ва таъминоти пурраи иқтисодии кӯдакони бесарпарастро фароҳам созад.Чунин зарурат дар он ифода меёбад, ки дар оила кӯдак бояд бо ғизо, либос ва пӯшок таъмин бошад, вобаста ба синнусол ба предметҳои бозӣ ва шароити зарурии зист дар манзил ва гирифтани таълим дастрасӣ дошта бошад. Ҳадаф аз фароҳам овардани чунин шароит дар хонавода таъмини тамоми ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдак аст, ки он пеш аз ҳама, дар инкишофи ҷисмиву равонии кӯдак инъикос меёбад.

Тибқи Кодекси амалкунандаи оилаи Тоҷикистон ба фарзандӣ фақат шахсони ноболиғ гирифта мешаванд ва ин кор бояд фақат ба манфиати кӯдакон сурат бигирад[185]. Манфиати кӯдакони ноболиғ дар он ифода меёбад, ки онҳо бояд фақат барои тарбия ва нигоҳубин ва ё бо ин хоҳиш ба фарзандӣ қабул карда шаванд.

Таъмини манфиатҳои кӯдак ҳадафи асосии ба фарзандӣ қабул намудани кӯдаки ноболиғ аст. Бинобар ин, вақте кӯдак барои тарбия ва нигоҳубин дар оила ба фарзандӣ қабул карда мешавад, шахси васӣ бояд (парастор, мураббӣ)

---

[184]Ниг.: Ахбори МаҷлисиОлииҶумҳуриитоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177, №12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод.143

[185] Ниг.: Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 13 ноябрисоли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.04.2020).

иттилооти лозим дар бораи сифатҳои шахсӣ, шавқу рағбат, хусусиятҳои психологӣ ва қобилиятҳои фардии кӯдак дошта бошад. Иттилооти мазкур дар барқарории муносибати хуб миёни парастор ва кӯдаки ноболиғ нақши муҳим мебозад ва ин, дар навбати худ, ба таъмини ҳамаҷонибаи манфиатҳои кӯдак мусоидат менамояд.

Метавон ба ақидаи И. Кузнетсова розӣ шуд, ки набояд манфиатҳои кӯдак ба маънии маҳдуди ин калима, яъне ба мафҳуми қонеъ шудани кӯдакон аз эҳтиёҷоти моддиву маишатии онҳо фаҳмида шавад. Чизи аз ҳама муҳим дар ин самт иборат аз он аст, ки кӯдак ҳамеша бояд таҳти таъсири фазо ва муҳити солиму мусоиди хонавода қарор бигирад, муҳаббат ва ғамхории падару модарро доимо эҳсос намояд, ҳамчун инсон аз ҷиҳати равонӣ комилу солим инкишоф ёбад, соҳиби маълумот шуда, барои кору зиндагии фаъолона дар ҷомеа омода гардад[186].

Илова ба он чи зикр шуд, метавон гуфт, ки сиёсати ҳуқуқии давлат оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак бар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла бар асоси Конвенсияи СММ доир ба ҳуқуқи кӯдак, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва ғайра таҳия шудааст. Ғайр аз ин, КМ ҶТ ва КО ҶТ низ ба сурати лозим таъмини ҳуқуқҳои занон ва кӯдаконро кафолат медиҳанд.

Бо натиҷагирӣ аз ин таҳқиқ метавон ба чунин хулоса омад:

1. Ҳуқуқҳои оила, модар ва кӯдак дар ҶТ тавассути Конституцсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ ҳифз шудаанд. Барои амалисозии меъёрҳои муқаррарнамудаи Конституцсия, қонунгузориҳои вобаста ба меҳнат ва оила бо мақсади таъмини ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак мақомоти салоҳиятдор ва ваколатдори давлатӣ барои такмили механизмҳои дахлдори мавҷуд ва татбиқи эъломияҳои байналмилалӣ барномаҳои махсус таҳия ва омода месозанд.

2. Модар будан ин қобилияти қобили истифодаи зан барои таваллуд,

---

[186] Ниг.: Комментарий к Семейному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. Кузнецова М.И. – М.: Изд – во «БЕК», 1996. – С. 316; Кузнецова И. Как усыновить ребенка. – М.: Изд-во ОАО «Радуга», 1997. – С. 37 – 38.

шир додан, тарбия ва ба воя расонидани кӯдак мебошад. Мафҳуми «модар будан, модарӣ» ҳуқуқҳои тавассути қонун кафолатдодашудаи зан барои таълим, тарбия ва нигоҳубини фарзандро дар бар мегирад. Аз сӯйи дигар, мафҳуми “кӯдак” дар қонунгузорӣ ҳамчун шахсе муайян шудааст, ки новобаста аз ақди никоҳи падару модар ба синни ҳаждаҳ (ноболиғ) нарасидааст.

3. Ҳифзи ҳуқуқи кӯдак аз фароҳам овардани шароити лозим тавассути давлат барои таваллуд, таъмини ҳаёт ва инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак ва кафолати риояи ҳуқуқу манфиатҳои вай дар ҷомеа иборат мебошад. Ин нукта, ҳам санадҳои дахлдори қонунгузорӣ ва ҳам механизмҳои амалкунандаро дар робита ба татбиқи санадҳои мазкур, дар заминаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак дар соҳаҳои мухталиф дар бар мегирад.

4. КО ҶТ (соли 1998) бо такя ба принсипҳои байналмилалии татбиқи манфиатҳои модар ва кӯдак, тавассути меъёрҳои муқарраршуда, бо мақсади мустаҳкам намудани оила, ҳуқуқҳои кӯдак ва падару модарро танзим менамояд. Меъёрҳои муқаррарнамудаи КО ҶТ ба он равона шудаанд, ки дар оила фазо ва муҳити мусоид барои татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва падару модар фароҳам гардад.

5. Дар қонунгузории ҶТ доир ба оила (м. 8 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон) моддаи ҷудогона дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои оила пешбинӣ шудааст. Вале дар он худи мафҳуми ҳифз муайян нагардидааст, ҳамчунин, роҳу механизмҳои мушаххаси татбиқи мафҳуми ҳифз зикр нашудаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, омӯзишу таҳқиқи мафҳуми ҳифз дар меъёрҳои ҳуқуқи оила (ҷанбаи моддӣ – ҳуқуқӣ) аз аҳаммияти назариявӣ ва амалии зиёде барҳӯрдор аст.

6. Зарурати он вуҷуд дорад, ки барои таҳвияти ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони ба гурӯҳҳои нисбатан осебпазири иҷтимоӣ дохилшаванда (аз ҷумла кӯдакони оилаҳои гуреза, муҳоҷир, ҳамчунин, кӯдакони танҳо ва дорои нуқси ҷисмиву ақлӣ) санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ таҳия гарданд.

7. Расонидани кумаки ҳуқуқӣ ба кӯдакон, набояд ҳамчун василаи таҷаммул ва ё имтиёз, балки ба сифати яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон

шинохта шавад.

8. Риояи ҳуқуқи кӯдак барои дарёфти кумакҳои ҳуқуқӣ бояд қадами нахустин, ҳамзамон муҳим дар роҳи таъмини ҳуқуқи тамоми кӯдакон маҳсуб шавад.

9. Тибқи Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, гузаронидани ислоҳот дар соҳаи қонунгузорӣ яке аз иқдомоти муассир дар пешбурд ва таъмини ҳуқуқи кӯдак ба ҳисоб меравад. Вале дар ин самт набояд фақат ба ислоҳот дар соҳаи қонунгузорӣ маҳдуд шуд, зеро ислоҳоти қонунгузорӣ кофӣ нест. Дар ин роҳ, ҳамчунин, зарур аст то талоши бештар барои татбиқ ва амалисозии қонунҳои нав равона гардад.

10. Сиёсати ҳуқуқии давлат бояд бар асос ва мабнои қонунгузорӣ устувор гардад ва асоси қонунгузорӣ, дар навбати худ, ба таври системавӣ бояд дар ҳоли рушду инкишоф бошад, вобаста ба гузашт ва воқеиятҳои замон тағйиру таҳаввул ёбад, рӯзмарраву муосир ва пешрафта боқӣ монад.

Давлат бояд ба таъмини ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, наврасон, ҷавонон, модарон ҳавасманд бошад. Сиёсати давлат бояд ба таври муассир татбиқ гардад ва он самтҳои зерин нигаронида шуда бошад:

– ба дастгирии оилаҳои ҷавон ва серфарзанд;

– ба ҳифзи иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии оила бо мақсади таъмини инкишофи ҳамаҷонибаи он, аз ҷумла ҳавасмандгардонии таваллуд;

– ба расонидани кумаки иҷтимоӣ ба оилаҳои камдаромад;

– ба расонидани кумак ба кӯдакони бесарпарастор;

– ба таъмини инкишофи ҳамаҷонибаи ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва маънавии кӯдакон ва наврасон.

Таърих нишон медиҳад, ки вуҷуди сиёсати қавии ҳуқуқии бар асоси пуштибонии ҳамаҷонибаи давлатии моддиву молӣ ва санадҳои дахлдори қонунгузории устувор метавонад рушди пойдору собити насли навраси имрӯзи кишварро ба хубӣ таъмин намояд. Имрӯз дар ҷомеаи Тоҷикистон бархӯрд ва муносибати навине дар баробари мушкилоти мавзуи ҳуқуқи кӯдак дар ҳоли шакл гирифтан аст. Дар назар аст дар ин замина сиёсати нави давлатӣ таҳия шавад.

Аз нигоҳи илмӣ собит шудааст, ки ҳар гуна сиёсати ҳуқуқии давлатӣ дар сурати ҷавобгӯ набудан ба талаботи аслии таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ва насли наврас, ба шикаст рӯ ба рӯ мегардад. Сиёсати муассир ва пурсамари ҳуқуқии давлатӣ дар сурати таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва наврасон метавонад давлатро дар иҷрои вазифаҳояш муваффақ ва қудратманд созад.

БОБИ 2. ИНКИШОФИ ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Асосҳои конституцсионии ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Зимни омӯзиш ва таҳқиқи масоили вобаста ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии он лозим аст, ки асосҳои конституцсионии ҳуқуқи кӯдак дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирад. Зеро ин имкон медиҳад, то мушкилот ва монеаҳои мавҷуд дар роҳи татбиқи ҳуқуқи кӯдак беҳтар шиносоӣ ёфта, роҳҳои ҳаллу фасли дурусти онҳо тавассути равишҳои қонунӣ пайдо гардад.

Тавре маълум аст, дар илми ҳуқуқ ва адабиёти илмии ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд (дар ин маврид ҳуқуқ кӯдак) ба ҳуқуқҳои граждани (шахсӣ), сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ тақсим мегарданд[187]. Бино ба таъкиди Ю.А. Қурбонов, М.З. Раҳимов ва Ш. Шоҳиён, замони кӯдакӣ давронест, ки дар ҷараёни он шахсияти инсон ҳамчун як узви аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба воя расидаи ҷамъият ва субъекти мукаллафе, ки дар баробари рафтору кирдори худ ҷавобгӯ аст, ташаккул меёбад[188].

Зимни омӯзиши масоили вобаста ба танзими меъёрӣ – ҳуқуқии механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ноболиғ дар ҶТ, ҳамзамон, муқаррароти вобаста ба сарчашма ва меъёрҳои асосии танзимкунандаи самти мазкурро ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва соҳибихтиёр, ҳуқуқҳои конституцсионии шаҳрвандони худро ҳифз ва ҳимоя менамояд. Дар моддаҳои 33 ва 34 Конституцсияи ҶТ омадааст, ки оила ҳамчун асоси ҷамъият дар ҳимояи давлат қарор дорад. Тибқи қисми 1 м. 34 Конституцсияи ҶТ, давлат нисбат ба ҳимояи кӯдакони ятим, маъюб ва таҳсилу тарбияи онҳо

---

[187] Ниг.: Абрамов В.И. Права ребенка и их защита в России: общетеоретический анализ: дис. ... д-ра юрид. наук. – Саратов, 2007. – С. 105.

[188] Ниг.: Курбанов Ю.А., Рахимов М.З., Шохиён Ш. Общества, государство и право. – Душанбе: «Матбуот», 2009. – С. 108.

ғамхорӣ зоҳир менамояд. Конституцсияи ҶТ принсип ва меъёрҳои умумии пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалиро муқаррар намудааст, ки онҳо дар қонунгузории миллӣ инъикос ёфтаанд, аз ҷумла меъёрҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакро низ дар бар мегиранд. Дар робита ба ин, метавон ба Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ишора намуд, меъёри комплексӣ дар заминаи ҳуқуқи кӯдак ба ҳисоб меравад.

Теъдоде аз муаллифон дуруст қайд менамоянд, ки озодӣ яке фаслҳои муҳимми ҳуқуқҳои конституцсионӣ ба шумор меравад. Конституцсияи Тоҷикистон дарки муосир аз ҳуқуқҳои конституцсионии шахсро инъикос менамояд ва дар он барои нахустин бор дар таърихи рушду инкишофи конституцсионии кишвар, аз категорияи “ҳуқуқ ва озодиҳои инсон” истифода шудааст. Боби 2 Конституцсияи ҶТ ба мавзуи “ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд” бахшида шудааст. Тавре А. Имомов қайд менамояд ин боб аз 34 модда иборат аст, ки ин моддаҳо ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрвандро муайян ва танзим месозанд[189].

Лозим ба зикр аст, ки аз се як қисмати моддаҳои Конституцсияи ҶТ масоили вобаста ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро инъикос менамоянд. Конституцсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф менамояд (қ. 1 м. 5), ки баёнгар ва нишондиҳандаи муҳтавои ҳуқуқии давлатдории Тоҷикистон мебошад. Дар Конституцсияи Тоҷикистон мафҳум ва истилоҳоте аз қабили “ҳар нафар”, “ҳар фард”, “шаҳрванд”, “ҳама”, “ҳеҷ кас”, “шахс” истифода шудаанд, ки маънии мафҳуми кӯдакро низ дар бар мегиранд. Моддаҳои 33, 34, 35, 39 ва 41 Конституцсияи ҶТ мустақиман ба кӯдак ва ҳуқуқҳои вай бахшида шудаанд. Аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ, ғамхорӣ нисбат ба оила вазифаи давлати Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ ва ҳуқуқбунёд шинохта шудааст[190]. Бинобар ин, давлат дар робита

---

[189] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: «ЭР – граф»,2012. – С. 184.

[190]Ниг.:Тафсири илмию оммавии Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери назари Раиси Суди конституцсионии ҶТ, академики АИҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор М.А. Махмудов. – Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 191.

ба масъалаҳои ҳуқуқии иҷтимоӣ, кафолати ҳифзи ҳуқуқи модару кӯдак, фароҳам овардани шароити лозим барои таълиму тарбияи кӯдакон, таҳсили ройгон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайраро ҷузъи уҳдадориҳои худ медонад. Ҳама ин уҳдадориҳо, ки ҳадафи онҳо ҳимоя ва ғамхорӣ нисбат ба оила мебошад, аз матни м. 25 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (аз 10 декабри соли 1948) бармеоянд ва ба таври пурра бо м. 10 Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мувофиқ мебошанд, ки 4 январи соли 1999 аз тарафи ҶТ қабул ва ба тасвиб расидааст. Дар ин модда омадааст, ки “оила ҳамчун ячейкаи табиӣ ва аслии ҷомеа бояд аз пуштибонӣ ва ҳимояи васеъ, махсусан дар марҳалаи ташкилёбӣ, ки масъулияти нигаҳдорӣ ва тарбияи кӯдакони ноболиғ ба уҳдаи он аст, бархӯрдор бошад” (қ. 1 м. 10). Ҳимояи ҳуқуқи модар ва кӯдак дар ҳуҷҷатҳои дахлдори байналмилалии дигар низ пешбинӣ шудааст. Дар ин ҳуҷҷатҳо ба навъҳои мухталиф ва тафсирҳои гуногуни кумакҳои иҷтимоӣ ба оила ишора шуда, чораҳои махсус оид ба ҳимояву ҳифзи модару кӯдак, расонидани кумакҳои иҷтимоии махсус ба кӯдакон ва наврасон, манъи меҳнати кӯдакон дар сурати зарарнок будани он барои вазъи саломатӣ ва рушди ҷисмониву равониву маънавии кӯдак пешбинӣ гардидааст.

Кӯдакон имрӯз ҷариб дар тамоми давлатҳои ҷаҳон аз лиҳози таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ дорои мақоми афзалиятнок ба ҳисоб мераванд. ҶТ низ дар ин миён истисно нест, зеро ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон ва шахсони ноболиғ яке аз самтҳои авлавиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Шахсони ноболиғ дар қатори маъюбон, пиронсолон, занони ҳомила ва афроди дорои мушкилоти равонӣ, бештар аз дигарон мавриди бархӯрди хушунатомез дар ҷомеа қарор мегиранд ва боназардошти ин ҳолатҳои ҷойдошта ба ҳимоя ва ғамхории махсус эҳтиёҷ доранд. Бинобар доштани хусусиятҳои синнусолии махсус, шахсони ноболиғ наметавонанд мустақилона ба таври дахлдор, ба монанди шахсони калонсол ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя намоянд. Ба ҳамин хотир,

дар ҶТ бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакон воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ таҳия ва роҳандозӣ гардидаанд.

Ҳадаф ва вазифаҳои асосӣ ва стратегии давлати ҶТ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва ҷойгоҳи кӯдакон иборат аст:

– аз таъмини дастрасии кӯдакон ба низоми маориф ва тандурустӣ, инкишофи шаклҳои гуногуни кумакҳои моддӣ барои оилаҳои дорои фарзанд; имкони максималии ҳифзи кафолатҳои бунёдии таъмини фаъолият ва инкишофи кӯдакон дар чаҳорчӯби манбаъҳоба ҳаддиақал расонидани коҳиши сатҳи зиндагӣ;

– кӯдакони ятим ва кӯдакони маъюб дар маркази таваҷҷуҳ қарор додани мушкилоти онҳо. Кӯдаконе, ки дорои шароити вазнин ва сахти меҳнатӣ мебошанд, афзоиши шаклҳои расонидани кумак ба онҳо дар партави доктринаи инсонмеҳваронаи давлати Тоҷикистон дар муносибат бо кӯдакони ноболиғ, ятим, маъюб ва анҷом додани талошҳои максималӣ барои таъмини ҳамгироии онҳо дар оила;

– эҷоди механизмҳои пешгирӣ ва тавонбахшии иҷтимоии кӯдакон дар шароити пеш омадани хавфу хатарҳои нав, аз ҷумла бесаробонӣ, зӯроварӣ алайҳи кӯдакон, нашъамандӣ, ҷиноятқорӣ ва кӯчу муҳоҷирати иҷборӣ;

– таъмини қонунии ҳуқуқҳои кӯдакон, эҷоди механизмҳои идорӣ, ташкилӣ ва молии таъмини ҳуқуқҳои кӯдакон, омодасозии кадрҳои лозим бо ин мақсад.

Бо мақсади татбиқи ҳадафҳои мазкур, тайи чанд даҳсолаи охир дар ҶТ, бо назардошти шароити бамиёномадаи иҷтимоиву иқтисодӣ, низоми муосири ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ташаккул ёфтааст.

Албатта, бидуни шубҳа, дар ин замина санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дорои эътибори ҳуқуқии бештар мебошанд. Барои мисол, дар м. 10 Конституцияи ҶТ омадааст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи ҶТ эътироф шудаанд, ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии ин кишвар ба ҳисоб мераванд. Дар сурати ҳамоҳанг ва мувофиқ набудани қонунҳои

Тоҷикистон бо санадҳои байналмилалии ҳуқуқии эътирофгардида аз ҷониби Тоҷикистон, меъёрҳои санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар марҳалаи кунунии эъмору бунёди давлати мустақилу ҳуқуқбунёд дар ҶТ ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак тавассути Конституцсияи ҶТ, КО ҶТ, КМ ҶТ, КҶ ҶТ аз 21 майи соли 1998 №574[191], КГ ҶТ, қонунҳои Тоҷикистон "Дар бораи маориф" аз 22 июли соли 2013 №1004[192], "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" аз 29 декабри соли 2010 №675[193], "Дар бораи таҳсили иловагӣ" аз 16 апрели соли 2012 №826[194], "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" аз 2 августи соли 2011 №762[195] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва ҳимоя мешаванд.

Ҳуқуқ ба таҳсил яке аз ҳуқуқҳои бунёдии кӯдакон ба шумор рафта, аз м. 41 Конституцсияи ҶТ сарчашма мегирад. Ҳамзамон, ин ҳуқуқ дар м. 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" низ муқаррар шудааст. Ҳарчанд дар Конституцсияи ҶТ ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун ҳуқуқи конституцсионии кӯдак пазируфта шудааст, аммо дар худи ҳамон моддаи қонун шарти хориҷ намудани кӯдак аз муассисаи таълимии давлатӣ пешбинӣ гардидааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" барои доиман такрор намудани амалҳои ғайриқонунӣ ва даҳалона вайрон намудани оинномаи муассисаи таълимӣ ихроҷ намудани хонандаи ба синни 15 – расидаро пешбинӣ менамояд. Зимнан, дар қонун муайян нашудааст, ки ин

[191]Ниг.: Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.04.2020).
[192]Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 7, мод. 532; с. 2014, № 3, мод. 156, № 7, s. 2, мод. 422; с. 2016, № 3, мод. 1148, № 7, мод. 624; с. 2017, № 7 - 9, мод. 581
[193]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29 декабри соли 2010 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.04.2020).
[194]Ниг.: Қонун«Дар бораи таҳсили иловагӣ» аз 16 апрели соли 2012 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.04.2020).
[195]Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 7 - 8, мод. 616; с. 2016, № 3, мод. 14

кор барои чанд бор такрор намудани амали ғайриқонунӣ ва риоя накардани оинномаи мактаб бояд анҷом шавад.

Тибқи муқаррарот дар бораи муассисаҳои умумии таълимӣ фақат як намуд ҷазо, ки он хориҷи хонандаи аз мактаб аст, пешбинӣ шудааст ва он дар сурати “надоштани хоҳиши дарс хондан, ба таври муназзам риоя накардани муқаррарот ва қоидаҳои умумии муассисаи таҳсилоти ҳамагонӣ, нишон додани рафтори номуносиб, ҳамчунин, расонидани зиёни моддӣ ба мактаб” татбиқ мегардад.

Қонуни ҶумҳуриитТоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” – ро метавон ба таври ҷудогона қайд намуд. Ҳадафи аслии қонуни мазкур, таҳвияту боло бурдани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи башардӯстӣ, ватанпарварӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, фарҳангӣ, ҳамчунин, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак мебошад.

Ҳамчунин, дар робита ба ин метавон ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 феврали соли 1995, таҳти № 178, “Муқаррарот дар бораи коммисияҳо оид ба ноболиғон”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 1996, таҳти № 70, “Муқаррарот дар бораи мактаб-интернатҳо”, “Муқаррарот дар бораи мақомотҳои васоят ва парастории” аз 11 марти соли 2000, таҳти № 98, “Дар бораи таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” аз 1 августи соли 2008, “Дар бораи Кумита оид ба корҳои занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон” аз 28 декабри соли 2006, таҳти № 608[196] ва ғ. ишора намуд.

Тоҷикистон бо пайравӣ аз принсипҳои эътирофшудаи байналмилалӣ дар заминаи беҳбуди таъмини манфиатҳои кӯдак, ҳуқуқи кӯдак ба зиндагӣ ва инкишофи солим, эҳтироми назару интихоби кӯдак, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакону наврасонро эътироф менамояд. Конституцсияи ҶТ ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шаҳрванд ва инсонро, новобаста ба миллат, нажод, ҷинс,

[196]Ниг.: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.04.2020).

забон, эътиқод, боварҳои сиёсӣ, маълумот, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулк (м. 17) кафолат медиҳад. Тибқи Конституцияи ҶТ ҳар шаҳрванд ва инсон ба ҳаёт ва зиндагӣ ҳуқуқ дорад (м. 18).

Тайи солҳои охир дар кишвар, маҷмуи васеи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак таҳия ва қабул шудааст. Аз ҷумла, метавон дар ин замина ба санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии хислати умумидошта ишора намуд. Дар ин санадҳо бо назардошти асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва конституционӣ ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак меъёрҳое муқаррар шудаанд, ки кафолати риояи ҳуқуқи кӯдакро пешбинӣ менамоянд.

Қонуни асосии ҶТ тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои аслии инсонро (кӯдакро) инъикос менамояд ва он барои рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи оила шароити мусоидро фароҳам овардааст.

Инъикоси принсипҳои асосии вобаста ба мавзуи ҳимояи оила, аз ҷумла эътироф намудани оила ҳамчун асоси ҷомеа, барқарории ҳимоя ва пуштибонии махсуси кӯдак тавассути давлат, ҳамчунин, масъулияти падару модар дар тарбия ва таълими фарзанд масири рушди ҳуқуқ дар заминаи қонунгузорӣ оид ба оиларо мушаххас намудааст. Аз нигоҳи Ю.А. Қурбонов, М.З. Раҳимов ва Ш. Шоҳиён, оила як ниҳоди табиӣ ва калидиест, ки тамоми давраҳои ҳаёти инсон аз таваллуд то марг дар чаҳорчӯби он сипарӣ мегардад[197]. Дар робита ба масъалаҳои вобаста ба ақди никоҳ, ки дар м. 33 Конституцияи ҶТ инъикос ёфтаанд, мо ба назари А. Имомов мувофиқем, ки “танзими муносибатҳои оилавӣ бояд бар асоси принсипи ихтиёрӣ будани ақди никоҳ миёни зану мард, баробарии ҳуқуқи зану мард дар оила, авлавияти таълим ва тарбияи фарзанд, васоят ва сарпарастии кӯдак, таъмини бештари ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон, аъзои ғайриқобили меҳнати оила сурат гирад”[198].

---

[197] Ниг.: Курбанов Ю.А., Рахимов М.З., Шохиён Ш. Асари ишорашуда. – Общества, государство и право. Учебное пособие для общеобразовательных учебных заведений. – Душанбе: «Матбуот», 2009. – С. 112.

[198] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: «ЭР – граф»,2012. – С. 219.

Тибқи қонунгузории Тоҷикистон (м. 33 Конституцияи ҶТ) бисёрзанӣ манъ аст. Меъёри конституцсионии мазкур дар м. 14 Кодекси оилаи Тоҷикистон низ таъкид шудааст. Дар давлатҳои пешрафтаи зиёди дунё якканикоҳӣ асоси таърихии ташаккули муносибатҳои мутамаддини оилавӣ шинохта мешавад. Дар робита ба мавзуи бисёрзанӣ дар адабиёти юридикӣ назарҳои зиёд дида мешавад. А. Имомов, ба ин бовар аст, ки вазъи ҳуқуқии кӯдаки дар оилаи дорои никоҳи расмӣ ба дунё омада аз вазъи монанди кӯдаки дар оилаи дорои никоҳи граждани таваллудшуда фарқ мекунад. Ба назари А. Имомов бояд қонунгузорӣ дар заминаи бисёрзанӣ бо қонун мутаносиб гардонида шавад, зеро дар ғайри ин сурат, муқаррароти ёдшуда метавонад боиси эҷоди ихтилоф ва ҷудоӣ дар оила гардад. Аз сӯйи дигар, аз лиҳози қонунӣ, кӯдаконе, ки дар оилаҳои ба истилоҳ никоҳи граждани ба дунё меоянд, амалан дар муқоиса бо кӯдакони таваллудёфта дар оилаҳои дорои никоҳи расмӣ аз ҳуқуқҳои “ниҳоии” камтар бархӯрдор мебошанд[199]. Кӯдакон дар муносибатҳои оилавӣ ва бархӯрдор будан аз ҳуқуқҳои оилавӣ, албатта, дар асоси моддаи 54 КО ҶТ, новобаста аз никоҳи расмӣ ва никоҳи граждани (бақайднагирифташуда), баробар ҳастанд. Лекин, агар дар муқоиса бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ назар намоем, вазъи чунин кӯдакон баробар нест. Масалан ба андешаи Н.Л. Вячеславовна вазъи кӯдакон вобаста аз никоҳи расмӣ ва никоҳи граждани таваллудшуда дар муносибатҳои меросӣ баробар нест. Масалан вақте падару модар ақди никоҳи худро расмӣ накарда бошанду падари кӯдак вафот кунад, модар кӯдакро дар мақомоти сабти ном бо номи худаш сабт менамояд. Дар ин сурат, кӯдак аз ҷониби падари худ мерос гирифта наметавонад. Ҳамчунин, агар бобою бибӣ дошта бошад, онҳо низ меросро ба набераи худ танҳо дар асоси васоятнома бо пардохти иловагӣ анҷом дода метавонанд. Зеро кӯдак аз нигоҳи қонунӣ бо онҳо хешованд нест

[199] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: «ЭР – граф»,2012. – С. 219-220.

ва меросро ҳам тибқи қонун талаб карда наметавонад[200]. Ҳамин тавр, аз он чи дар боло зикр шуд, метавон ба ин шакл хулосабарорӣ намуд, ки амалан дар шароити воқеӣ, ҳуқуқҳои кӯдакони дар оилаҳои дорои никоҳи граждани таваллудёфта аз ҳуқуқҳои кӯдакони дар оилаи дорои никоҳи расмидошта ба дунё омада то андозае аз ҳам тафовут доранд.

Дар м. 34 Конституцсияи Тоҷикистон омадааст: “Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд. Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд”[201]. Ҳимояи модару кӯдак ва оила бо истифода аз иқдомоти мухталифи иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла тавассути Консепсияи рушди оила дар ҶТ татбиқ мегардад. Дар қ. 4 м. 35 Конституцсияи ҶТ омадааст: “Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст”. Мутаносибан Конституцсия ва қонунгузории меҳнат ҳифзи меҳнат, саломатӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи манфиатҳои модару кӯдакро кафолат медиҳанд. Ба занони ҳомила дар асоси варақаи корношоямии бо тартиби муқарраргардида додашуда пеш аз таваллуд ҳафтод рӯзи тақвимӣ ва баъд аз таваллуд низ ҳафтод (дар ҳолати таваллуди мушкил ҳаштоду шаш, таваллуди ду ва ё зиёдаи кӯдак яксаду даҳ) рӯзи тақвимӣ рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд дода, кумакпулӣ аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохт карда мешавад. Ба занон рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, новобаста аз рӯзҳои истифодаи воқеӣ то таваллуд ва давомияти кор дар ташкилот, дар маҷмуъ, пурра ҳисоб карда, дода мешавад.

---

[200]Ниг.: Вячеславовна Н.Л. Статья на тему: Дети в гражданском браке: с кем они останутся после расставания родителей? [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: www.nlobova.ru (сана имуроҷиат: 18.04.2020).

[201]Ниг.:Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016). – Душанбе: «Нашри Ганҷ», 2016. – 137 с.

Ҳамчунин, мувофиқи м. 224 КМ ҶТ баъд аз ба охир расидани рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд бо хоҳиши зан барои нигоҳубини кӯдак то ба як солу шашмоҳагӣ расидани ӯ рухсатӣ дода, дар ин давра аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ дода мешавад. Барои нигоҳубини кӯдак то ба сесолагӣ расидани ӯ рухсатии бемузд бо хоҳиши кормандони зерин дода мешавад:

– бо интихоби падару модар – ба модар, ё ки ба падари кӯдак;

– ба падар ё модари танҳое, ки кӯдакро тарбия менамояд;

– бибӣ, бобо, дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки бепарастории падару модар мондаро тарбия мекунанд;

– ба корманд, ки кӯдаки навтаваллудшударо ба парасторӣ (фарзандхонӣ) гирифтааст.

Рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба се солагӣ метавонад пурра ё қисман дар асоси аризаи хаттии корманд, ки дар қисми 2 м. мазкур пешбинӣ шудааст, аз рӯи интихоби ӯ истифода карда шавад. Бо хоҳиши зан ё шахсоне, ки дар қисми 1 м. мазкур зикр шудаанд, ҳангоми дар рухсатии нигоҳубини кӯдак будан, онҳо метавонанд рӯзи нопурраи корӣ ё дар хона кор карда, аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ гиранд. Дар вақти рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидани ӯ ба сесолагӣ ба корманд ҷойи кор (мансаб) нигоҳ дошта мешавад. Вақти рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба сесолагӣ ба собиқаи меҳнатии умумӣ, бетанаффус ва аз рӯи ихтисос дохил карда мешавад, агар қонунгузории ҶТ тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад. Корманд уҳдадор аст, як моҳ пеш аз оғози кор корфарморо дар бораи хоҳиши ба кор баромадан то тамом шудани рухсатии бемузд барои нигоҳубини кӯдаки то сесола огоҳ намояд.

Дар ҶТ бо назардошти принсипҳои умумии эътирофшуда барои рафъи табъиз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳаёт, инкишофи солим, эҳтироми

назарҳои шахсӣ қонунгузории ин давлат ҳуқуқҳои кӯдакро расман эътироф менамояд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад (м. 17 Конституцсияи ҶТ). Ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад (м. 18 Конституцсияи ҶТ).

Барои таъмини риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак Нақшаи миллӣ оид ба ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак қабул шудааст. Барномаҳои стратегии зиёде дар кишвар, аз ҷумла Стратегияи миллии рушд, Барномаи стратегии коҳиши фақр, Барномаи стратегии Тоҷикистон оид ба саломатии репродкутивии аҳолӣ ва ғайра бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак таҳия ва қабул шуданд.

Шаҳрвандии Тоҷикистон тавассути Конституцсияи ҶТ (м. 15) ва Қонуни конституцсионӣ “Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 8 августи соли 2015 №1208[202], ки дар он ҳуқуқҳои кӯдак низ инъикос ёфтаанд, танзим мегардад. Тибқи қонунгузории Тоҷикистон ҳар шахс баъд аз таваллуд соҳиби мақоми шаҳрвандӣ мегардад. Соҳиб шудан ба шаҳрвандӣ аз рӯи принсипи “хунӣ” ва “ҳудудӣ” сурат мегирад. Қонунгузории Тоҷикистон ин ду аслро эътироф менамояд. Кӯдакони ятиме, ки дар қаламрави ҶТ таваллуд меёбанд ва падару модарашон мақоми номуайян доранд, соҳиби шаҳрвандии Тоҷикистон мегарданд ва то ба синни балоғат расидани кӯдакони ноболиғ ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо аз ҷониби давлат таъмин мегардад.

Давлат падару модарро ба таъмини кӯдакони ноболиғ, ҳамчунин, кӯдакони болиғи эҳтиёҷманд вазифадор месозад. Бо мақсади кумак ва таъмини зиндагии кӯдакони ноболиғ, аз волидайн ба андозаи зерин маблағи алимент ситонида мешавад: барои як кӯдак чаҳоряки маблағ, барои ду кӯдак аз се як қисми маблағ ва барои аз се зиёд кӯдак нисфи даромад. Дар сурати доштани кӯдаки ноболиғ аз оилаи нав ва дар сурати мушкил будани таъмини пардохти алимент барои кӯдакони оилаи нав, ҳамчунин, дар сурати маъюби

[202]Ниг.:Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 августи соли 2015 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.04.2020).

дараҷаи якум ва дуюм будани падару модар, ҳаҷми маблағи алимент кам карда мешавад. Падару модароне, ки барои кӯдакони ноболиғ алимент пардохт менамоянд, дар ҳолатҳои фавқулода (бемории вазнин, маъюб будани кӯдак ва ғайра) дар пардохти маблағҳои иловагӣ низ ширкат мекунанд. Давлат нисбат ба кӯдакони ятим ва кӯдакони маъюб тавассути муқаррар намудани васоят ва парасторӣ ғамхорӣ зоҳир менамояд[203]. Падару модар ва ё яке аз онҳо дар сурати иҷро накардани масъулияти худ оид ба тарбияи кӯдак ва зоҳир намудани муносибати хушунатомез, ки боиси расонидани таъсири манфӣ ва зиёни ҷисмӣ ва равонӣ ба кӯдак мегардад, ҳамчунин дар сурати шаробхор ва ё нашъаманд будани падару модар ва ё яке аз онҳо, метавонанд тавассути қонун аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум шаванд. Дар чунин ҳолат онҳо аз ҳамаи ҳуқуқҳои падару модарии худ маҳрум карда мешаванд. Вале ин онҳоро аз масъулияти таъмини моддии кӯдакон ва пардохти алимент озод намесозад. М. 39 Конституцияи ҶТба масъалаҳои вобаста ба таъмин ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон бахшида шудааст. Дар м. мазкур таъкид шудааст: “Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад”. Ба назари А. Имомов, низоми давлатии ҳифзи иҷтимоӣ дар робита ба афроде, ки бинобар маъюбӣ ва пиронсолӣ қобилияти меҳнатии худро аз даст додаанд, аз ҷумла, имтиёз ва расонидани кумак барои модарон ва кӯдаконро низ дар бар мегирад[204]. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба кӯдакони ятиму бесаробон ва таълиму тарбияи онҳо ғамхории махсус зоҳир менамояд. Барои таълиму тарбияи кӯдакони ятим, ҳамчунин, кӯдакони дорои шунавоӣ ва биноии заиф бо фароҳам овардани шароити лозим мактаб-интернатҳои замонавии дорои иншоотҳои таълимиву варзишии муосир бунёд менамояд. Ба уҳдаи давлат вогузор шудани масъулияти ҳифзи иҷтимоии кӯдакони ятим

[203] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе: «ЭР – граф»,2012. – С. 219-222.
[204] Ниг.: Имомов А. Асари ишорашуда. – С. 219-230.

ва маъюб нишондиҳандаи сиёсати башардӯстонаи давлат нисбат ба кӯдакон ва дар маркази сиёсатҳои он қарор доштани арзишҳои умумибашарӣ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба ҳисоб меравад[205]. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзҳои иду ҷашн меҳмони мактаб – интернатҳо барои кӯдакони ятим мегарданд, гирди як дастархон бо кӯдакон нишаста якҷо ғизо мехӯранд, таъкид менамоянд, ки давлат парастору саробони доимии онҳост ва кӯдакони ятим дар иваз бояд бо баҳои хубу аъло таҳсил намоянд. Давлат вазифадор аст бо таъмин намудани ҳифзи иҷтимоии кӯдакони ятим ва маъюб тамоми шароити тибқи қонун барои онҳо пешбинишударо фароҳам оварад. Шаҳрвандони ҶТ бо сабаби маъюб будан ва ё дигар сабабҳои дар қонунгузорӣ муқарраршуда, ба гирифтани нафақаи давлатӣ ҳуқуқ доранд[206]. Шаҳрвандони ҷудогона тибқи қонун ба гирифтани нафақаи иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд. Ба ин гурӯҳ аз ҷумла шахсоне метавонд ворид гарданд, ки ҳуқуқи гирифтани нафақаи кориро надоранд ва ё бекоранд, маъюбони дараҷаи сеюм, кӯдакон дар сурати аз даст додани парастор ва кӯдакони маъюби то 16 – сола[207]. Дар м. 41 Конституцсияи ҶТ муқаррар гардидааст, ки “ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад”. Табиист, ки ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун яке аз намудҳои ҳуқуқи конституцсионии кӯдак барои инкишофи шахсият, истеъдод ва қобилиятҳои ҷисмониву равонӣ, ба таври умум дар ташаккули минбаъдаи шахсияти кӯдак нақши муҳим мебозад. Маҳз бо назардошти ин хусусиятҳо, имрӯз дар қонунгузории Тоҷикистон

[205]Ниг.: Тафсири илмию оммавии Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Дар зери назари Раиси Суди Конституцсионии ҶТ, академики АИҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор М.А. Махмудов. – Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 191.
[206] Имомов А. Асари ишорашуда. – С. 229.
[207]Ҳамон ҷо. – С. 229.

муқаррароти ҳатмӣ барои гирифтани маълумоти миёна (то синфи 9) пешбинӣ шудааст. Асосҳои конституцсионии мазкур дар м. 6 Қонуни Тоҷикистон “Дар бораи маориф” инъикос ёфтаанд: ба шаҳрвандони Тоҷикистон новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулк, ҳуқуқи таҳсил кафолат дода мешавад. Кӯдакони дорои имконоти маҳдуд, яке аз субъектҳое ба ҳисоб мераванд, ки дар соҳаи таълиму тарбия мақоми махсуси ҳуқуқӣ доранд. Зарурати таъмини кафолатҳои иловагӣ дар шакли фароҳам овардани шароити махсуси таълиму тарбия барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд, аз вижагиҳои махсуси танзими муносибатҳои вобаста ба таълиму тарбияи чунин афрод ба ҳисоб меравад[208]. Ба андешаи Е.Ю. Шинкарева, мафҳуми “кӯдакони дорои имконияти маҳдуд” мафҳуми умумиест, ки он нисбат ба гурӯҳи муайяне ба кор бурда мешавад, ки бинобар шароит ва сабабҳои объективӣ (вазъи саломатӣ, махсусияти рушду инкишоф) наметавонанд дар раванди таълим ба натиҷаҳое даст ёбанд, ки аксарияти дигари хонандагон ба он даст меёбанд[209]. Ҳамзамон бо ин истилоҳоти мухталифи зиёде вуҷуд дорад, ки ба маъноҳои умумии зерини мафҳуми “кӯдаки дорои имконоти маҳдуд” ба кор бурда мешаванд: кӯдакони дорои нуқси рушд, кӯдакони дорои камбуди инкишофу рушд ва ғ. Дар м. 22 Қонуни ҶумҳуриитТоҷикистон “Дар бораи маориф” омадааст, ки зери мафҳуми “муассисаи таълими ибтидоӣ” академияи илмҳои хурд, қасрҳо, пойгоҳҳо, марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои касбӣ, бадеӣ, мусиқӣ, ронандагӣ, дӯзандагӣ ва ғ. мадди назар аст. Зери мафҳуми “таълими махсус” ҳамчун ҷузъи таркибии системаи таълимӣ, тарбия, таълим, тавонбахшии тиббӣ ва иҷтимоии кӯдакон ва ё наврасони эҳтиёҷманд ба табобати тулонӣ ва дорои ихтилолоти ҷисмиву равонӣ ё касоне, ки рафтори онҳо барои ҷомеа хатарнок аст, дар назар аст. Лозим ба зикр аст, ки мутобиқи м. 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” фароҳам овардани ин ҳама

[208] Ниг.: Право на образование ребенка с ограниченными возможностями в Российской Федерации и зарубежом: монография / Е.Ю. Шинкарева. Архангельск: «Архангельский Центр социальных технологий Гарант», 2009. – С. 6.
[209]Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 6.

шароит ба уҳдаи давлат аст. Бо ин мақсад, барои кӯдакон ва наврасони эҳтиёҷманд ба табобати тулонӣ, муассисаҳои умумии таълимии дорои шароити санаториявӣ (табобатӣ) ва мактаб – интернатҳои махсуси кӯдакона бо имконоти санаториявӣ ташкил карда мешаванд[210]. Дар ҶТ давлат ба маъюбон барои гирифтани таҳсил ва касб шароити лозимро кафолат медиҳад. Барои мисол, мутобиқи барномаи тавонбахшии индивидуалӣ (м. 23 Қонуни мазкур) мақомоти дахлдори маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар якҷоягӣ вазифадоранд барои таълиму тарбияи қабл ва беруназмактабии кӯдакони маъюб ва соҳиби маълумоти миёна, миёнаи махсус ва олӣ шудани онҳо шароити лозимро фароҳам созанд. Илова ба ин, мақомоти дар боло қайдшуда мутобиқи барномаи тавонбахшии фардии кӯдакон аз рӯи тартиби берун аз озмун, маъюбон, махсусан кӯдакони маъюбро ба муассисаҳои махсуси кӯдакона қабул менамоянд, ҳамчунин, қабули чунин кӯдаконро ба муассисаҳои махсуси таълимӣ ва таҳсилоти олӣ таъмин мекунанд. Кӯдакони маъюб дар муассисаҳои таълими умумӣ ва дар сурати лозим дар марказҳои таълимии махсус, муассисаҳои миёнаи умумии таълимӣ ва муассисоти таҳсилоти олӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд. Маъюбони дараҷаи 1 ва 2 ба ин гуна муассисаҳо берун аз озмун пазируфта мешаванд. Барои кӯдакони маъюбе, ки бинобар вазъи саломатӣ имкони таҳсил дар муассисаҳои таълимии пешазмактабиро надоранд, муассисаҳои таълимии томактабии махсус ташкил карда мешавад. Қонунгузории таъминоти иҷтимоӣ барои кӯдакони маъюб шаклҳои мухталифи гирифтани маълумоти умумӣ ва маълумоти касбӣ, аз ҷумла ба сурати ғоибона ва ҳузурӣ, таҳсили индивидуалӣ ва таҳсил дар манзилро пешбинӣ намудааст. Ҳамчунин, мувофиқи Қонуни Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ”, кӯдакони дорои нуқси ҷисмониву равонӣ ва эҳтиёҷманд ба кумаки тиббиву иҷтимоӣ метавонанд бо хоҳиши падару модар ва парасторон бепул аз ҳисоби давлат дар кӯдакистонҳои махсус, мактаб-интернатҳо, хонаҳои бачагон ва

[210] Ниг.: Имомов А. Асари ишорашуда. – С. 235.

мактаб-интернатҳои махсус таълим гиранд. Рӯйхати нишондиҳандаҳои тиббиву иҷтимоӣ барои муайян намудани чунин кӯдакон тавассути Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф ва илм ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон таҳия ва қабул мегардад.

Татбиқи меъёрҳои м. 124 КО ҶТ дар бораи имконияти ба фарзандӣқабул намудани писар ва ё духтари ятим дар оила, ё ба парастории гирифтани кӯдакони ятим, дар сурати набудани чунин имкон, фиристодани онҳо ба муассисаҳои махсус барои кӯдакон, муассисаҳои таълимӣ ва табобатӣ ва ғайра тавассути Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар идороти масъул сурат мегирад. Илова бар ин, кӯдаконе, ки дар ин марказҳо қарор доранд, ба гирифтани алимент, нафақа ва дигар кумакҳои молӣҳуқуқ доранд. Давлат барои кӯдакону наврасони ятим ва бесаробон таҳсил ва гирифтани маълумот дар муассисаҳои таълимии умумии давлатиро аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ кафолат медиҳад. Ситонидани алимент ва истифодаи он ба фоидаи кӯдакони бепарасторе, ки дар ин муассисаҳо қарор доранд, мутобиқи талаботи м. 84 КО ҶТ сурат мегирад. Муносибатҳои вобаста ба таъмини кӯдакони ятим ва бепарастор бо нафақа тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Тоҷикистон" аз 26 июни соли 1993 №796[211] танзим мегардад. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2000, таҳти №98 "Оинномаи мақомоти васоят ва парастории" тасдиқ шудааст, ки он масъалаҳои вобаста ба ҳифзи манфиатҳои қонунии кӯдакони ятим ва кӯдаконеро ки бо сабабҳои мухталиф аз ғамхории падару модар маҳрум шудаанд, танзим менамояд. Дар сурати монеъ шудани падару модар барои таҳсили кӯдак дар муассисаҳои таълимӣ ва падару модари ба тарбияи кӯдак машғулнабуда, тибқи қонунгузории ҶТ, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

[211]Ниг.: Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1993, №15-16, мод.350; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №3, мод.48, Фасли XVIII; с. 1997, №9, мод.117, Фасли VI; с. 1998, №10, мод.119, Фасли V; №22, мод.318; с. 1999, №5, мод.61; №9, мод.236; №12, мод.351; с. 2002, №4, к.1, мод.158; №11, мод.711; мод. 735; с. 2005, №7, мод.406; с. 2007, №7, мод.695; с. 2008, №10, мод.823; с. 2009, №9-10, мод.547; с. 2011, №12, мод.853; с. 2012, №4, мод.273; №7, мод.703).

Ҳамин тавр, таҳсил ва гирифтани маълумот тавассути кӯдакон бояд ба рушду инкишофи зеҳниву ақлии онҳо мусоидат намояд, то онҳо дар оянда ҳамчун аъзои баробарҳуқуқ, муфид ва фаъоли ҷомеа ба воя расанд. Ба ақидаи О.И. Бутко, ҳуқуқҳои конституционӣ, озодӣ ва уҳдадориҳо аз рӯи шаклҳои муқарраршудаи худ (дар Конституция муқаррар шудаанд), аз рӯи муҳтаво (дигар ҳуқуқҳои соҳавӣ, озодӣ ва уҳдадориҳоро муайян месозанд) ва аз рӯи эътибори юридикӣ бо дигар шаклҳо тафовут доранд.[212]

Дар фаслҳои қаблӣ, дар бораи ҳуқуқҳои ҷудогонаи кӯдакон маълумоти умумӣ дода шудааст. Вале ба назари мо, худи мафҳуми «ҳуқуқҳои кӯдак» тафсири бештарро тақозо менамояд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ омадааст, ки ҳуқуқҳои кӯдак ҳуқуқу озодиҳое мебошанд, ки ҳар кӯдак новобаста аз нажод, ҷинс, забон, дин, ҷойи таваллуд, баромади миллӣ ва иҷтимоӣ, вазъи молумулкӣ ва ғ. бояд аз онҳо баҳраманд бошад. Ба назари Е.Н. Микитова, амалан ҳеҷ як аз категорияҳои шаҳрвандон, ба ҷуз аз кӯдакон, аз рӯйи меъёрҳои синнусолӣ (барои мисол, ҳуқуқи гирифтани нафақа метавонад пеш аз расидан ба синни нафақа фаро расад) тавассути қонунгузор муайян нашудаанд[213]. Ғайр аз ин, нуқсони ҳуқуқӣ ва набудани танзими дақиқ дар муқаррар намудани фактҳои мушаххаси юридикӣ (аз ҷумла таваллуди шахс), ҳудудҳои номушаххаси вазъи ҳуқуқии кӯдак ва коҳиши дараҷаи ҳифзпазирии ҳуқуқҳои асосии кӯдак дар муқоиса бо субъектҳои калонсол вуҷуд доранд[214]. Ҷомеаи байналмилалӣ, аз як тараф, эътироф менамояд, ки кӯдак бояд имкони истифода бурдан аз тамоми ҳуқуқҳои барои инсон хосро дошта бошад[215], аз сӯйи дигар, кӯдак бинобар надоштани тавони ба таври мустақилона тасмим

[212]Бутько О.В. Правовой статус ребенка: теоретико – правовой анализ: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2004. – С. 157.
[213]Ниг.: Микитова Е.Н. Особенности правового статуса ребенка в Российской Федератции: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 21.
[214]Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 21.
[215]Ниг.: Никонов К. Современные теоретические аспекты международно-правовой защиты прав ребенка: дис. …канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 27.

гирифтан ва дарк намудани оқибатҳои тасмимҳои гирифтаи худ наметавонад аз тамоми ҳуқуқҳои барои инсон пешбинишуда истифода намояд[216].

Ба ин тартиб, на танҳо дар чорчӯби қонунгузориҳои миллӣ, балки дар доираи қонунгузории байналмилалӣ зарурати коркард ва муқаррар намудани кафолатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ барои таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳаёт вуҷуд дорад[217]. Кӯдак узви баробарҳуқуқи ҷомеаи муосир мебошад ва он бояд ба сифати субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои иҷтимоӣ мавриди баррасӣқарор гирад[218]. Ба ақидаи О.В. Бутко, таснифоти ҳуқуқҳои кӯдак бояд бо назардошти мазмуну муҳтаво, ҳамчунин, бо дар назар гирифтани инъикоси онҳо дар санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ сурат гирад[219]. Мавриди зикр аст, ки муайян намудани ҳуқуқҳои кӯдак мантиқан аз идеяҳои асосии Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон сарчашма мегирад. Қисми 2 м. 25 Эъломияи мазкур ба кӯдакон бахшида шудааст. Дар он таъкид мешавад, ки “модару кӯдак ба нигоҳубин ва кумаки махсус ҳуқуқ доранд”. Ҳамин тавр, бо эътироф намудани ҳуқуқи баробари кӯдакон ба озодиҳои дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон зикрёфта, ҷомеаи ҷаҳонӣ зарурати дастгирии бештар ва расонидани кумакҳои иловагӣ ба кӯдаконро эътироф менамояд. Бо гузашти замон, инкишофи консепсияи ҳуқуқи инсон боиси он шуд, ки ҳуқуқҳои кӯдак ба категорияи махсуси ҳуқуқӣ баробар карда шуданд. Дар даҳсолаҳои нахустини асри ХХ ҳуқуқҳои кӯдак маъмулан дар пасманзари мушкилоти мавҷуд оид ба истифодаи меҳнати хурдсолон, фурӯши кӯдакон ва танфурӯшии ноболиғон баррасӣ мегардид. Бо мақсади дар сатҳи қонунгузорӣ таъмин намудани ҳифзи саломатии кӯдакон ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо, соли 1924 Лигаи миллатҳо Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдаки Женеваро қабул намуд. Иқдоми муҳимми дигар иборат аз он аст, ки СММ

---

[216]Ниг.: Микитова Е.Н. Особенности правового статуса ребенка в Российской Федератции: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 27.
[217]Ниг.: Абрамов В.И. Права ребенка и их защита в России: общетеоретический анализ: дис. ... д-ра юрид. наук. – Саратов, 2007. – С. 107.
[218]Ниг.: Микитова Е.Н. Особенности правового статуса ребенка в Российской Федератции: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 27.
[219]Ниг.: Бутько, О.В. Правовой статус ребенка: теоретико-правовой анализ: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2004. – С. 157.

соли 1959 Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдакро қабул намуд, ки дар он принсипҳои аслии иҷтимоӣ ва ҳуқуқии вобаста ба ҳимоя ва некуаҳволии кӯдакон инъикоси худро ёфтанд. Дар ин санад таъкид шуда буд, ки “кӯдак бинобар хурдсол будани худ, ба ҳимоя ва ғамхории махсус, аз ҷумла ба ҳифзи ҳуқуқи қабл ва баъд аз таваллуд ниёз дорад”. Санади мазкур аз 10 муқаррарот ё принсип иборат буд, ки эътироф ва риояи онҳо гуфта мешуд, бояд “кӯдакии хушбахтонаи наврасонро таъмин намояд”. Бо рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тағйироту таҳаввулоти зиёди дар он ба амал омада, ҳамчунин, бо таваҷҷуҳ ба вазъи душвори кӯдакон, мақомоти салоҳиятдор ба хулосае омаданд, ки фақат бо қабул ва тасвиби эъломияҳои дахлдор ҳалли мушкилоти кӯдакон имконпазир нест. Ба ин далел, зарурати таҳияи ҳуҷҷатҳое ба миён омад, ки дар асоси онҳо чораҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии равишҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон муқаррар мегардид. Дар ин замина соли 1974 Эъломия дар бораи ҳифзи занон ва кӯдакон дар ҳолатҳои фавқуллода ва давраи низоъҳои мусаллаҳона қабул гардид. Дар соли 1986 Эъломия дар бораи принсипҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифз ва некуаҳволии кӯдакон, ҳангоми супоридани онҳо барои нигоҳубину тарбия дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба тасвиб расид. Ҳудуди 10 сол мутахассисон ва коршиносони мухталифи дунё, бо ширкат дар кори Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, матни муқаррароти нав дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакро омода сохтанд. Матни мазкур бояд тамоми ҷанбаҳои ҳаёти кӯдаконро дар ҷомеа инъикос менамуд. Қабули Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдак ҳуқуқҳои кӯдакро ба як соҳа ва ҳуҷҷати ягона табдил дод. Қабл аз ин лозим буд, то барои таҳқиқи ин мавзуъ санадҳои зиёде, ки ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ дахл доштанд, мавриди омӯзиш қарор гирифтанд[220].

Лозим ба зикр аст, ки як қатор муаллифон чунин меҳисобанд, ки ҳуқуқи занон ва кӯдакон ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ мебошанд. Ба андешаи Р.Ш. Сотиволдиев, на ҳамаи занону кӯдакон аз ин ҳуқуқҳо истифода мекунанд[221].

---

[220]Ниг.: Жавзандолгор Б. Международно-правовая защита прав детей (Международно-правовые аспекты): дис. …канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 32.
[221]Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Асари ишорашуда. – С. 141-142.

Ҳарчанд ин ҳуқуқҳо ҳуқуқҳои кӯдакон номида мешаванд (ба тартиби умумӣ), вале дар амал онҳо ҳуқуқҳои индивидуалӣ ба ҳисоб мераванд. Манзури мо дар ин ҷо он аст, ки ҳар нафар кӯдак метавонад аз ин ҳуқуқҳо истифода барад. Барои мисол, мутобиқи Конвенсияи ҳуқуқҳои кӯдак (1989), ҳуқуқҳои дар он инъикосёфта ба “тамоми кӯдакон” тааллуқ доранд (м. 2). Дар ин санади байналмилалӣ омадааст, ки ҳар кӯдак ба ҳаёт, ном, шаҳрвандӣ, ҳаққи донистани падару модари худ ва нигоҳубини онҳо, изҳори назари шахсӣ, озодии андеша, виҷдон, дин, кумаки давлатӣ ва ғайра ҳуқуқ дорад. Конвенсия, ҳамчунин, Конвенсияи “Ҳуқуқҳои кӯдак” низ номида мешавад (ба тартиби индивидуалӣ). Бинобар ин, ба назари бархе аз мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ метавон розӣ шуд, ки агар дар матни санадҳои байналмилалӣ ва Конституцсия нисбат ба ин ҳуқуқҳо истилоҳоти “инсон”, “ҳама” ва ғайра истифода бурда шаванд, дар чунин ҳолат метавон гуфт, ки ин ҳуқуқҳо ҳуқуқҳои коллективӣ шуморида шаванд. Вале дар сурати истифодаи меъёрҳои ҳуқуқии “ҳар шахс”, “ҳар шаҳрванд”, “ҳар кӯдак” бегумон мақсад ишора ва таъкид ба ҳуқуқи фардӣ мебошад. Аз ин ҷо метавон ба ин хулоса омад, ки дар сурати дар матнҳои санадҳои байналмилалӣ ба кор бурда шудани истилоҳи “ҳар кӯдак” сухан дар бораи ҳуқуқҳои индивидуалии кӯдак меравад.

Имрӯз ҳудуди 200 кишвари дунё ин санади байналмилалиро ба тасвиб расонидаанд. Давлатҳои аъзо вазифадоранд дар ҳар панҷ сол дар бораи иқдомҳои амалишуда дар кишварҳои худ оид ба таъмини риояи ҳуқуқҳои кӯдак, мушкилоти татбиқи муқаррароти мушаххаси Конвенсия ва роҳҳои ҳалли онҳо ба Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак гузориш диҳанд. Бар асоси гузоришҳои ироашуда, ниҳоди дахлдори СММ арзёбии тахассусӣ ва тавсияҳои дахлдори худро барои ҳар кишвар омода месозад.

Дар солҳои охир дар ҶТ дар робита ба ҳуқуқ ва ҳимояи кӯдак ва бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои кӯдакону наврасон маҷмуи васеи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ таҳия шудааст. Бо вуҷуди он ки санадҳои мазкур ҷанбаи

умумӣ доранд, вале меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдаконро кафолат медиҳанд. Барои намуна, метавон ба Барномаи миллии амал барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакону наврасон барои солҳои 2003 – 2010 ишора намуд. Ғайр аз барномаи мазкур, дар кишвар барномаҳои стратегии дигар, аз ҷумла Стратегияи миллии рушд барои то давраи соли 2015 таҳия ва қабул шудааст, ки ҳадафи онҳо таъмини риояи ҳуқуқҳои кӯдак дар Тоҷикистон мебошад. Илова бар ин лозим ба зикр аст, ки дар заминаи Стратегияи миллии рушд барои то давраи соли 2015, дар кишвар Стратегияи миллии коҳиши фақр барои солҳои 2007 – 2009, Барномаи стратегии оид ба тандурустии репродуктивии аҳолӣ барои давраи то соли 2015 ва дигар барномаҳои милливу идорӣ таҳия ва қабул шуда буданд. Тавре дар боло зикр намудем, соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” ба тасвиб расид. Д.С. Раҳмон қайд менамояд, ки баҳри таъмини пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдакон, санадҳои зиёди зерқонунӣ низ таҳия ва қабул шудаанд. Бо вуҷуди ин, дар рафти татбиқ ва амалишавии ҳуқуқҳои кӯдакон баъзе мушкилот ба назар мерасад, лекин ин камбудӣ бартарафшанда мебошад[222].

Дар Конституцияи ҶТ фақат як модда, мушаххасан, м. 34 ба ҳуқуқи кӯдакон бахшида шудааст. Вале боби 2 Конституцияи ҶТ “Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд”, ҳуқуқҳои асосии конституционӣ, озодиҳо ва уҳдадориҳои шаҳрвандро муайян намуда, ҳамзамон, вазъи умумии конституционии шаҳрвандони ҶТ, ҳамчунин, вазъи тамоми шахсони дар қаламрави кишвар қарордоштаро муқаррар менамояд. Аз ин бармеояд, ки боби 2 Конституцияи ҶТ дар баробари дигар шахсон ҳуқуқҳои тамоми кӯдаконро низ дар бар мегирад ва ҳуқуқҳои кӯдакон ба таври умумӣ дорои аломатҳои хосси ҳуқуқҳои дигарон мебошанд. Агар ин асосе барои бегонасозии ҳуқуқҳои конституционии шаҳрвандон ва кӯдакон ба ҳисоб

[222]Ниг.: Раҳмон Д.С. Баъзе мушкилоти амалишавии ҳуқуқи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Нақши Конституция дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба 22-юмин солгарди қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). –Душанбе, 2015. – С. 5.

равад, далели дигари он метавонад муқаррароти қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” (соли 2015) бошад, ки дар м. 2 он омадааст: “Асоси қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқҳои кӯдакро Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад ва он аз Қонуни мазкур, санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои байналмилалии ҳуқуқии аз сӯйи давлати Тоҷикистон эътироф шудаанд, иборат мебошад”. Бо идома додани бегонасозӣ, натиҷагирӣ менамоем, ки ҳуқуқҳои кӯдак монанди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустақиман татбиқ ва амалӣ мегарданд. Онҳо ҳадаф, мазмуну муҳтаво, истифодаи қонунҳо, фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва мақомоти маҳаллии давлатиро муайян месозанд. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конституцсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад (м. 14 Конституцсияи ҶТ).

Бояд тазаккур дод, ки ҳуқуқҳои кӯдак дар Конституцсияи ҶТ фақат ҷанбаи декларативӣ надоранд, зеро кафил ва ҳомии онҳо давлат ва Конституцсия ба ҳисоб мераванд. Вале наметавон нодида гирифт, ки дар Конституцсия дар бораи кӯдакон ва ҳуқуқҳои онҳо ба таври умумӣ сухан гуфта мешавад. Бинобар ин, зарурати он вуҷуд дорад, ки вазъи ҳуқуқии кӯдак ба таври махсус дар сатҳи Конституцсияи ҶТ муайян ва мушаххас гардад.

Дар натиҷаи таҳлили анҷомшуда мо ба ин хулоса омадем, ки дар маҷмуъ қонунгузорӣ доир ба ҳифзи кӯдак ва ҳуқуқҳои вай ба такмилу ислоҳ ва мушаххассозии бештар ниёз дорад. Дар ҳоли ҳозир асоси қонунгузории мавҷуд дар кишвар бештар ҷанбаи декларативӣ дорад. Бояд роҳҳои инкишофи минбаъдаи базаи қонунгузорӣ муайян гарданд, зарурати он вуҷуд дорад, ки меъёрҳои феълии қонунгузорӣ, таҷрибаи татбиқу истифодаи қонунҳо, иҷрои барномаҳои мақсаднок ва раванди мутобиқсозии қонунҳо бо

Конституцсияи ҶТ ва меъёрҳо ба таври муфассал таҳлилу таҳқиқ гарданд. Бояд зикр намуд, ки дар Конституцсияи ҶТ вазъи махсус ва алоҳидаи кӯдак муайян нагардидааст (аз 33 м. боби 2 фақат дар як м. он сухан дар бораи кӯдакон меравад). Чунин вазъ дар солҳои ахир, таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқро бештар ба ин мавзуъ ҷалб намудааст. Ба назари ин муҳаққиқон, ин мавзуъ бояд мавриди таваҷҷуҳи бештар қарор бигирад, ҷанбаҳои мухталифи он аз лиҳози илмӣ таҳлилу таҳқиқ шавад. Тарафдорони чунин мавқеъ ба ин бовaранд, ки иҷрои чораҳои зикршуда яке аз роҳҳои муассири барои ҳалли мушкилоти мавҷуд ба хотири таъмини ҳифзи манфиатҳои кӯдак дар ҶТ ба ҳисоб меравад.

Дар бархе аз кишварҳо олимони ҳуқуқшинос пешниҳоди ташаккули вазъи умумии конституцсионии кӯдакро матраҳ менамоянд. Ба назари В.И. Абрамов, ҳалли мусбати ин мавзуъ ба назар муфид мерасад. Ин ҳуқуқшинос таъкид менамояд, ки “пайдоиши ин ё он падидаи конституцсионӣ ба таври объективӣ тавассути омилҳои муайяни иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мушаххас мегардад[223]. Торафт мураккабу бад шудани вазъи кӯдакон аз як тараф ва қабул нашудани чораҳои муассир тавассути давлат барои рафъи мушкилот аз сӯйи дигар, метавонад яке аз чунин омилҳо бошад”[224]. Зимни мувофиқ будан бо нуқтаи назари муаллифон дар бораи вазъи конституцсионии кӯдак, В.И. Абрамов таъкид менамояд ҳарчанд мо ин истилоҳро истифода менамоем, вале як навъ шартӣ будани онро бинобар бегонасозии ҳуқуқҳои конституцсионии шаҳрвандони калонсол ва кӯдакон (тасаввури абстрактӣ) мушоҳида менамоем[225].

Маълум аст, ки ғайр аз меъёрҳои Конституцсияи ҶТ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ба кӯдакон низ дахл доранд, санадҳои меъёрии дигар низ дар бораи кафолати ҳуқуқҳои кӯдакон, иттиҳодияҳои

[223]Ниг.: Абрамов В.И. Права ребенка и их защита в России: общетеоретический анализ: дис. ... д-ра юрид. наук. – Саратов, 2007. – С. 108.
[224]Ниг.: Абрамов В.И. Права ребенка и их защита в России: общетеоретический анализ: дис. ... д-ра юрид. наук. – Саратов, 2007. – С. 108.
[225]Ниг.: Абрамов В.И. Асари ишорашуда. – С. 108.

ҷамъиятӣ, озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ, васоити ахбори омма, меъёрҳои ваколатии мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатии маҳаллӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқҳои кӯдак мавриди истифода қарор доранд. Аз ин ҳама бармеояд, ки дар ҳоли ҳозир зарурати якпорча ва муттаҳидсозии меъёрҳои мавҷуд ба миён омадааст. Тавре В.И. Абрамов таъкид менамояд, “ба назар гирифтани ҷанбаи сиёсиву ҳуқуқии меъёрҳои ҳуқуқи конституцсионӣ, ки тавассути онҳо арзишҳои асосӣ, авлавиятҳо, принсипҳо, категория, муайянкунанда ва дигар нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи манфиатҳои муҳимми ҷамъиятӣ муқаррар мегарданд, муҳим аст. Маҳз меъёрҳои ҳуқуқи конституцсионӣ ба мазмуну муҳтавои соҳаи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсири муайян мегузоранд. Ин таъсир аз роҳи потенсиали илмӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, ки тавассути он аз ҷумла, вазъи ҳуқуқии муосири кӯдак таъмин мегардад, сурат мегирад”[226]. Ба назари О.М. Никулина, ба сифати пешниҳодот барои ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷаи ташаккул ва таҳкими вазъи ҳуқуқии кӯдак ҳамчун объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқӣ метавон ба зарурати таҳияи механизми дақиқи таъмини некуаҳволии иҷтимоии кӯдак ишора намуд. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки дар ин робита ду принсип ҳамчун асос ба назар гирифта шавад: принсипи аввал ин бархӯрд ва муносибати универсалӣ дар муайян кардани меъёрҳост, ки бар асоси он ҳар гуна меъёр новобаста аз ҷинс, маълумоти ҷисмӣ ва дигар аломатҳо нисбат ба кӯдакони синнусоли мухталиф мувофиқат мекунад. Асоси принсипи дуюмро дараҷаи миёнаи омории оила, ки дар он фарзандон тарбия меёбанд, ташкил медиҳад. Метавонем оиларо ҳамчун муҳити аз назари зиндагӣ нисбатан табиӣ ва мусоид нуқтаи оғоз дар ташаккули меъёрҳо (нишондиҳандаҳо) шиносем[227]. Аз ин рӯ, вазъи (рифоҳ ва некуаҳволии) кӯдаки ятимеро (кӯдаки аз нигоҳубини падару модар маҳрум), ки дар муассисаҳои интернатӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст, ба

[226]Ниг: .: Абрамов В.И. Права ребенка и их защита в России: общетеоретический анализ: дис. ... д-ра юрид. наук. – Саратов, 2007. – С. 104.
[227]Ниг.: Никулина О. М. Конституционно-правовой статус ребенка в Российской Федерации // Известия Саратовского университета. 2011. Т. 11. Сер. Экономика. Управление. Право, вып. 2. – С. 103.

эҳтимоли зиёд бояд аз рӯи меъёрҳои дигари расмӣ муайян намуд, ки ин метавонад мавзуи ҷудогонаи таҳқиқ бошад[228]. Ба ақидаи О.М. Никулина дар бораи ин ки кӯдак объекти махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, метавон розӣ шуд. Зеро барои танзими ҳуқуқҳои кӯдак дар шароити ҶТ як қатор қонунҳо қабул шудаанд, ки ҳадафи онҳо ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ба ҳисоб меравад. Таъкиди О.М. Никулина дар хусуси мавзуи таҳқиқи ҷудогона будани мавзуи кӯдакони бесарпарасту ятим барҳақ ва дуруст аст. Бояд зикр шавад, ки дар мавриди кӯдакони ятим ва бесарпараст рисолаҳои номзадии зиёде навишта шудааст. Аммо бо вуҷуди ин дар ин самт, бояд таъкид шавад, ки мушкилоти зиёде ҳалношуда боқӣ мондааст. Зеро нигоҳубин ва тарбияи кӯдакони ятиму бесаробон дар мактаб-интернатҳои махсус бо гузашти вақт шароиту таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамояд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки кӯдакон мутобиқи вазъи ҳуқуқии худ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ субъектҳои махсус ба ҳисоб мераванд.

2.2. Таносуби ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ

Ҳангоми таҳлили мушкилоти идоракунии меъёрӣ – ҳуқуқии механизмҳои татбиқи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон дар ҶТ табиист, ки зарурати баррасии муфасалли муқаррароти алоҳидаи меъёрҳои муҳим ба миён меояд. Моддаҳои 33 ва 34 Конституцсияи ҶТ муқаррар намудааст, ки оила ҳамчун асоси ҷомеа таҳти ҳимояи давлат қарор дорад. Давлат нисбат ба ҳифзи кӯдакони ятим ва маъюб, таҳсил ва тарбияи онҳо ғамхорӣ зоҳир менамояд.

[228]Ниг.: Абрамов В.И. Права ребенка и их защита в России: общетеоретический анализ: дис. ... д-ра юрид. наук. – Саратов, 2007. – С. 103.

Аввалан, пеш аз оғози таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ зарур мешуморем, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро тавсиф намоем, ки ба масоили вазъи ҳуқуқии кӯдак бахшида шудаанд.

Конституцияи ҶТ муқаррароти умумӣ, меъёрҳои ҳуқуқии санадҳои байналмилалиро ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ эътироф намуда, зимни таъмини амали меъёрҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар давлат, авлавият ва афзалияти истифодаи онҳоро дар қонунгузории миллӣ муайян менамояд.

Тавре Б.А. Сафарзода қайд менамоянд: “Стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ин меъёрҳои байналмилалии муосир мебошанд, ки талаботҳои умумидемократӣ ва уҳдадориҳоро барои давлатҳо пешбинӣ менамоянду онҳо бояд бо назардошти хусусиятҳои хоси сохти конституционӣ, рушди миллӣ ва иқтисодӣ ва дигар хусусиятҳои худ татбиқ намоянд ва дар низомҳои ҳуқуқии хеш мушаххас гардонанд. Ин стандартҳо принсипҳои ҳуқуқи инсонро мустаҳкам ва инкишоф медиҳанд, уҳдадориҳои давлатҳоро оид ба афрод пешниҳод намудани ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ ва наандешидани амалҳое, ки ба ин ҳуқуқ ва озодиҳо таҷовуз менамоянд, роҳ надодан ба ягон намуди табъиз, инчунин, пешгирӣ, қатъ ва бартараф намудани амалҳое, ки ҳуқуқҳои инсонро вайрон мекунанд, муқаррар менамоянд. Дар баробари ин, ҷавобгарии давлатҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳои худ муқаррар гардида, механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқҳои инсон муайян карда мешаванд”[229].

Аввалан, ин нукта лозим ба зикр аст, ки Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдак ба чунин меъёрҳои байналмилалӣ дохил мегардад. Ин санади байналмилалии ҳуқуқӣ, ҳамчун санади универсалӣ, меъёри аслии ҳуқуқҳои кӯдак дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад[230].

---

[229]Ниг.: Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: История и современность / отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2016. – 324 с.
[230] Ниг.: Международное право в современном мире // Сб. статей, отв. ред. Ю. М. Колосов. – М., 1991. – С. 13.

Эъломияи мазкур, шахси ба синни 18 – сола нарасидаро ҳамчун кӯдак ва шахси ноболиғ эътироф менамояд. Он кӯдакро ҷузъи гурӯҳи махсуси демографӣ эътироф менамояд, ки ба кумак ва пуштибонии махсус, фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ, рушди солим ва ҳамоҳанг дар ҷомеа ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқ ниёз дорад[231]. Кӯдак ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқ, дорои ҳуқуқҳои граждани, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Дар эъломия таъкид шудааст, ки татбиқи як ҳуқуқ аз ҳуқуқи дигар ҷудонопазир аст. Эъломия таъкид менамояд, ки манфиатҳои кӯдак дар баробари ниёзҳои давлат, ҷомеа, дин ва оила авлавият ва афзалият доранд. Дар Эъломия зикр шудааст, ки озодӣ барои рушду инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ, ахлоқӣ ва маънавии кӯдак на фақат ба муҳити солиму амн ва таъмини меъёрҳои минималии дастрасӣ ба ғизо, либос ва манзил, балки ба сурати авлавиятнок пешниҳод гардидани ин ҳама имконот дар навбати аввал ниёз дорад[232].

Қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои кӯдак ҷанбаи таърихии худро дорад. Ҷомеаи байналмилалӣ дар баробари таъсиси аввалин ташкилотҳои байналмилалӣ аҳаммияти хоссаро ба масъалаи тарбияи кӯдакон медиҳад. Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак аввалин маротиба соли 1924 аз тарафи Лигаи Миллатҳо қабул гардида буд.

Эъломияи ҳуқуқи башар, ки заминаи ҳамаи қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ ба шумор меравад, муқаррар менамояд, ки кӯдаки бо ақди никоҳ ё бе ақди никоҳ таваллудшуда бояд аз ҳифзи ягонаи иҷтимоӣ истифода кунанд (моддаи 25).

СММ 20 ноябри соли 1959 Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдакро қабул намуд. Эъломияи мазкур аз 10 принсип иборат аст. Мувофиқи 7 принсипи он “кӯдак ҳуқуқи гирифтани таҳсилотро дорад, ки он бояд ройгон ва ҳатмӣ бошад, ақаллан дар марҳилаи ибтидоӣ. Ба ӯ бояд таълиме дода шавад, ки ба

[231]Ниг.: Мартынова Л.В. Методическое пособие по Конвенции о правах ребенка. – Омск, 2000. – С. 9.
[232]Ниг.: Бойко С.С. Административно – правовые средства защиты прав и законных интересов несовершеннолетних: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на Дону, 2011. – С. 66.

инкишофи минбаъдаи умумии фарҳангии ӯ мусоидат намояд ва ба шарофати он вай дар ҳолати имкониятҳои баробарӣ қарор дошта тавонад, қобилияти худ ва андешаронии шахсии худ, ҳамчунин, дарки масъулияти маънавӣ ва иҷтимоиро инкишоф диҳад ва узви манфиатбахши ҷомеа гардад”[233].

Таъмини аз ҳама беҳтари манфиати кӯдак бояд принсипи роҳбарикунанда барои он шахсоне бошад, ки масъулияти таҳсил ва тарбия ба зиммаи онҳост, ин масъулият, ба зиммаи падару модарон вогузор карда шудааст.

Илова бар ин, дар як қатор шартномаҳо оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи гуманитарӣ меъёрҳои мушаххас дар бораи вазъи кӯдакон муқаррар гардидааст. Дар баробари ин, баъзе аз давлатҳо дар бораи қабули созишномаи фарогири ҳуқуқҳои кӯдак иброз намуданд, ки тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ табиати ҳатмӣ дошта бошад. Зеро эъломияи мазкур хусусияти тавсиявӣ дорад[234].

Гурӯҳи корие, ки аз ҷониби Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони СММ таъсис дода буд, ба коркарди Конвенсия машғул шуданд. Ҳарчанд гурӯҳи асосии таҳририяро шахсони аз ҷониби ҳукуматҳо фиристодашуда ташкил медоданд, дар муҳокимаҳо бошанд, намояндагони мақомот ва муассисаҳои махсуси СММ, аз ҷумла Раёсати Комиссариати Олии СММ оид ба гурезаҳо, Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (минбаъд ТБМ), Фонди кӯдакони ТБМ (ЮНИСЕФ) ва Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ), ҳамчунин, як қатор ташкилотҳои ғайридавлатӣ иштирок намуданд. Дар ҷараёни баррасӣ ва муҳокимаронихои бардавом ба лоиҳаи аввалия, ки ҳукумати Полша пешниҳод намуда буд, тағйирот ва иловаҳои ҷиддӣ ворид карда шуд.

Қабули якдилонаи Конвенсия аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ барои гузариш ба марҳилаи оянда асос гузошт: эътироф аз ҷониби давлатҳо ва таъсиси комитет оид ба назорат ва иҷрои он. Дар муддати камтар аз як сол то

---

[234]Ниг.: Кокорина М.С. Семейно–правовые основы воспитания детей в современной России. Дисс. канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 37.

моҳи сентябри соли 1990 Конвенсияро тибқи тартиби қонунгузорӣ 20 давлат тасдиқ кард, ки ин маънои қувваи қонунӣ пайдо намудани он маҳсуб мешуд.

Худи ҳамон моҳ бо ташаббуси ЮНИСЕФ ва шаш давлат (Миср, Канада, Мали, Мексика, Покистон ва Шветсия) дар Ню – Йорк Вохӯрии умумиҷаҳонӣ дар сатҳи баланд барои манфиати кӯдакон баргузор гардид. Иштирокчиёни Вохӯрии умумиҷаҳонӣ дар сатҳи баланд ҳамаи давлатҳоро барои тасдиқ намудани Конвенсия даъват намуданд. То охири соли 1990 Конвенсияро 57 давлат тасдиқ намуда, ҳамин тавр иштирокчии он гаштанд. Иштирокчиёни Конференсияи умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки соли 1993 дар Вена баргузор гардид, эълом доштанд, ки мақсади онҳо то охири соли 1995 тасдиқи умумии Конвенсия мебошад. Воқеан, то 31 декабри соли 1995 Конвенсияро, аллакай, 185 мамлакат тасдиқ намуд, ки ҳодисаи беназир дар фаъолияти меъёрэҷодӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад[235].

ҶТ ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ Конвенсияи мазкурро 26 октябри соли 1993 тасдиқ кард ва дар ҶТ аз 25 ноябри соли 1993 эътибор пайдо намуд.

Дар Конвенсия чор принсипи умумӣ эътироф шудааст. Ин принсипҳо барои шарҳи вазъи ҳамаи маҷмуи Конвенсия тарҳрезӣ шудаанд ва мутаносибан барои муайян намудани самтҳои дурусти амалӣ намудани барномаҳои миллӣ оид ба иҷрои он равона гардидааст ва онҳо, аз ҷумла дар моддаҳои 2, 3, 6 ва 12 Конвенсия нишон дода шудааст.

Принсипҳои зерин:

1. Табъиз накардан (моддаи 2);
2. Таъмини аз ҳама хубтарини манфиатҳои кӯдак (моддаи 3);
3. Ҳуқуқ ба ҳаёт, зиндагӣ ва инкишоф (моддаи 6);
4. Назари кӯдак (моддаи 12).

[235]Ниг.: А. Нечаева. Правовые проблемы семейного воспитания несовершеннолетних. Монография. – М., 2016. – С. 163.

Принсипи сеюм, ки таҳқиқоти илмии моро ташкил медиҳад, ки ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба зиндагӣ ва инкишофро фаро мегирад, ки бояд “дар дараҷаи ҳадди аксари имкониятҳо” таъмин карда шавад. Мафҳуми дар матн истифодашудаи “инкишоф” – ро, бо назардошти ҷабҳаи сифатии он ба маънои васеаш, шарҳ додан лозим аст: мақсади меъёри ишорашуда на танҳо нигоҳдории саломатии ҷисмонӣ, балки таъмини инкишофи равонӣ, эҳсосотӣ, ақлонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кӯдак низ мебошад.

Конвенсия хусусиятҳои калидии худро дорад, ки яке аз онҳо ин аст, ки падару модар масъулияти асосии тарбияи кӯдакро доранд, дар навбати худ давлат бояд ба онҳо ёрии муносибро расонад ва шабакаи муассисаҳои кӯдаконаро васеъ намояд.

Хусусияти калидии дигари Конвенсия, ки ба масъалаҳои тарбияи кӯдак бахшида шудааст, аз он иборат аст, ки давлат нигоҳубини кӯдакро бе иштироки падару модар таъмин менамояд. Ҷараёни фарзандхонӣ бояд ба таври дақиқ ба танзим дароварда шавад ва созишномаҳои байналмилалӣ ба имзо расонида шаванд, то ин кафолат пешбинӣ ва воқеияти ҳуқуқӣ таъмин гардад.

Ба воситаҳои самараноки татбиқи принсип ва ҳуқуқҳои дар Конвенсия сабтгардида таълим ва омодагии ҳайати кормандони муассисаҳои кӯдакона, масалан, мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ, омӯзгорон, равоншиносони кӯдакона, духтурони кӯдакона ва кормандони дигари тиббӣ, кормандони политсия ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, кормандони иҷтимоӣ ва мутахассисони дигари ин соҳа дохил мешавад.

Тарбияи кӯдакон яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳим мебошад, ки дар Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак нишон дода шудааст. Дар муқаддимаи Конвенсия оварда шудааст, ки “ба ҳисоб гирифта шавад, ки кӯдак бояд ба пуррагӣ ба ҳаёти мустақилона дар ҷомеа омода карда шавад ва дар руҳияи ғояҳое, ки Оинномаи СММ эълон доштааст ва хусусан, дар руҳияи сулҳ, шарафмандӣ, таҳаммулпазирӣ, озодӣ, баробарӣ ва ҳамфикрӣ” тарбия ёбад.

Мутобиқи м. 18 Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак давлатҳои иштирокчӣ ҳамаи ҷидду ҷаҳди имконпазирро барои он сафарбар менамояд, ки эътирофи принсипи масъулияти умумӣ ва ягонаи падару модарро дар тарбия ва инкишофи фарзанд таъмин намояд. Падару модар ё дар лаҳзаҳои мувофиқ васиҳои қонунӣ масъулияти асосиро барои тарбия ва инкишофи кӯдак ба уҳда доранд. Манфиати аз ҳама беҳтарини кӯдак предмети ғамхории асосии он мебошад[236].

Конвенсия аз 54 модда иборат аст, ки дар моддаҳои зерин меъёрҳо оид ба масъалаҳои тарбия инъикос ёфтаанд:

– Моддаи 5 Конвенсия эҳтироми масъулият, ҳуқуқ ва уҳдадории падару модаронро нисбат ба фарзандони онҳо дар бар мегирад. Аз мундариҷаи меъёри мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки давлатҳои иштирокчии Конвенсия (аз ҷумла ҶТ) масъулият, ҳуқуқ ва уҳдадории падару модаронро нисбат ба тарбия ва таълими кӯдакон эҳтиром менамояд;

– Уҳдадории давлатҳои иштирокчӣ оид ба таъмини дараҷаи ҳадди аксари имкониятҳои зиндагӣ ва инкишофи солими кӯдак (қисми 2, моддаи 6). Таҳти мафҳуми “инкишофи солим” дар ин ҳолат, ба андешаи мо, на танҳо солимӣ, балки инкишофи ҳам равонӣ, зеҳнӣ, руҳонӣ ва маънавӣ фаҳмида мешавад. Зеро аз инкишофи солими ҷисмонӣ ба намудҳои дигари инкишоф вобастагӣ дорад;

– Ҳуқуқҳои кӯдак ба донистани падару модари худ ва ғамхории падару модаронаи онҳо (қисми 1, моддаи 7). Муҳиммияти ин ҳуқуқ дар он аст, ки кӯдак бояд падару модари худро донад, зеро байни падару модар ва кӯдак робитаи равонӣ, ҳамчунин, муҳаббат ба падару модари худ вуҷуд дорад. Зери мафҳуми ҳуқуқҳои кӯдак ба ғамхории падару модар уҳдадории падару модарон нисбат ба тарбия, таълим ва таъмини фарзанди худ фаҳмида мешавад;

---

[236]Ниг.: Саидзода М.Ш. Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – 142 с.

– Ҳуқуқҳои кӯдак барои робита ба падару модар (қисми 2, моддаи 10). Ин меъёр ба падару модароне дахл дорад, ки онҳо аз ҳамдигар ҷудо зиндагӣ мекунанд. Ҳуқуқи мазкур дар қонунгузории миллӣ ба таври “ҳуқуқҳои кӯдак барои муошират бо падару модар ва дигар хешу ақрабо” дарҷ гардидааст (моддаи 56, КО ҶТ). Зери мафҳуми робита (дар қонунгузории миллӣ–муошират) на танҳо вохӯриҳои шахсӣ, балки мукотиба, суҳбати телефонӣ ва ғайра фаҳмида мешавад[237];

– Ҳуқуқҳои кӯдак барои озодандешӣ, виҷдон ва дин (қисми 1, моддаи 14). Моҳияти ҳуқуқи мазкур дар он аст, ки кӯдак ҳуқуқ дорад барои худ динро озод интихоб намояд ва дар заминаи он тарбия ёбад. Интихоби дин барои тарбияи кӯдак аҳаммияти махсус дорад. Зеро дар асоси ин навъи тарбия принсипи ошкорбаёнӣ мавҷуд аст, ки нақши асосиро қисмати эҳсосотӣ мебозад. Маҳз бо воситаи он кӯдак қабули арзишҳои руҳӣ – маънавии динии худро меомӯзад ва ба он пайравӣ менамояд;

– Ҳукуқи кӯдак ба воситаи ахбори умум (моддаи 17). Воситаи ахбори умум барои инкишофи зеҳнии кӯдак аҳаммияти махсус дорад. Бо ёрии воситаҳои ахбори умум дар кӯдакон ҳисси муҳаббат ба Ватан, ҳурмату эҳтиромі якдигар, риояи тартибу интизом ва ғайраҳо пайдо мешавад, зеро воситаҳои ахбори умум, ҳамчунин, субъекти интишори санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ, сиёсати давлатӣ зуҳуроти дигари ҷомеа ба ҳисоб меравад;

– Масъулияти якхелаи падару модар дар тарбия ва инкишофи кӯдак (қисми 1, моддаи 18). Падару модар ҳуқуқ ва масъулияти баробарро дар тарбия ва таълими фарзандони худ доранд. Меъёри мазкур онро ифода мекунад, ки ягон нафар аз падару модар наметавонад аз иҷрои уҳдадории таълиму тарбияи фарзандонашон саркашӣ намояд. Меъёри мазкур ҳамчунин, “таскинкунандаи” муносибатҳои оилавии ҳамсарон маҳсуб меёбад;

– Ҳуқуқҳои кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, барои нигоҳубин ва мусоидати давлатӣ (моддаи 20). Ҳуқуқи мазкур ба ҳар як

[237]Ниг.: Комментарий к Семейному кодексу Российской Федерации. – М., 2008. – С. 90

кӯдаке, ки аз парастории падару модар маҳрум мондаанд, имконияти таълиму тарбияро кафолат медиҳад. Бо ҳамин модда намудҳои нигоҳубини кӯдакон пешбинӣ шудааст, мисли ба тарбия додан, аз рӯйи ҳуқуқи исломӣ “кафала”[238], фарзандхонӣ ё дар ҳолати зарурӣ дар муассисаҳои мутобиқи нигоҳубини кӯдакон супоридан. Ҳангоми баррасии масъалаи ивазкунии падару модар ба таври зарурӣ лозим аст, ки хоҳиши ивазкунандагони тарбияи кӯдак, баромади этникии он, мансубияти динӣ, фарҳангӣ ва забони модарии он ба назар гирифта шавад;

– Кафолати давлатии тартиб ва шартҳои фарзандхонӣ (моддаи 21). Конвенсия шартҳои зерини фарзандхондиро пешбинӣ менамояд:

а) иҷозати фарзандхонӣ танҳо аз тарафи мақомоти босалоҳияти давлатӣ;

б) фарзандхонӣ ба давлати дигар танҳо ҳамчун усули алтернативии нигоҳубини кӯдаконе, ки аз парастории падару модар маҳрум мондаанд, иҷозат дода мешавад;

в) фарзандхонӣ ба шаҳрвандони давлати дигар дар ҳолатҳое иҷозат дода мешавад, ки кафолат ва меъёри дар дохили кишвар барои фарзандхонӣ истифодашаванда пешниҳод гарданд;

г) манъи фарзандхонӣ ба дигар давлат, ки мақсади ғаразнок дорад;

д) амалӣ намудани фарзандхонӣ ба ҷои давлати дигар фақат аз ҷониби мақомоти салоҳиятноки давлатӣ.

– Ҳуқуқи ҳар як кӯдак барои сатҳи зиндагонӣ, ки барои инкишофи ҷисмонӣ, ақлонӣ, руҳӣ, маънавӣ ва иҷтимоии кӯдак зарур аст (қисми 1, моддаи 27);

– Уҳдадорӣ барои тарбия ва таълим, асосан, ба зиммаи падару модар вогузор шудааст (қисми 2 моддаи 27). Оид ба масъалаи зерин мо пештар ишораҳо кардем.

[238]Ниг.: Матиас Роэ. Исламское право. История и современность. – М., 2019. – С. 114.

– Ба ҳар як кас ҳуқуқ барои таҳсилот кафолат дода мешавад (моддаи 28), аз ҷумла:

а) таҳсили ройгон ва ҳатмии ибтидоӣ;

б) дастгирии инкишофи шаклҳои мухталифи таҳсилоти миёна, ҳам умумӣ ва ҳам касбӣ, таъмини дастрасии он барои ҳамаи кӯдакон ва аз қабили ҳамин гуна тадбирҳо, мисли ҷорӣ кардани таҳсили ройгон ва дар ҳолати зарурӣ расонидани ёрии молиявӣ;

в) таъмини дастрасии таҳсилоти олӣ барои ҳама дар асоси қобилияти ҳар кас бо воситаи ҳамаи воситаҳои зарурӣ;

г) таъмини дастрасии иттилоот ва маводи дигари соҳаи маориф ва омодагии касбӣ барои ҳамаи кӯдакон;

д) қабули тадбирҳо ҷиҳати мусоидат барои ба таври мунтазам ба мактаб рафтан ва кам намудани шумораи хонандагоне, ки мактабро тарк намудаанд.

– Самтҳои таҳсилот муқаррар карда шудаанд:

а) инкишофи шахсият, маҳорат ва қобилиятнокии ақлонӣ ва ҷисмонии кӯдак дар ҳаҷми пурраи он;

б) тарбияи эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва озодии асосӣ, ҳамчунин, принсипҳое, ки дар Оинномаи СММ инъикос ёфтаанд;

в) тарбияи эҳтиром нисбати падару модари кӯдак, фарҳанги ба худ хос, забон ва арзишҳои ӯ, нисбат ба арзишҳои миллии мамлакате, ки кӯдак дар он зиндагӣ мекунад, мамлакате, ки ӯ аз он ҷо баромадааст ва нисбати тамаддуне, ки аз тамаддуни ӯ фарқ мекунад;

г) омода намудани кӯдак ба ҳаёти ақлонӣ дар ҷомеаи озод дар руҳияи якдигарфаҳмӣ, сулҳ, сабру таҳаммул, баробарии марду зан ва дӯстии байни ҳамаи халқҳо, гурӯҳҳои этникӣ, миллӣ ва динӣ, ҳамчунин, аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ;

д) тарбияи эҳтиром ба табиати муҳити зист.

Барои риояи дақиқи талаботи Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак мақоми махсусгардонидашудаи СММ Комитет оид ба ҳуқуқҳои кӯдак фаъолият дорад.

Дар ибтидои соли 1991 ҷаласаи намояндагони давлатҳо – иштирокчии Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак бо мақсади гузаронидани аввалин интихоботи ҳайати мақоми назорат ва риояи он – Комитет оид ба ҳуқуқҳои кӯдак баргузор гардид. Барои 10 ҷой қариб 40 номзад пешниҳод шуд. Ба ҳайати интихобгардидаи аввалин Комитети экспертҳо (шаш нафар зан ва чор нафар мард) шаҳрвандони Барбадос, Бразилия, Буркина – Фасо, Зимбабве, Перу, Португалия, собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, Филиппин ва Шветсия шомил буданд.

Конвенсия эътироф мекунад, ки баъзе аз ислоҳоте, ки маблағи зиёдро талаб менамояд, дар давоми як соат иҷро карда намешавад. Дар он аз ҷумла шарҳ дода мешавад, ки ҳуқуқ барои хизматрасонии тиббӣ (моддаи 24) ва таҳсилот (моддаи 28) метавонанд ба таври “тадриҷӣ” амалӣ шаванд.

Бинобар ин, моддаи 44 Конвенсия давлатҳои иштирокчиро вазифадор менамояд, ки ба Комитет ба воситаи Котиби генералии СММ ҳисоботҳои худро оид ба тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати таҳвияти ҳуқуқҳои дар Конвенсия қабулгардида ва дар хусуси пешравие, ки дар амалисозии ин ҳуқуқҳо ба даст оварда шудааст, дар давоми ду соли баъди эътирофи Конвенсия аз тарафи давлат – иштирокчӣ ва минбаъд баъди ҳар як панҷ сол пешниҳод намоянд.

Як қатор санадҳои байналмилалии ҳуқуқии дигар ҳам дорои хусусияти универсалӣ мебошанд ва дар онҳо мавзуи ҳифзи ҳуқуқи инсон ба таври куллӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ба таври хос, инъикос ёфтааст. Аз ин миён, метавон ба Эъломия оид ба рафъи ҳар гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон, махсусан ба он қисмат, ки дар он дастрасии баробар ба таҳсил таъкид мешавад, ишора намуд. Ғайр аз санадҳои байналмилалии универсалӣ, метавон ба санадҳои байналмилалии минтақавии муҳимми дигар ишора намуд, ки ба таври куллӣ

ҳифзи ҳуқуқи инсонро муайян менамоянд, Дар ин қатор, аз ҷумла ҳуҷҷатҳоеро зикр менамоем, ки дар чорчӯби ҳамкорӣ бо САҲА, Шурои Аврупо ва Иттиҳодияи Аврупо ба имзо расидаанд.

Эъломияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак санади муҳим ва асосие ба ҳисоб меравад, ки он дар муқоиса бо дигар санадҳо дар сатҳи байналмилалӣ бештар пазируфта шудааст. То кунун 192 кишвари дунё ин санадро ҳамчун ҳуҷҷати калидӣ дар заминаи дифоъ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ба тасвиб расонидаанд. Дар 54 м. Конвенсия ҳуқуқҳои асосии кӯдакон инъикос ёфтаанд. Мутобиқи м. 1 он "Ҳар шахси ба синни ҳаждаҳ нарасида кӯдак шинохта мешавад".

Дар Эъломияи мазкур тамоми ҳуқуқҳои эҳтимолии кӯдаконро се ҳадафи аслӣ бо ҳам муттаҳид менамояд: 1) таъйиди ҳуқуқҳои кӯдакон, ки онҳо дар маҷмуъ дар чорчӯби қарордодҳои дигар оид ба ҳуқуқи инсон нисбат ба шахсони дигар пешбинӣ шудаанд; 2) муқаррар намудани бархе аз ҳуқуқҳои инсон, ки бинобар мақоми махсуси кӯдак кафолати махсуси ҳифзи онро медиҳанд (шароити меҳнат, маҳрум шудан аз озодӣ); 3) муқаррар намудани меъёрҳои вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳое, ки бевосита ба масъалаҳои вобаста ба фарзандхонӣ, дастрасӣ ба таълими ибтидоӣ, ҳимоя аз зӯроварӣ, бетаваҷҷуҳӣ нисбат ба кӯдак дар оила ва пардохти алимент (нафақа) дахл доранд[239].

Хартияи Африқо оид ба некуаҳволӣ ва ҳуқуқҳои ҳуқуқ аз санадҳои дигари муҳим аст, ки дорои аҳаммияти минтақавӣ мебошад. Дар ин санад ҳуқуқ ва озодиҳои бунёдии кӯдак инъикос ёфтаанд, ки метавон онҳоро ба ҳуқуқҳои умумӣ ва махсус, ки хоси категорияҳои ҷудогонаи кӯдакон мебошанд, тақсим намуд.

Конвенсияҳои Женева (1949) ва протоколҳои иловагӣ ба онҳоро (1977) метавон ба сарчашмаҳои ҳуқуқии байналмилалиияҷанбаи универсалидошта ворид намуд, ки ҳимояи махсуси ҳуқуқҳои кӯдакро пешбинӣ менамоянд. Ба

[239] Ниг.: Никонов К. Современные теоретические аспекты института международно-правовой защиты и поощрения прав ребенка // Московский журнал международного права. – 2009. – №1. – С. 95-96.

Эъломияи IV Женева оид ба ҳифзи аҳолии граждан дар замони ҷанг бояд таваҷҷуҳи хос дод. Дар ин санад моддаҳое зикр ёфтаанд, ки ба таври истисноӣ ба ҳуқуқҳои кӯдак бахшида шудаанд. Дар заминаи мазкур, Протоколи дуюми иловагии вобаста ба ҳимояи қурбониёни низоъҳои мусаллаҳонаи минтақавӣ (1977) аз аҳаммияти зиёде бархӯрдор аст ва ин бесабаб нест, зеро бо гузашти солҳоин навъ низоъҳо афзоиш ёфтаанд ва маҳз дар чунин муноқишаҳои мусаллаҳона теъдоди зиёди мардуми ғайринизомӣ, аз ҷумла, кӯдакону наврасон қурбонӣ мешаванд[240].

Зимни таснифи манбаъҳои байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, метавон ба санадҳои байналмилалӣ – ҳуқуқие ишора намуд, ки иқдомоти ҳифзи махсуси ҳуқуқҳои кӯдакро танзим менамоянд. Дар миёни онҳо ҳам санадҳои кафолатдиҳандаи ҳуқуқҳои кӯдак дар ҳолатҳои алоҳида вуҷуд доранд ва ҳам санадҳое дида мешаванд, ки робитаи мустақим бо ҳуқуқҳои кӯдак доранд. Аз он ҷо ки ҳамаи онҳо ҳуқуқҳои махсуси кӯдаконро кафолат медиҳанд, табиист, ки онҳоро аз рӯи ин аломат ҷудо намесозанд. Маҳз ба ҳамин хотир дар як категория муттаҳид кардани сарчашмаҳои мазкур аз рӯи характери ҳуқуқҳое, онҳо кафолат медиҳанд, салоҳ дониста намешавад. Аз миёни дигар санадҳои пешбиникунандаи ҳимояи махсус барои кӯдакон, бояд ба Эъломия дар бораи мақоми гурезагон (1951), ҳамчунин, Протоколи вобаста ба мақоми гурезагон (1969), ки маҳдудияти замонии Эъломияро бекор намуда, ба он характери универсалӣ бахшид, ишора намуд. Эъломияи байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони корӣ ва аъзои хонаводаҳои онҳо бар асоси принсипҳо ва стандартҳои СБМ барои гурӯҳи мушаххас ва дахллори мардум таҳия шудааст.

Эъломияи СБМ № 182 оид ба манъ ва рафъи шаклҳои вазнини меҳнати кӯдакон, санади байналмилалии ҳуқуқиест, ки он дар сатҳи созмони байналмилалӣ қабул шудааст. Эъломияи мазкур давлатҳоро муваззаф менамояд, ки барои манъ ва рафъи шаклҳои вазнини меҳнати кӯдакон

[240] Ниг.: Никонов К. Современные теоретические аспекты института международно-правовой защиты и поощрения прав ребенка // Московский журнал международного права. – 2009. – №1. – С. 97.

тадбирҳои фаврӣ ва муассир андешанд. Дар зимн, мафҳуми «кӯдак» дар ин санад нисбат ба тамоми шахсони то ҳаждаҳсола, яъне ба синни 18 нарасида ба кор бурда мешавад. Дар баробари ин, дар санади мавриди назар, пешбинӣ шудааст, ки дар ҳар сурат давлатҳо бояд амали онро нисбат ба ширкати кӯдакон дар амалиётҳои ҷангӣ ва даъвати низомии шахсони то 18-сола таъмин намоянд[241].

Гурӯҳ ё категорияи алоҳидаро дар таснифот санадҳое ташкил медиҳанд, ки онҳоро метавон ба гурӯҳи санадҳои ғайримеъёрии дорои хусусияти тавсиявӣ дохил намуд. Ин санадҳо дар институти ҳуқуқии байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак нақши муҳим мебозанд. Аз миёни санадҳои ғайримеъёрии дорои хусусияти тавсиявӣ, яъне санадҳои ҳуқуқи “нарм”, метавон ба санадҳои қабулнамудаи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, аз ҷумла қатъномаҳо ва гузоришҳои Маҷмааи умумии СММ, гузоришҳои Дабири кулли СММ, гузоришҳои Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва гузоришҳои Шурои Амният ишора намуд. Аз он ҷо ки дар ин таҳлил мавзуи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба унвони институти ҷудогонаи ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дорад, метавон принсипҳои соҳавии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар заминаи ҳуқуқи байналмилалиро низ ба шумори сарчашмаҳо ворид намуд. Ба ин принсипҳои универсалӣ будан, набуди табъиз, ҷудонопазирии вобастагии мутақобил ва робитаи бо ҳам мутақобили ҳуқуқи инсон дохил мегардад.

Бо мавриди таҳлил қарор додани нукоти зикршуда метавон таснифи сарчашмаҳои танзимкунандаи падидаи ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдакро мушаххас намуд:

– императивӣ ва ҳатмӣ будани риояи ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқи байнамилалӣ.

[241]Ниг.: Никонов К. Современные теоретические аспекты института международно – правовой защиты и поощрения прав ребенка // Московский журнал международного права. – 2009. – №1. – С. 98.

– хусусияти универсалӣ ва минтақавӣ доштани санадҳои фаъолиятҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон дар пасманзари глобалӣ.

– кафолатҳои универсалӣ ва минтақавии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ки дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

– инъикоси ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ.

– ҳуҷҷатҳои дорои шакли тавсиявӣ.

– асосҳои байналмилалии ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ки дорои аҳаммияти соҳавӣ мебошанд.

Мутаносибан аз таснифи пешниҳодшуда ба ин сурат метавон натиҷагирӣ намуд, ки ҳифзи байналмилалии ҳуқуқҳои кӯдак ҳамчун падидаи комилан мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ ташаккул ёфтааст.

Қариб дар тамоми давлатҳои ҷаҳон, кӯдакону наврасон аз мақому ҷойгоҳи афзалиятнок бархӯрдор мебошанд. ҶТ низ дар ин миён истисно нест, зеро ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон аз самтҳои авлавиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон дар арсаи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Кӯдакон ба гурӯҳи шахсоне дохил мешаванд, ки бештар аз дигарон дар қатори шахсони маъюб, солхӯрда, занони ҳомила ва афроди дорои ихтилофоти равонӣ мавриди табъизу зӯроварӣ қарор мегиранд ва ба ин далел ба ҳимоя ва ғамхории махсус ниёз доранд.

Бинобар доштани хусусиятҳои махсуси синнусолӣ, онҳо наметавонанд монанди шахсони калонсол мустақилона аз ҳуқуқҳои худ дифоъ намоянд. Ба ин хотир, дар Тоҷикистон, воситаҳои мухталифи ҳуқуқӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон таҳия ва мавриди амал қарор доранд. Вазифаҳои аз лиҳози стратегӣ муҳимми ҶТ дар заминаи такмилу беҳбуди ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон иборатанд аз:

– таъмини дастрасии бидуни монеаи кӯдакон ба низоми таълиму тарбия ва тандурустӣ, рушди шаклҳои мухталифи кумакҳои моддии оилаҳои

дорои фарзанд дар чаҳорчӯби захираҳои мавҷуд, ҳифзи ҳаддиаксари кафолатҳои асосии ҳаёту фаъолият ва коҳиши назарраси онҳо;

– таваҷҷуҳ ва ғамхории афзалиятнок нисбат ба мушкилоти кӯдаконе, ки дар шароити вазнини меҳнатӣ қарор доранд: кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим, афзоиши шаклҳои ироаи кумак ба ин даста аз кӯдакон бар асоси низоми навини башардӯстонаи Тоҷикистон, ки ҳадафи он таъмини ҳамгироии бештар кӯдакон дар оила мебошад;

– эҷоди механизмҳои профилактикӣ ва тавонбахшии иҷтимоии кӯдакон дар сурати ба миён омадани хатарҳои нави вобаста ба бесарпарастии кӯдакон, афзоиши хушунат нисбат ба онҳо, афзоиши нашъамандӣ ва ҷиноятқорӣ, муҳоҷирати иҷборӣ;

– таъмини ҳуқуқҳои кӯдак дар сатҳи қонунгузорӣ, эҷоди механизмҳои идорӣ, созмондиҳӣ ва иқтисодии таъмини ҳуқуқҳои кӯдакон, омодасозии кадрҳои лозим.

Давлатҳое, ки санадҳои байналмилалиро дар бахши эътироф, ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба имзо расонидаанд, муваззаф ба таъмин ва риояи ҳуқуқҳои кӯдак мебошанд. ҶТ дар қатори аввалин давлатҳо соли 1993 Конвенсияи ҳуқуқҳои кӯдакро ба тасвиб расонид.

Дар марҳалаи кунунии эъмори давлатдории мустақили тоҷикон, дар ҶТҳуқуқҳои кӯдак тавассути Конституцсияи ҶТ, Кодексҳои оила, меҳнат, ҷиноятӣ, граждании Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”, “Дар бораи маълумоти иловагӣ”, “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ҳифз ва ҳимоя мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 22 июли соли 2013 №1004[242] низ дар танзими масоили вобаста ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак нақши муҳим мебозад. Вале, дар баробари ин, бояд қайд намоем, ки қонуни мазкур камбудиҳои муайяни худро низ дорад. Барои

[242]Ниг.: Ахбори МаҷлисиОлии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 7, мод. 532; с. 2014, № 3, мод. 156, № 7, s. 2, мод. 422; с. 2016, № 3, мод. 1148, № 7, мод. 624; с. 2017, № 7 - 9, мод. 581.

мисол, дар сатҳи қонунгузорӣ ҷазоҳои ҷисмонӣ манъ нашудаанд, ҳарчанд чунин намуди ҷазо дар ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун бахше аз манъи истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои бархӯрдҳои бераҳмонаи ғайриинсонӣ муайян шудааст. Ба далели он ки дар қонунгузории Тоҷикистон ҷазоҳои танбеҳӣ манъ нашудаанд, чунин ҷазо дар муассисаҳои махсуси пӯшидаи бачагона ба сифати яке аз намудҳои ҷазо тавассути раҳбарияти муассисаҳои мазкур иҷозат дода шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” дар моддаи 17 ҳуқуқҳои кӯдакро ба таҳсил муқаррар намудааст. Бояд зикр кард, ки ин ҳуқуқи конституцсионии ҳар як кӯдак ба шумор меравад, зеро сарчашмаи худро аз моддаи 41 Конституцсияи ҶТ мегирад. Аммо дар худи ҳамин моддаи 17 қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст, ки кӯдак аз муассисаи таълимии давлатӣ то гирифтани таҳсилоти умумии миёна ё ибтидоии касбӣ танҳо бо розигии мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак бо риояи тартиби умумӣ хориҷ карда мешавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” барои такроран содир намудани амалҳои зиддиқонунӣ ва вайрон намудани муқаррароти оинномаи муассисаи таълимӣ хориҷ кардани хонандаи ба синни 15 расидаро иҷозат медиҳад. Вале дар қонун муайян нашудааст, ки хориҷ кардани хонанда пас аз чанд бор такрор намудани амали ғайриқонунӣ имконпазир мебошад.

Дар муқаррароти муассисаҳои таълимии умумӣ низ хориҷ кардани хонанда аз муассиса ҳамчун ҷазои ягона “барои надоштани хоҳиши таҳсил, такроран вайрон намудани тартибот ва низоми фаъолияти коллектив, роҳ додан ба рафторҳои номуносиб ва расонидани зиёни моддӣ ба муаассиса” пешбинӣ шудааст.

Механизми ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак бо ду сабаб дар Тоҷикистон ба андозаи кофӣ ба таври муассир амал намекунад. Сабаби аввал дар он зоҳир мегардад, ки дар соҳаҳои мухталифи қонунгузорӣ (конституцсионӣ, граждани, оила, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва ғайра) санадҳои меъёрии зиёде вуҷуд

дорад, ки аз ҳар ҷиҳат ба мавзуи танзими ҳуқуқҳои кӯдак робита доранд, вале дар ин миён робитаи байнисоҳавӣ ва байнипредметӣ ба андозаи лозим инкишоф наёфта, заиф ба назар мерасад. Чунин вазъ ба такмили раванди танзими ҳуқуқӣ, рафъи нуқсон ва номувофиқатиҳои мавҷуд дар ин самт мусоидат наменамояд. Сабаби дуюм ин аст, ки дар миёни мақомоти давлатӣ дар ин замина, ҳамкории муштарак ва ҳамоҳангии лозим вуҷуд надорад. Масоили мавҷуд бояд ба таври муштарак тавассути мақомоти шуғли аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти идоракунии маориф ва тандурустӣ, мақомоти дахлдори корҳои дохилӣ ва ғайра ҳаллу фасл гарданд. Дар Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир зарурати қабули санади ягонаи меъёрӣ – ҳуқуқӣ дар ин самт ба миён омадааст. Чунин санад метавонад механизми дақиқи татбиқ ва амалисозии ҳуқуқу озодиҳои конституцсиони кӯдакро фароҳам созад. Вуҷуди ихтилофу номутобиқатӣ миёни санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуд, риояи нопурраи муқаррароти ҳуқуқӣ, камбудиву нуқсонҳои мавҷуд дар низоми қонунгузорӣ, систематикунонии ғайриқаноатбахши қонунгузорӣ ва ҳамчунин, маърифату огоҳии нокофии ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ, муассирияти пешбурди сиёсати феълии ҳуқуқиро зери суол қарор медиҳад.

Дар марҳалаи кунунӣ, бо мақсади таъмини самаранокии танзими ҳуқуқӣ ва сифати баланди қонунҳо, тарҳи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2028 таҳия шудааст, ки ҳадафи он тақвияти минбаъдаи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини асосҳои ҳуқуқии фаъолиятҳои иҷтимоӣ, волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва ғайра ба ҳисоб меравад[243]. Вале, мутаассифона, дар тарҳи мазкур ҷойгоҳ ва нақши ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак муайян ва таъкид нашудааст. Зимни натиҷагирӣ бояд ба ин нукта таъкид шавад, ки мутобиқи боби дуюми Қонуни асосии ҶТ, ҳуқуқҳои кӯдак дар ҶТ бо ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд яксон шуморида мешаванд, ҳарчанд аз лиҳози сиёсӣ, моддӣ ва мурофиавӣ кӯдак

[243]Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо Фармони Президенти ҶумҳуриитТоҷикистоназ 6 феврали соли 2018 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.04.2020).

субъекти махсус ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷиҳат, таъин ва танзими ҳуқуқҳои кӯдак истифодаи механизми махсуси ҳуқуқиро тақозо менамояд. Дар қ. 1 ва 2, м. 34 Конституцсияи ҶТ фақат ба таври умумӣ сухан меравад. Аз ин рӯ, ошкоро зарурати он вуҷуд дорад, ки вазъи махсуси кӯдак дар сатҳи Конституцсияи ҶТ пешбинӣ гардад. Илова бар ин,ҷанбаи муҳимми таҳқиқи анҷомшуда аз омӯзишу таҳлили мавзуи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар қонунгузорӣ иборат мебошад.

Таҳқиқи анҷомшуда собит намуд, ки асоси қонунгузории ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак бояд такмилу мушаххас гардад. Усулан, қонунгузории мавҷуд, ки бар асоси воқеиятҳои муосир ва рӯзмарра ташаккул меёбад, ҷанбаи декларативӣ дорад. Ба ин хотир, аввалан базаи меъёрии мавҷуд бояд ба таври мӯшикофона ва дақиқ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Дар марҳилаи дуюм, бояд самтҳо ва роҳҳои инкишофи минбаъдаи базаи меъёрӣ – ҳуқуқии мавҷуд муайян карда шавад. Нуктаи сеюм ба ин мавзуъ бармегардад, ки бояд қонунҳо ва муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуд бо Конституцсияи ҶТ ва меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шаванд.

2.3. Механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кӯдакон ҳамчун қисми таркибии ҷомеа ба ҳимояву пуштибонии махсуси давлат ниёз доранд. Барои татбиқи меъёр ва принсипҳои муқарраршуда дар соҳаи ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон ва шахсони ноболиғ бояд механизми муассири таъмини риояи ҳуқуқҳои кӯдак вуҷуд дошта бошад.

Кафили бевоситаи ҳифз ва татбиқи меъёрҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак мақомоти вакалотдори давлат ба ҳисоб меравад. Дар Конвенсияи соли 1989[244] СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак муқаррароте пешбинӣ шудааст, ки он

[244] Ниг.: Международные акты о правах человека. Сборник документов. – М., 2000. – С. 306-323.

давлатҳои узви ин санади муҳимро ба эҷоди механизми муассири таъмини ҳуқуқҳои кӯдак уҳдадор мекунад. Аз ҷумла, дар қ. 2, м. 2 омадааст: “Давлатҳои аъзои Конвенсия барои таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз тамоми шаклҳои табъиз ё ҷазо бар асоси мақом, фаъолият, баёну эътиқод, падару модар ва парасторони қонунии кӯдак ва дигар аъзои оила” чораҳои лозимро қабул менамоянд.

Принсипҳои амали механизми таъмини ҳуқуқҳои кӯдак дар м. 3 Конвенсия муайян шудаанд: “Дар тамоми фаъолият ва амалҳо нисбат ба кӯдакон, ки аз сӯйи муассисаҳои давлатӣ ва хусусии машғул ба масъалаҳои таъмини иҷтимоии кӯдакон, мақомоти судӣ, идорӣ ва қонунгузорӣ анҷом дода мешаванд, таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба масъалаи таъмини пурраи манфиатҳои кӯдакон дода мешавад” (қ. 1 м. 3). “Давлатҳои аъзои Конвенсия бо таваҷҷуҳ ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар, парасторон ва дигар шахсони масъули қонунии нигоҳубини кӯдак уҳдадоранд барои таъмин ва риояи ҳуқуқҳои кӯдак ғамхорӣ зоҳир намоянд ва бо ин мақсад тамоми чораҳои дахлдори идорӣ ва қонунгузориро андешанд” (қ. 2. м. 3).

“Давлатҳои аъзои Конвенсия уҳдадоранд фаъолияти муассисаҳо, хадамот ва мақомотеро, ки масъули нигоҳубин ва ҳимояи кӯдакон мебошанд, тавре таъмин намоянд, ки он ба меъёрҳои муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор, аз ҷумла аз ҷиҳати бехатарӣ, солимӣ, миқдор, коршоямии кадрҳо ва назорати лозим” ҷавобгӯ бошад (қ. 3. м. 3). Ҳамчунин, давлатҳои аъзои Конвенсия уҳдадоранд бо истифода аз воситаҳои муассир шахсони калонсол ва кӯдаконро ба таври васеъ бо принсип ва муқаррароти Конвенсия ошно созанд (м. 42).

Нуқтаи муҳим дар ин робита дар банди зерини Конвенсия таъкид шудааст: “Давлатҳои аъзои Конвенсия барои татбиқи ҳуқуқҳои кӯдак тамоми иқдомоти лозим ва дахлдори вобаста ба қонунгузорӣ, идорӣ ва ғайраро, ки дар санади мазкур эътироф шудаанд, амалӣ месозанд. Дар робита ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ давлатҳои аъзои

Конвенсия бо назар гирифтани имконоти дар ихтиёрдошта ва дар сурати лозим, дар чаҳорчӯби ҳамкории байналмилалӣ чораҳои лозимро амалӣ месозанд” (м. 4). Мақсад аз он маҷмуи васеи воситаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ шароит ва равишҳоест, ки дар маҷмуъ онро механизми ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак меноманд. Худи маънии калимаи “механизм” – “низом” ва ё дастгоҳест, ки тартиб ва низоми фаъолияти мушаххасеро муайян менамояд.[245]

Ёдовар бояд шуд, ки зери мафҳуми механизми ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак низоми воситаҳои таъсиргузори муштараки иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дарназар аст, ки барои таъмини татбиқи ҳуқуқҳои кӯдак ба кор бурда мешавад. Ин ҷо ҳадаф сухан гуфтан дар бораи воситаҳои муштараки иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак мебошад. Маҷмуи чораҳои иқтисодӣ, созмондиҳӣ ва ҳуқуқие, ки тавассути давлат ба мақсади рафъи мушкилоти иҷтимоӣ кафолат дода шудаанд, ҳифзи иҷтимоиро ташкил медиҳад. Мафҳуми “ҳифзи иҷтимоӣ” нисбат ба мафҳуми “ҳифзи ҳуқуқӣ” маънои васеътарро ифода менамояд, чун ҳифзи ҳуқуқӣҷузъи категорияи ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Зеро “воситаҳои ҳуқуқӣ” ҷузъи системаи иҷтимоии танзим ва таъсиррасонӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар робита ба масоили ҳифз ва ҳимояи шахсият маҳсуб мешаванд.[246] Мафҳуми ҳифзи ҳуқуқиро метавон ҳамчун ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ бо истифода аз воситаҳои юридикӣ маънидод намуд. Ба ақидаи Р.В. Морозов, унсурҳои умумиюридикии механизми танзими ҳуқуқӣ хусусиятҳои механизми ҳифзи ҳуқуқии шахсони ноболиғро ташкил медиҳанд: “Механизми ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон аз унсурҳои таркибии зерин: меъёрҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои индивидуалӣ, огоҳӣ ва маърифати ҳуқуқӣ иборат мебошад”[247].

---

[245]Ниг.: Немытина М.В. Защита прав несовершеннолетних в России: системный подход// Правовая политика и правовая жизнь. – 2004. – № 2. – С. 45.
[246]Ниг.: Морозова Р.В. Правовые и организационные основы защиты прав несовершеннолетних в деятельности милиции общественной безопасности: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 34.
[247]Ниг.: Садовникова М.Н. Механизм защиты прав несовершеннолетних // Правовое образование: организация внеурочной работы. Региональный опыт. – М., 2002. – С. 133.

Низоми механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакро ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудан мумкин аст:

а) механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

б) механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак.

Таҳти мафҳуми механизми миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак роҳҳо ва муносибатҳое фаҳмида мешавад, ки дар қонунгузории миллӣ муқаррар ва сирф барои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак равона шудаанд. Танҳо дар сурати таҳияи механизмҳои пешқадам, самаранок ва ташкили механизми ягонаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ки ҳамаи сохторҳои он якҷоя амал мекунанд, шароити мусбати риояи ҳуқуқҳои кӯдакро муқаррару таъмин намудан мумкин аст. Азбаски механизми миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар санадҳои меъёрии миллӣ (Конституцсия ва қонунҳои ҶТ) ифода ёфтааст, онҳоро механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак мегӯянд.

Механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, дар навбати худ, аз унсурҳо иборат аст. Мақомот, ташкилот ва шахсони мансабдори онҳо ба сифати субъектони амалисозандаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба шумор мераванд. Вобаста ба самти фаъолият, муносибат бо рукнҳои ҳокимият ва нақши доштаашон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакро ба 3 унсури асосӣ ҷудо менамоянд:

1. Ҳифзи судии ҳуқуқҳои кӯдак;
2. Ҳифзи ғайрисуди (маъмурӣ)-и ҳуқуқҳои кӯдак;
3. Ҳифзи ғайриҳукуматии ҳуқуқҳои кӯдак.

Ин се унсури миллии механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ки дар боло зикр намудем, ҳарчанд умумиятҳои зиёд доранд, аммо бо мундариҷа, принсипҳои ташкилшавӣ ва методҳои таъсиррасонӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Таъиноти асосии механизми ҳифзи судии ҳуқуқҳои кӯдак дар амалисозии адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ифода меёбад. Адолати судӣ мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи қонун сурат мегирад, ки

мурофиа ном дорад. Пеш аз ҳама, мавриди зикр аст, ки адолати судӣ аз ҷониби судҳо тавассути мурофиаи ҷиноятӣ, граждани, маъмурӣ ва конституцион амалӣ мегардад. Навъҳои ин мурофиаҳо бо кодексҳо ва қонунҳои алоҳида, масалан, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ (минбаъд КМҶ) (03.12.2009), Кодекси мурофиавии граждани (минбаъд КМГ) (05.01.2008), Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (31.12.2008), Қонуни конституцион Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" (26.07.2014) танзими худро ёфтааст.

Унсури судии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар асоси принсипи маъмули адолати судӣ амалӣ мегардад. Ба ин принсипҳо ҷиҳатҳои демократӣ ва инсондустӣ хос буда ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак мусоидат менамоянд. Принсипи демократии адолати судӣ ба ҳар касе, ки ҳуқуқҳояшро вайронгардида меҳисобад, имконият медиҳад, то дар мурофиаи ошкоро ва баробари судӣ бо овардани далелҳо мавқеи худро ҳимоя намояд ва ҳақ будани худро исбот намояд. Дар навбати худ суд адолати судиро дар арзёбии беғарази дархостҳо ва пешниҳодот амалӣ гардонида, бар асоси муътақидии ботинии худ бо назардошти донишҳои ҳуқуқӣ қарор қабул менамояд.

Мисоли гуфтаҳои болоро дар якчанд моддаҳои КО ҶТ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак дидан мумкин аст. Масалан, мутобиқи қ. 2 м. 68 КО ҶТ, агар суд муқаррар намояд, ки на падару модар ва на шахсоне, ки кӯдак дар наздашон мебошад, ба тарбияи сазовори ӯ қодир нестанд, он гоҳ суд кӯдакро барои бо таълиму тарбия фаро гирифтан ба мақомоти васоят ва парастории медиҳад. Инчунин, бо ҳамин мақсадбарои ҳифзи ҳуқуқҳои алиментии кӯдак қ.1 м. 96 КО ҶТ муқаррар менамояд, ки набераҳои ноболиғи муҳтоҷи ёрӣ дар сурати аз падару модари худ гирифта натавонистани таъминот ҳуқуқ доранд ба тартиби судӣ аз бобою бибии (модаркалони) худ, ки дорои маблағи зарурӣ мебошанд, алимент гиранд.

Дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба муошират бо волидон қ. 4 м. 155 КО ҶТ муқаррар менамояд, ки васӣ ва парастор ҳуқуқ надоранд, ки барои

муошираты кӯдаки таҳти васоят ва парасториашон қарордошта бо падару модару хешовандони дигараш, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин муошират ба манфиати кӯдак нест, монеъ шаванд[248]. Аммо агар онҳо ба муошираты кӯдак монеъ шаванд, кӯдак ва ашхоси манфиатдор метавонанд ба суд мурочиат намоянд. Ба ин монанд боз якчанд моддаҳое ҳастанд, ки ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакро бо роҳи судӣ муайян менамоянд.

Дар низоми механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ба ғайр аз ҳифзи судии ҳуқуқҳои кӯдак, инчунин, ҳифзи ғайрисудии ҳуқуқҳои кӯдак низ ҷой дорад. Нақши онҳоро дар мавриди ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак Конституцсия ва қонунҳои миллӣ муайян менамояд.

Мутобиқи Конституцсияи ҶТ, мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо вазифадоранд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро на танҳо эътироф ва риоя, балки ҳифз намоянд. Яъне, Конституцсияи ҶТ ҳуқуқу озодиҳои инсонро муқаррар намуда, мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдорро барои эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла кӯдакон водор месозад. Дар ин маврид мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба ин кор бештар ҷалб мегарданд. Ба сифати чунин мақомот ва шахсони мансабдор баромад мекунанд:

- Президенти Ҷумҳуриитоҷикистон ;
- Ҳукумати Ҷумҳуриитоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конституцсионӣ, ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният;
- Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунияти конституцсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон;

[248] Ниг.: Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 13 ноябрисоли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 19.04.2020).

- Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷрояи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Шуъбаи кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои алоҳидаи он дар шаҳру ноҳияҳо;
- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои дахлдори он;
- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон;
- Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои кӯдак.
- Мақомоти васоят ва парасторӣ.

Дар асоси Конституцсияи ҶТ Президент ҳомии Конституцсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад (м. 64).

Президенти ҶТ дар асоси ин модда ҳифзи Конституцсия ва қонунҳоро кафолат медиҳад. Президент шахсе мебошад, ки соҳиби ҳокимияти ҳифзкунандаи муқаррароти Конституцсия ва қонунҳоест, ки дар онҳо ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон таҳким бахшида шудааст. Ин вазифаро Президент бо роҳу воситаҳои гуногун амалӣ менамояд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки Президент ҳомии ҳуқуқҳои кӯдак аст.

Механизми дигари миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳанӯз аз соли 2001 дар сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак таъсис дода шуд.

Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдаки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти доимоамалкунандаи байниидоравии машвараті мебошад. Комиссияи мазкур бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти идораҳои давлатӣ, бо фарогирии мақомоти маҳаллии ҳокимият баҳри татбиқи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, уҳдадориҳои

байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва дигар қарордодҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак бармеоянд, таъсис дода шудааст.Ҷ.Саъдизода қайд менамояд, ки Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, инчунин, Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак таъсис дода шудааст ва дар ҳамаи масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдак иштирок менамояд[249]. Метавон зикр кард, ки Комиссия бо арзёбии мутобиқати қонунгузории Тоҷикистон бо муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак машғул шуда, оид ба истифода ва такмили минбаъдаи меъёрҳои марбут ба ҳуқуқҳои кӯдакон маъруза ва тавсияҳо тайёр мекунад, ба паҳн кардани донишҳо дар бораи меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва ғайра кумак мерасонад. Ҳамчунин, таъмини тайёр кардани маърузаҳои миллии ҶТ ба Кумитаи оид ба ҳуқуқҳои кӯдаки СММ дар бораи рафти иҷрои Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак, яке аз вазифаҳои асосии Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдаки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дигар механизми ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ин ВКД ҶТ ба шумор меравад. Дар сохтори ин вазорат Хадамоти пешгирии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ миёни кӯдакон ва ҷавонон таъсис дода шудааст, ки дар ҳайати ҳамин хадамот Комиссия оид ба корҳои ноболиғон амал мекунад.

Комиссия оид ба корҳои ноболиғон ба сохтори мақомоти ҳокимияти иҷроия дохил шуда, дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо таъсис дода мешавад. Вазифаҳои асосии комиссияҳо оид ба корҳои ноболиғон ташкили кор баҳри пешгирии беназоратии кӯдакон, баррасии корҳо оид ба ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби ноболиғон ва амалисозии назорат ба шароити нигоҳдорӣ ва корҳои ислоҳотӣ бо ноболиғон дар муассисаҳои Вазорати корҳои дохилӣ ва муассисаҳои

[249]Ниг.: Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунё ддар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – С. 159-160.

махсуси тарбиявӣ барои кӯдакон мебошад. Ин мақомоти давлатӣ ҷиҳати татбиқ ва таъмини Конвенсияи ҳуқуқҳои кӯдак, КО ҶТ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак саъю талошҳо менамояд.

Дар ҷумҳурӣ таъмини беҳтарини манфиатҳои кӯдакону наврасон, фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи маънавию ҷисмонии онҳо, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ба шумор меравад. Бинобар ин, бо мақсади таъмини ҳамаҷонибаи эҳтиром, риоя, ҳифз ва пешрафти ҳуқуқу озодиҳои кӯдак бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуд. Мақсад аз таъсис додани чунин механизми миллии махсусгардонидашуда ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак мебошад.

Вобаста ба тасдиқи гуфтаҳои боло, қайд кардан ба маврид аст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон” аз 20.03.2008 таҳти № 372[250] пас аз пешниҳод намудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси таъсис додани Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, тағйирот ворид гардид. Аз ҷумла, дар ҳамин қонун аз санаи 15.03.2016 № 1281 боби алоҳида (боби 5^1) – муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шуд.

Дар моддаи 32^1 мақсад аз таъсиси чунин мақом дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, муовини ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикисон бо мақсади таъмини эътироф, ҳифз, риоя ва пешрафти ҳуқуқу озодиҳои кӯдак таъсис дода мешавад. Дар асоси қонуни мазкур Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак бо пешниҳоди Президенти

[250]Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №3, мод. 191; с. 2011, №6, мод. 453; с. 2012, №4, мод. 261; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 398; с. 2016, №3, мод. 134; (ҚонуниҶТаз 30.05.2017 с., №1424).

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонуни мазкур аз вазифа озод карда мешавад.

Аз ҳама нуқтаи муҳим он аст, ки дар моддаи 32[4] ба вазифа шуруъ намудани Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак муқаррар гардидааст. Мутобиқи қ. 1 ин модда пешбинӣ шудааст, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак пас аз таъин шудан ба вазифа дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд мекунад, ки мазмунаш чунин аст: “Савганд ёд мекунам, ки ҳуқуқу озодиҳои кӯдакро ҳимоя намуда, уҳдадориҳои ба ман ҳамчун Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак вогузоршударо дар асоси Конституцсия ва қонунҳои ҶТ бовиҷдонона ва содиқона иҷро менамоям”.

Аз мазмуни савганд дарк намудан мумкин аст, ки мақсади Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак сирф ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак аст, ки дар Конституцсия ва қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ пешбинӣ гардидааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, бо назардошти принсипи таъмини беҳтарини манфиатҳои кӯдак, ба масъалаҳои риоя ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдакон, такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла кӯдакон оид ба ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон, мусоидат ба ҳамкории мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти мазкур, амалӣ гардонидани муқаррароти Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак мусоидат мекунад.

Дар қатори механизмҳои миллии ҳифзи ҳукуқҳои кӯдак мақомоти васояту парастории мавқеи худро дорад. Васояту парастории дар шароити имрӯза як навъи паҳнгардидаи тарбияи кӯдакони бе парастории падару модармонда ба шумор меравад, ки хислати байнисоҳавӣ дошта, бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ, гражданӣ ва маъмурӣ ба танзим дароварда мешавад ва

ҳадафи асосии онро ба тарбияи оилавӣ фаро гирифтани кӯдакон ташкил медиҳад[251].

Дар рафти фаъолияти худ мақомоти васояту парастории муқаррароти Конституцияи ҶТ, қонунгузории граждани ва оилавӣ, қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ, Низомномаи мақомоти васоят ва парастории ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, тибқи онҳо амал менамояд. Ҳамзамон, дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти васоят ва парастории тавсияҳои дастурӣ оид ба масъалаҳои васоят ва парастории, санадҳои дигари идоравӣ мавқеи муҳим доранд.

Аз рӯйи муқаррароти моддаҳои 32, 33 ва 34 КГҶТ ва моддаҳои 122 ва 147 КО ҶТ васояту парастории барои кӯдакони ноболиғе, ки бе парастории падару модар мондаанд, сирф аз барои таъминот, таълиму тарбия, инчунин, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо муқаррар карда мешавад. Бояд қайд кард, ки васоят нисбати кӯдакони то синни 14-сола ва парастории бошад нисбати кӯдакони аз 14 то 18-сола муқаррар карда мешавад.Вобаста ба фаъолияти мақомоти васоят ва парстории дар ҶТ дар асоси м. 149 КО ҶТ – Низомномаи мақомоти васояту парастории бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.01.2017 №30 қабул гардидааст.

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, нисбат ба онҳо васоят ва парастории дар чунин ҳолатҳо таъйин шуданаш мумкин аст:

– вафоти падар ва модари кӯдак;

– аз ҳуқуқи падару модар маҳрум кардани онҳо;

– маҳдуд кардани ҳуқуқи падару модарӣ;

– ғайриқобили амал донистани падару модар;

– беморӣ ва муддати тулонӣҳозир набудани падару модар;

– саркашии падару модар аз тарбияи фарзанд ва ё ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо;

[251]Ниг.: Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – С. 409.

– аз ҷониби падару модар рад кардани гирифтани кӯдакони худ аз муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муассисаҳои ба ин монанд;

– ҳолатҳои набудани парастории падару модар.

Мақомоти васояту парасторӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ба зиммаи худ чунин вазифаҳоро дорад:

– кӯдаконеро, ки бе парастории падару модар мондаанд, ошкор менамоянд;

– баҳисобгирии кӯдаконеро, ки бе парастории падару модар мондаанд, анҷом медиҳанд;

– бо назардоштиҳолатҳои мушаххаси маҳрум шудан аз парастории падару модар, шакли ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар мондаро интихоб менамоянд;

– ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсонеро, ки нисбат ба онҳо васоят ва парасторӣ муқаррар карда шудааст ё ба он эҳтиёҷ доранд, ҳимоя мекунанд.

– назорати минбаъдаи шароити таъминот, тарбия ва таълими кӯдаконеро, ки бе парастории падару модар мондаанд, амалӣ менамоянд;

– назорати фаъолияти васиён ва парасторонро ба амал мебароранд;

– нигоҳдорӣ ва идораи молу мулки шахсонеро, ки таҳти васоят ё парасторӣ қарор доранд, назорат мекунанд;

– дигар вазифаҳое, ки қонунгузории ҶТпешбинӣ кардааст, иҷро мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки мақомоти васоят ва парасторӣ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо дар амалигардонии васоят ва парасторӣ мусоидат менамоянд.

Вазифа ва функсияҳо оид ба васоят ва парасторӣ нисбат ба кӯдакон аз ҷониби комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатӣ (комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак), тибқи қонунгузории ҶТ, амалӣ карда мешаванд. Мақомоти васоят ва парасторӣ аз ҷумлаи сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, фаъолияти худро дар асоси КО ҶТ ва КГ ҶТ, ҳамчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

Дар Низомномаи мазкур тамоми ҷанбаҳо вобаста ба масъалаи васоят ва парсторӣ дар 7 қисм ва 93 банд пурра инъикоси худро ёфтааст. Аммо ин натиҷаи ниҳоӣ нест. Метавон гуфт, ки шояд масъалаҳое низ бошанд ё пайдо шаванд, ки дар низомнома ҳаллу фасл нагардида бошад. Ба ҳар ҳол айни замон он санаде мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро то як андоза дар ин самт ба танзим медарорад.

Яке аз унсурҳои механизми миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ин ҳифзи ғайриҳукуматии ҳуқуқҳои кӯдак мебошад. Механизмҳои ғайриҳукуматии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак тавассути созмонҳои ғайриҳукуматӣ амалӣ гардонида мешавад. Давлат барои ҳал намудани мушкилоти ҷомеа ҳукумат ва дигар сохторҳоро ташкил намудааст. Аммо ҳолатҳое низ ҳастанд, ки созмонҳо дар баробари ҳукумат масъалаҳои ҷамъиятиро ба манфиати он амалӣ менамоянд. Ин созмонҳо ба таври ихтиёрӣ таъсис дода шуда, ташкилоти ғайритиҷоратии пайрави арзишҳои умумибашарӣ мебошанд.

Баъзе аз ин созмонҳои ғайриҳукуматӣ мониторинги иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии базиммагирифтаи ҳукуматро амалӣ менамоянд. Дар робита ба ин боз созмонҳои ғайриҳукуматие ҳастанд, ки ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи инсонро мақсади худ қарор додаанд. Ин гуна созмонҳо дар ҶТ бисёр мебошад, аз ҷумла – "Бюрои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният", "Ҷавонон ва тамаддун", "Маркази таҳлилии машвараті оид ба ҳуқуқи инсон", "Маркази рушди ҳуқуқи инсон ва ҷомеа".

Созмонҳои ғайриҳукуматӣ низ дар таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак метавонанд саҳмгузор бошанд. Масалан, дар ҶТ Иттиҳоди миллии

“Маъюбони Тоҷикистон” фаъолият менамояд, ки натанҳо маъюбони калонсол, балки ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакони маъюбро низ дар қаламрави кишвар ҳимоя менамояд.

Имрӯз дар ҶТ механизми ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз системаи чандгонае иборат аст, ки дар сурати истифодаи муштараки оптималии он ҳуқуқу озодиҳои кӯдак ба таври пурра таъмин мегардад.

Дар ҷараён ва ҳангоми ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, тамоми воситаҳои ташкилдиҳандаи механзими таъминкунандаи танзими муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба шахсони ноболиғ бояд ба кор бурда шавад. Таъмини ҳуқуқҳоикӯдак ва таркиби он бегумон дорои ҷанбаи комплексӣ мебошад. Лозим аст, то асосҳои ташкили чунин механизм мавриди баррасӣ қарор гирад. Фаъолияти давлат бидуни поя ва асоси иқтисодӣ, ки низоми муносибатҳои иқтисодӣ (истеҳсолӣ) ва шаклҳои моликияти мавҷуд дар онро дар бар мегирад, имконнопазир аст. Аз бисёр ҷиҳат, таҳкурсии он ба пойдор ва асосҳои моливу иқтисодии мавҷуди давлатӣ вобаста мебошад[252].

Функсия ва рисолати иқтисодии давлат дорои ҷанбаи зиддибуҳронӣ буда, ҳадафи он эҷоди иқтисоди бозаргонии иҷтимоии меҳвар бо назардошти манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва масрафкунандагон ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон бо ин, давлат иҷрои вазифаи иҷтимоии таҳияи қонунгузорӣ оид ба нафақа, муқаррар намудани кумакпулӣ барои афроди бекор, таъини маоши ҳадди ақал ва дигар чораҳои дахлдори иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои осебпазири ҷомеаро ба уҳда мегирад. Ҳадафи аслии пешбинии функсияи иҷтимоӣ, рафъ ва коҳиши ташаннуҷи эҳтимолии иҷтимоӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, аз байн бурдани фосилаҳои мавҷуд миёни вазъи иҷтимоии шахс, инкишофи тандурустӣ, таҳсил ва фарҳанг ҳадафҳои дигари функсияи иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳадафи асосии сиёсати иҷтимоии давлат дар ин самт, ба фароҳам овардани зиндагии муносиб барои инсон, инкишофи озодонаи шахсият,

---

[252]Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. проф. В.М. Корельского и проф. В.Д. Перевалова. – М. Издательство: НОРМА, 2000. – С. 123-124.

ҳифзи оила, адолат ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон инъикос меёбад[253]. Илова ба ин, тавре Ф.М. Раянов қайд менамояд, бо роҳи таъмини ҳамкории муштарак байни давлат ва иқтисод тавассути "ҷомеаи шаҳрвандӣ" метавон ин ҳамкории мутақобиларо ба таври дуруст танзим намуд[254]. Дар шароити муосир зарурати кумак ва пуштибонии доимии давлат аз инкишофи соҳаи тандурустӣ, таҳсили ройгон, ҳимояи оила ва модару кӯдак як амри табиӣ ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади идоракунӣ ва пешбурди фаъолиятҳои лозим дар соҳаҳои ёдшуда, давлат муассисаву мақомоти дахлдорро ташкил ва маблағгузорӣ менамояд. Бо ин тартиб унсури аввалини механизми ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак механизми иқтисодӣ маҳсуб мешавад. Механизми мазкур маблағгузории чорабиниҳо, пешниҳоди имтиёзҳои дахлдор ва таъмини базаи моддӣ – техникии мақомот ва муаассисоти масъули ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакро дар бар мегирад. Самаранок будани механизми иқтисодӣ аҳаммияти зиёд дорад. Аз ин ҷост, ки дар тавсияҳои ниҳоии Кумитаи дахлдори СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ба таври махсус таъкид шудааст, ки ҶТ бояд раванди қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқиеро, ки тавассути онҳо маблағгузории мақомоти дахлдор барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи модар ва кӯдак фароҳам мегардад, ба анҷом расонад. Механизми иқтисодӣ заминаи воқеӣ ва амалии дигар унсурҳоро фароҳам меоварад.

Ҳокимияти давлатӣ яке аз аломатҳои муҳим ва зарурии давлат ба ҳисоб меравад. Ҳокимияти давлатӣ бо таҷассум ёфтан дар фаъолияти муассисаҳо ва мақомоти давлатӣ зоҳир мегардад. Ба таври дигар, он ба қувваи воқеие табдил меёбад, ки ба давлат имкон медиҳад, то сиёсати худро амалӣ созад[255].

Бо дар ихтиёр доштани неруи воқеӣ, яъне механизми иҷроияи давлат ҳокимиятро амалӣ месозад. Механизми мавриди назар таҷассуми предметӣ

---

[253]Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. проф. В.М. Корельского и проф. В.Д. Перевалова. – М. Издательство НОРМА, 2000. – С. 152-153.
[254]Ниг.: Раянов Ф.М. Проблемы теории государства и права (Юриспруденции): учебный курс. – М.: Право и государство, 2003. – С. 202.
[255]Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. проф. В.М. Корельского и проф. В.Д. Перевалова. – М. Издательство: НОРМА, 2000. – С. 120.

ва сохтории давлат ба ҳисоб меравад ва ба ин тартиб, механизми давлат ҳамчун системаи иерархии пурраи мақомот ва муассисаҳои давлатӣ муайян мегардад, ки амалан ҳокимияти давлатӣ, вазифа ва функсияҳои давлатро татбиқ менамояд[256]. Бинобар ин, механизми ташкилӣ – идоракуниро унсури дигари механизми ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак бояд донист. Ин унсури механизм асосҳои ташкилӣ – ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатиро дар заминаи татбиқи сиёсат доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар бар мегирад.

Давлат ва ҳокимияти давлатӣ, бо танзими ҳуқуқӣ, ба он ҷанбаи легитимӣ ва қонунӣ мебахшад. Давлат ва ҳуқуқ аз ҳам ҷудонопазиранд ва робитаи байни онҳо комилан ошкор аст. Аз назари илми ҳуқуқшиносии муосир, соҳаҳои асосии таъсири давлат ба ҳуқуқ, коркарду таҳияи ҳуқуқ ва махсусан, татбиқу амалисозии ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд. Аслан, машғули таҳияву коркарди ҳуқуқ шудан вазифаи давлат нест, балки он аз лиҳози ҳуқуқӣ он чиро танзиму муқаррар менамояд, ки он дар ҷомеа ба шакли эҳтиёҷоти объективӣ, идеалҳои ҳуқуқӣ – ахлоқӣ ва дигар омилҳои муҳим ташаккул меёбад. Ба ин ё он шакл, давлат ба ҳуқуқ хусусияти муҳим, яъне шакли мушаххас ва ҳатмӣ будан медиҳад.

Нақши аз ин ҳам муҳимтари давлат дар татбиқ ба амалисозии ҳуқуқ дар амал зоҳир меёбад. Ҳуқуқ ҳамеша бо нуфуз ва қувваи воқеии давлат дар робита мебошад. Дар баробари ин, бояд таъкид шавад, ки давлат аз ҷониби худ бояд ҳамеша меъёр ва дастурҳои ҳуқуқиро риоя намояд. Дар кори таъмини татбиқи ҳуқуқ ва дастурҳои ҳуқуқӣ, дар баробари давлат, бояд шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ фаъолона ширкат кунанд.

Ҳуқуқ дар навбати худ, ба давлат ҷанбаи ҳуқуқӣ мебахшад, тамоми самтҳои асосии фаъолияти онро ба танзим медарорад, аз ин тариқ, ба давлат ва фаъолиятҳои он қонуният мебахшад, он тартиби ташаккули мақомоти давлатро муайян менамояд, ваколатҳои онҳоро мушаххас месозад, робитаи байни онҳоро танзим менамояд, фаъолияти давлатро тобеи режими муайяни

[256]Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. проф. В.М. Корельского и проф. В.Д. Перевалова. – М. Издательство НОРМА, 2000. – С. 157.

ҳуқуқӣ мегардонад, ҳудуди дахолати давлат ба кори ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳаёти шахсии шаҳрвандонро мушаххас месозад. Бо кумаки ҳуқуқ, намуд ва чораҳои маҷбуркунии давлатӣ муайян карда мешаванд, дар натиҷа ҷанбаи ҳуқуқӣ ва назоратшавандагӣ ба худ мегиранд[257].

Мақомоти қонунгузор ва судӣ дар ҷараёни робитаи мутақобил миёни давлат ва ҳуқуқ нақши муҳим мебозанд. Мақоми қонунгузорӣ – Парламент вазифаи қонунгузориро иҷро мекунад ва он ба меъёрҳои ҳуқуқ шакли моддӣ мебахшад. Мақомоти судӣ дар навбати худ, меъёрҳои ҳуқуқиро дар амалия татбиқ намуда, баҳсҳои дар робита ба истифодаи меъёрҳои қонунгузорӣ бударо ҳаллу фасл мекунанд.

Принсипҳои ҳуқуқ ва стандартҳои меъёри ҳуқуқи инсон имкони ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшударо тавассути мақомоти судӣ фароҳам месозанд[258]. Моддаҳои 5, 17, 19, 84 Конституцсияи ҶТ ҳадафи афзалиятноки конституцсионии адолати судиро, ки ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст, муқаррар намудааст. Ба ин тартиб, механизми ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак, ба таври куллӣ, танзими ҳуқуқӣ, ҳалли баҳсҳо ва таъини чораҳои дахлдорро дар сурати қонуншиканӣ дар бар мегирад.

Давлат зимни мувофиқ будан ба танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ҳуқуқ ва озодиҳои аслии инсон уҳдадориҳои муайянеро ба зиммаи худ мегирад. Ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқи кӯдак ҳадафи чунин уҳдадориҳо мебошанд ва тавассути давлат дар ҳаёт татбиқ мегарданд. Вале раванди татбиқ ва амалисозии уҳдадориҳои базиммагирифтаи давлат бояд аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ назорат шавад. Ин яке аз вижагиҳои усулӣ ва махсуси танзими байналмилалии ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад.

Раванди назорат ба самаранокии истифодаи меъёр ва принсипҳои ҳамоҳангшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳамчунин, риояи шартномаҳои байналмилалӣ тавассути давлатҳо таъсири зиёд мерасонад. Назорат вобаста

---

[257]Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. проф. В.М. Корельского и проф. В.Д. Перевалова. – М. Издательство НОРМА, 2000. – С. 131.
[258]Ниг.: Диноршоев А.М., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Права ребёнка: учебное пособие. – Душанбе, 2013. – С. 133.

ба хусусияти поймолшавии ҳуқуқи инсон метавонад шаклу намудҳои мухталиф дошта бошад. Шаклҳои назорат тавассути Оинномаи СММ, қарорҳои дахлдори СММ, муассисаҳои махсус ва санадҳои байналмилалии дорои ҷанбаи универсалӣ ва минтақавӣ муайян мегарданд.

Ҳадафи механизми назорат аз маҷбур кардани давлат ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ё ба кор бурдани санксия алайҳи он барои иҷро накардани ин уҳдадориҳояш иборат нест, балки ба хотири он аст, ки раванди иҷрои муқаррароти санадҳои байналмилалӣ тавассути давлат таъмин гардад. Яке аз вазифаҳои асосии мақомоти назорат мусоидат ба қабули қарорҳои дахлдор ва тавсияҳои лозим тавассути давлатҳо барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии онҳо мебошад.

Механизми назорат метавонад тавассути равишҳои мухталиф пешбинӣ шавад. Метавонад тавассути санади байналмилалӣ, ҳамон гунаки дар Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак (механизми конвенсионӣ) омадааст, пешбинӣ шавад; метавонад тавассути санади ҷудогонаи ҳуқуқи байналмилалӣ ё протоколи иловагӣ ба он (мақомоти байналмилалии судӣ) муқаррар гардад.

Дар ҳоли ҳозир мақомоти зерин дорои механизми назорат мебошанд: Маҷмааи умумии СММ, муассисаҳои махсуси СММ, Бунёди кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Идораи илм фарҳанги СММ (ЮНЕСКО), Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ва Созмони байналмилалии меҳнат, Кумитаи ҳуқуқи инсон, Кумитаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Кумитаи СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак.

Дар асоси он чи дар боло зикр шуд, метавон унсури охири механизми ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдакро мушаххас намуд. Механизми байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз механизми назорати байналмилалӣ тавассути мақомоти махсус барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои гирифтаи давлатҳо доир ба ҳуқуқҳои кӯдак иборат мебошад.

Тавре маълум аст, ҳангоми таъмини риояи ҳуқуқҳои кӯдак бояд гуногунии муносибатҳои ҷамъиятӣ, роҳу воситаҳои ҳамкории муштарак ва тартибу низоми онҳо дар сатҳи байнидавлатӣ ба назар гирифта шавад.

Ҳамин тавр, механизми ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак аз низоми воситаҳои ҳуқуқие иборат аст, ки тавассути онҳо ба таври муассир ба танзим даровардани муносибатҳо бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва рушди пойдори ҷомеа мутобиқи меъёрҳои қонунгузориҳои миллӣ ва байналмилалӣ сурат мегирад.

Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар чаҳорчӯби мавзуи ҳуқуқи инсон вижагиҳои худро дорад ва мутаносибан истифодаи ниҳод ва механизмҳои махсусро пешбинӣ мекунад. Ахиран мавридҳои зиёде ошкор шудаанд, ки тибқинишондодҳои чунин механизми ҳуқуқи инсон дар ҶТ фаъол нест. Ин дар ҳолест, ки ҳуқуқҳои кӯдакон дар муқоиса бо ҳуқуқҳои калонсолон бештар бо хатари риоя нашудан рӯ ба рӯ мегарданд. Зеро кӯдакон тавре маълум аст, наметавонанд аз ҳуқуқҳои худ мустақилона дифоъ намоянд. Давлат дар шахси мақомоти дахлдори худ вазифадор аст барои ҳар шахси наврас шароитеро фароҳам оварад, ки дар он кӯдакон имкони истифода ва амалисозии ҳуқуқҳои худро дошта бошанд. Ин нукта дар Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳоикӯдак (с. 1989) низ омадааст: “Давлатҳои аъзои Конвенсия ҳуқуқҳои кӯдакро, ки конвенсияи мазкур эътироф намудааст, риоя ва татбиқ менамоянд” (қ. 1, м. 2). Дар Эъломияи соли 1924 агар ҳуқуқҳои кӯдак ба сифати объекти ҳимоя эътироф шуда бошад, пас, соли 1952 дар Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдак талоши эътироф намудани кӯдак ба сифати субъекти ҳуқуқ ба назар мерасад. Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак модели нави муносибат нисбат ба кӯдакро ба вуҷуд оварда, боиси эҷоди тағйири вазъи кӯдак дар оила ва ҷомеа гардид. Дар робита ба ин, андешаи баёншудае, ки “дигар ҳеҷ яке аз ҳуқуқшиносони муосир дар ин мавзуъ баҳс намекунад, ки кӯдак ҳамчун соҳиби мустақили ҳуқуқ субъекти махсуси ҳуқуқ ба ҳисоб

меравад”[259] ҷолиб ба назар мерасад. Нигаронӣ дар робита ба ҳуқуқҳои кӯдак, ки имрӯз дар сатҳи байналмилалӣ мушоҳида мешавад, қобили дарк аст, зеро ҷомеаи ҷаҳонӣ аз мушкилоти ояндаи насли наврас ва мушкилоти ин самт дар ташвиш аст.

Бояд тасаввур кард, ки механизм аз маҷмуи унсурҳое иборат аст, ки фаъолияти ҳар кадоме аз онҳо дигареро ба худ ҷалб менамояд; моҳияти амали механизм дар он инъикос меёбад, ки унсури ба таври ҷудогона интихоб намуда, унсури дигарро водор ба амал мекунад ва ин унсур маҷмуи унсурҳои дигарро ба худ “мекашад”. Бо чунин мафҳум ва аз ин нигоҳмеханизми ҳифзи ҳуқуқҳоикӯдак дар Тоҷикистон бо ду далел, ба истилоҳ, “мелангад”.

Масоили ин самтро бояд мақомоти дахлдори ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти маориф, тандурустӣ, васояту парастории, кор ба ҷавонон, шуғли аҳолӣ, корҳои дохила ошкору бартараф намоянд. Кори назорат ба иҷрои қонунҳо, фаъолияти муассисаҳои масъули пешгирӣ аз бесарпарастӣ ва қонуншикании шахсони ноболиғ, тавассути мақомоти прокуратура сурат мегирад (қ. 3. м. 10). Парвандаҳои марбут ба шахсони ноболиғ тавассути судяҳои дорои тахассуси махсус баррасӣ мегарданд.

Лозим ба қайд аст, ки дараҷаи якум – сатҳи ҳимояи байналмилалии ҳуқуқии кӯдакон ба ҳисоб меравад. Дар ин самт санадҳои муҳимми байналмилалии ҳуқуқӣ аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (1948), Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдак (1959), Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак (1989), Қоидаҳои минималии стандарти СММ (1985), Эъломияи ҷаҳонӣ оид ба ҳаёт, ҳифз ва инкишофи кӯдакон (1990) ба тасвиб расидаанд, ки мавриди амал қарор доранд.

Кӯдакон аз лаҳзаи таъсиси СММ, яъне соли 1945 дар мадди назари ин созмон қарор дошта, яке аз санадҳои аввалини Ассамблеяи Генералии СММ

[259]Ниг.: Абрамов В.И. Защита прав ребенка в России: механизм и эффективность / Под ред. Н.И. Матузова. Саратов: СГАП, 2006. Рецензия: Глухарева Л.И. Социально-правовая энциклопедия защиты прав детства // Современное право. – 2006. – № 6. – С. 95-98.

оид ба таъсис додани Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) мебошад, ки айни замон сохтори асосии кумаки байналмилалӣ ба кӯдакон ба ҳисоб меравад. Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки аз ҷониби Созмони Милали Мутаҳид соли 1948 қабул шудааст, қайд мешавад, ки кӯдакон бояд объекти махсуси ғамхорӣ ва кумак бошанд.

Дар муқоиса бо Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдак, ки соли 1959 қабул шуда, дар он 10 принсипи кӯтоҳи дорои хусусияти эъломиявидошта дарҷ гашта буд, Конвенсиия аз моддаҳо иборат буда, қариб ҳама ҷанбаҳои вобаста ба ҳаёт ва вазъи кӯдаконро дар ҷомеа фаро мегирад. Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак на танҳо муқаррароти Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдакро тақвият ва мушаххас намуд, балки бо тасдиқи он ки давлатҳое, ки ба он ҳамроҳ мешаванд, дорои масъулияти ҳуқуқӣ буда, барои амалҳои худ нисбати кӯдакон масъуланд, мукаммалтар гардонида шуд.

Конвенсия барои тамоми халқҳо дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон аҳаммияти баробар дорад. Сарфи назар аз он ки Конвенсия меъёрҳои умумиро муқаррар мекунад, дар он воқеиятҳои гуногуни фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳои алоҳида ба инобат гирифта шудааст, ки ба ҳар як давлат имкон медиҳад, то усули миллии худро барои татбиқи ин меъёрҳо дар асоси ҳуқуқҳои умумӣ барои ҳама интихоб намояд. Бинобар ин, Конвенсия хусусияти универсалӣ дорад.

Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Конвенсия баҳои баланд дода шуда, он ҳамчун ҳуҷҷати барҷастаи инсондӯстона дар замони имрӯза шуморида мешавад. Бинобар ин, Шурои иҷроияи Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар ҷаласаи солонаи худ моҳи июни соли 1992 бори дигар ба давлатҳо пешниҳод намуд, ки ҳар сол санаи 20-уми моҳи ноябр ҳамчун Рӯзи байналмилалии кӯдакон таҷлил карда шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки Конвенсия ҳуҷҷати арзишмандтарини педагогӣ буда, ҳам калонсолон ва ҳам кӯдаконро барои муносибат намудан ба воситаи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба гуманизм ва демократизм,

эҳтиром ва ғамхорӣ ба шахсияти кӯдак ва фикру ақидаи онҳо асос ёфтааст, даъват менамояд. Меъёрҳои Конвенсия бояд асоси педагогика, тарбия ва барҳамдиҳии қатъии тарзи авторитарии муносибат байни калонсолон ва кӯдакон, муаллим ва мактаббачаҳо бошад. Ҳамзамон, Конвенсия зарурати ташаккули фаҳмиши дурусти насли наврасро дар бораи қонунҳо, ҳуқуҳои дигар шахсон ва муносибати боэҳтиромона нисбати онҳоро қайд менамояд. Мақсад ва ё идеяи асосии Конвенсия таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак мебошад ва меъёрҳои он ба чор принсипи асосии бунёдӣ, ки бояд тавассути онҳо ҳуқуқҳои кӯдакон таъмин гарданд, яъне зинда мондан, рушд ёфтан, ҳимоя ва таъмини иштироки фаъолона дар ҷомеа мебошад.

Конвенсия як қатор принсипҳои муҳимми ҳуқуқӣ – иҷтимоиро қайд мекунад, ки асоситарини онҳо эътирофи кӯдак ҳамчун шахси пурарзиш ва комилҳуқуқ мебошад. Сабаби чунин эътирофнамоӣ дар он аст, ки кӯдакон бояд дорои ҳуқуқҳои инсонӣ ҳамчун ҳуқуқҳои худ бошанд, на чун қисме аз оила, волидайн ё шахсони онҳоро ивазкунанда.

Ин принсипҳо, ки бояд ҳамаи муқаррароти Конвенсияро бо фарогирии барномаҳои миллӣ оид ба татбиқи онҳо тафсир бахшанд, аз ҷумла дар моддаҳои 2, 3, 6 ва 12-и Конвенсия баён шудаанд. Такя ба ин, давлатҳои аъзо бояд таъмин намоянд, ки ҳар як кӯдаки дар ҳудуди ҳуқуқии (юрисдиксияи) онҳо қарордошта ҳуқуқҳои худро бидуни табъиз амалӣ гардонида тавонад. Асоси ин принсип таъмини имкониятҳои баробар мебошад. Яъне, духтарон бояд бо писарон имкониятҳои баробар дошта бошанд. Кӯдакон, аз ҷумла гурезаҳо, кӯдакони мансуб ба халқҳои таҳҷоӣ ё ақаллиятҳо бояд соҳиби ҳамон ҳуқуқҳое бошанд, ки шаҳрвандони дигар низ доранд.

Муқаррароти Конвенсия вобаста ба таъмини беҳтарини манфиатҳои кӯдак ба зарурати дар навбати аввал таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба манфиатҳои кӯдак нигаронида шудааст. Яъне, дар ҳамаи амалҳо нисбат ба кӯдакон, сарфи назар аз он ки онҳо аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ё хусусии машғул ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ, суд, мақомоти маъмурӣ ё қонунгузорӣ

андешида мешаванд, ба таъмини ҳарчи хубтари манфиатҳои кӯдак бояд диққати аввалиндарача дода шавад. Тибқи моддаи мазкур, давлатҳои аъзо уҳдадор мешаванд, ки бо назардошти ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модари кӯдак, васиҳо ё дигар шахсони мутобиқи қонун барои ӯ масъулбуда ба кӯдак чунин ҳимоя ва ғамхориеро таъмин намоянд, ки барои беҳбудии ӯ заруранд ва бо ин мақсад тамоми тадбирҳои дахлдори қонунгузорӣ ва маъмуриро меандешанд.

Мутобиқи моддаи 6 Конвенсия ҳуқуқ ба ҳаёт, зинда мондан ва инкишофи кӯдакон аз ҷониби давлатҳои аъзо бояд дар ҳадди аксари имконпазир таъмин гардад. Истилоҳи дар ин модда истифодашавандаи «инкишоф»-ро ба маънии васеъ, бо назардошти ҷанбаи сифатии он бояд тафсир кард, яъне ҳадафи меъёри нишондодашуда на танҳо нигоҳдошти саломатии ҷисмонӣ, ҳамчунин, таъмини инкишофи равонӣ, ақлонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кӯдак мебошад.

Яке аз принсипҳои дигари Конвенсия (моддаи 12) ба назар гирифтани ақидаҳои кӯдак мебошад. Мутобиқи ин принсип ба кӯдакон бояд ҳуқуқи озодона баён кардани ақидаҳои худ оид ба ҳамаи масъалаҳои ба онҳо дахлдор дода шавад. Зимнан, ба ақидаҳои кӯдак “мутобиқи синнусол ва камолоти кӯдак” бояд диққати зарурӣ зоҳир гардад. Ин принсип ба кӯдакон ҳуқуқи баён кардани фикри худ ва ба таври ҷиддӣ ба назар гирифтани ақидаҳои онҳо, аз ҷумла дар ҷараёни ҳама гуна муҳокимаҳои судӣ ё маъмурии ба кӯдак дахлдоштаро дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, Конвенсия механизми назоратии онро низ ба инобат гирифта, бо мақсади баррасӣ намудани пешравиҳо аз ҷониби давлатҳои иштирокчӣ дар таъмини иҷрои ҳуқуқҳои кӯдак Кумита оид ба ҳуқуқҳои кӯдак таъсис дода шудааст. Сохтор ва функсияҳои он дар моддаҳои 43-45 Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак муайян карда шудааст.

Мутобиқи банди 1 моддаи 44 Конвенсия, давлатҳои иштирокчӣ уҳдадор мешаванд, ки ба воситаи Котиби Генералии СММ оид ба татбиқи

муқаррароти Конвенсия ба Кумита маърузаҳо пешниҳод намоянд. Ҳисоботи ибтидоӣ аз ҷониби давлат ба Кумита пас аз ду соли ба тасвиб расонидан ва минбаъд ҳар 5 сол пешниҳод карда мешавад. Конвенсия оид ба ҳуқуқҳоикӯдак дар санадҳои байналмилалӣ қоидаҳои наверо ҷорӣ намуд, ки давлатҳои иштирокчии он бояд барои риояи ин меъёрҳо саъю кӯшиш намоянд.

Конвенсия эътироф мекунад, ки на ҳама давлатҳо дорои захираҳои зарурӣ барои таъмини фаврии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, Конвенсия онҳоро вазифадор мекунад, ки ба ин ҳуқуқҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дода, таъмини риояи онҳоро ба ҳадди аксари имконпазир бо захираҳои мавҷуда таъмин намоянд.

ҶТ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ) яке аз аввалинҳо шуда, 26 октябри соли 1993 Конвенсияи мазкурро ба тасвиб расонид ва он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 25 ноябри соли 1993 эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуд. Ба ғайр аз ин, ҶТ ду протоколи иловагӣ ба Конвенсияро, ки яке ба манъи фурӯши кӯдакон, фоҳишагии кӯдакон ва порнографияи кӯдакон дахл дорад ва дигараш ба пешгирии иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона вобаста аст, ба тасвиб расонидааст.

Маърузаи аввалини Тоҷикистон дар бораи рафти иҷрои Конвенсия ба Кумита оид ба ҳуқуқҳои кӯдаки СММ соли 1998 пешниҳод гардид. Ғайр аз ин, тибқи муқаррарот Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 ва бори охир соли 2017 ба Кумита оид ба ҳуқуқҳои кӯдаки СММ маърузаҳои даврии худро пешниҳод намудааст. Маълумоти дар маърузаҳо инъикосёфта қариб ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётии кӯдаконро фаро мегирад. Масалан, ҳуқуқҳои кӯдакон ва санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳсилот; ҳуқуқҳои кӯдакони ятим ва кӯдакони бесарпараст; ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб; пешгирии ҷиноятқории кӯдакон; ҳифзи саломатии кӯдакон ва ғайра.

Тоҷикистон чун давлатҳои дигари иштирокчии Конвенсия уҳдадор аст, ки ҳуқуқҳои дар Конвенсия таҳкимбахшидашудаи кӯдаконро таъмин ва ҳифз кунад. Бо мақсади таъмини ҳифзи кӯдакон дар сатҳи давлатӣ, сохторҳои дахлдор бо проблемаҳои кӯдакон машғул шуда, ба татбиқи муқаррароти Конвенсия дар доираи салоҳиятҳои худ фаъолият мекунанд. Конституцсияи ҶТ, ки соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуд, афзалияти меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалиро нисбат ба меъёрҳои қонунгузории миллӣ эътироф менамояд. Механизми мустақими ҳифз аз ҳуқуқҳои кӯдак дар фаъолиятҳои Суди байналмилалии СММ, Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак инъикос ёфтааст. Комитети СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак пайваста аз давлатҳои аъзои Конвенсияи ҳуқуқҳои кӯдак таъсис ва ташкили мақомот, муассисаҳо ва хадамоти мустақилро барои ҳифзи риояи ҳуқуқҳоикӯдак тақозо менамояд.

Сатҳи байналмилалии минтақавии ҷомеаҳо сатҳи дуюми механизми ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакро ташкил медиҳад (Оид ба санадҳои минтақавӣ ва протоколҳои минтақавӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон ҷойгир карда шавад).

Дараҷаи сеюм ба механизмҳои дохилидавлатии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак марбут аст. Бар асоси тақсими маъмулии ҳокимият ба се шоха шартан метавон онҳоро ба системаҳои мустақили ҳамзамон ба шакли амудӣ амалкунанда тақсим намуд: қонунгузор, иҷроия, судӣ.

Зимни таҳлили таносуби равишҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак бар асоси қонунгузориҳои миллӣ, В.В. Кулапов таъкид менамояд, ки “сатҳи дохилидавлатӣ дар ин замина саҳнаи боафзалият ба ҳисоб меравад ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакон бояд дар чаҳорчӯби он татбиқу амалӣ гарданд. Ҳуқуқи байналмилалии муосир воситаҳои муассири ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакро дар ихтиёри мақомот ва созмонҳои байналмилалӣ қарор намедиҳанд. Дар айни замон, мавҷудияти механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои

кӯдак, кафолати ҷиддӣ дар роҳи татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳисоб меравад”[260].

Ба як хусусияти механизми ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар ҶТ таваҷҷуҳ менамоем. Ин механизм на фақат тақсими вазифаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакро дар миёни мақомот ва муассисаву ташкилотҳо пешбинӣ мекунад. Ин вазифаҳо, ҳамчунин,, аз рӯи дараҷаи механизми таҳқиқ, яъне байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ низ тақсим мегарданд[261]. Дар сатҳи ҳар кадом аз ин механизмҳо вазифаҳои ҳаҷман мухталиф доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва манфиатҳои он ҳаллу фасл мегарданд. Ваколати мақомоти мухталиф тавассути санадҳои меъёрӣ ва қонунгузориҳои махсус оид ба ҳуқуқҳои кӯдак муайян мешавад. Зиёд будани миқдори субъектҳое, ки дар заминаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак фаъолият мебаранд, аҳаммияти ҳамоҳангии фаъолиятҳои муштарак оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кӯдакон афзоиш медиҳад. Дар ғайри ин сурат, ноил шудан ба беҳбудии вазъи ҳифзи ҳуқуқҳоикӯдак дар ҶТ ғайриимкон хоҳад буд[262].

Самтҳои зерини фаъолияти давлат оид ба ҳуқуқҳои кӯдак муҳим ба назар мерасанд:

– санадҳои қонунгузорие қабул мешаванд, ки дар онҳо кафолат ва меъёрҳои амалисозии кафолатҳо муайян мегарданд;

– эҷоди механизм ва ниҳодҳои муайян барои таъмини татбиқи меъёр ва кафолатҳои мазкур;

– таҷриба, меъёр ва ниҳодҳо такмил меёбанд, шароити иловагӣ, ки бинобар тағйир ёфтани чораҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра фароҳам меоянд, зеро ҳифзи ҳуқуқ раванди дар ҳоли рушд ва таҳаррук мебошад[263].

Дар марҳилаи муосир на танҳо зарурати эҷоди меъёрҳои ҳуқуқии ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак, балки зарурати ҳамкории муштарак миёни

---

[260]Ниг.: Кулапов В.В. Защита субъективных прав и законных интересов детей в РФ. – Саратов 2004. – С. 76.
[261]Ниг.: Макеева А.А. Реализация международно-правовых норм в сфере защиты прав детей // Российского права. – 2011. – № 9. – С. 100-106.
[262]Ниг.: Троицкий А.А. Некоторые особенности процессуальной дееспособности несовершеннолетних детей // Семейное и жилищное право. – 2013. – № 3. – С. 9-11.
[263] Ниг.: Никитина Е.М. Актуальные проблемы охраны прав детства в современной России, пути решения этих проблем // Вопросы юстиции. – 2007. – № 2 (11). – С. 21-34.

ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа рӯзмарра ва актуалӣ ба назар мерасад. Дар ин миён лозим ба зикр аст, ки ниҳодҳои нисбатан муҳим ва калидии ҷомеа оила, мактаб, таҳсилот, фарҳанг ва ғайра боқӣ мемонанд.

Механизми ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак дар ҶТ иборат аст аз:

– чораҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак дар ҷараёни фаъолиятҳои вобаста ба таълиму тарбия;

– ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳифзи саломатӣ, ки тавассути ироаи кумаки ройгони тиббӣ ва ташхиси тиббӣ татбиқ мегардад;

– ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак оид ба омодасозии касбӣ фаннии ноболиғон;

– ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак ба тандурустӣ ва тавонбахшӣ;

– ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон ҳангоми таъсиси сохторҳои иҷтимоӣ, истифодаи мақсадноки сохторҳои мазкур;

– ҳифзи кӯдакон аз иттиллоот, таблиғот ва ташвиқоте, ки ба саломатӣ ва рушди ахлоқиву маънавии кӯдак зиён мерасонад;

– ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдаконе, ки дар шароити душвори иқтисодӣқарор доранд, тавассути тавонбахшии иҷтимоӣ, ҳимояи судӣ бо мақсади таъмини рифоҳи шахсӣ ва иҷтимоии кӯдак.

Ҳадафи ҳифз ва таъмини ҳуқуқи иҷтимоиву педагогии кӯдак дар Тоҷикистон, васеъ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ маънавӣ, эътироф намудани арзишҳои гуманистӣ, принсипҳои озодӣ ва кафолати ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳисоб меравад. Ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқ эътироф намудани кӯдак, арзишҳои олӣ эълон намудани ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдак, аз хусусиятҳои фарқкунандаи механизми иҷтимоӣ – педагогӣ ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак маҳсуб мешаванд[264].

Ҳамин тавр, метавон натиҷагирӣ намуд, ки истифодаи воситаҳои педагогӣ дар фаъолиятҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, боиси афзоиши муассирияти фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ дар заминаи ҳифзи ҳуқуқ

[264]Ниг.: Васильева И.В. Защита прав несовершеннолетних при организации образовательного // Законность. – 2014. – № 7. – С. 27.

мегардад. Ҳифзи ҳуқуқи ноболиғон аз лиҳози иҷтимоӣ ва педагогӣ, истифода аз шаклу методҳои мухталифи ҳуқуқӣ, кормандони соҳаи иҷтимоӣ, маориф, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони ташкилоту созмонҳои иҷтимоиро пешбинӣ ва тақозо менамояд.

ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

